**Абдулвоҳид АБДУЛҲАЕВ,**
**ассистенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# НАҚШИ АРЗАНДАИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАШАККУЛИ МАОРИФИ МИЛЛӢ

Истиқлол барои ҳар як кишвар падидаи ниҳоят муқаддас буда, барои мушарраф гаштан ба истиқлоли пойдор ва рушду нумуи он халқу миллатҳои олам чӣ қадар ҷоннисориҳо кардаанд. Агар мо ба таърихи башарият назар афканем, шоҳиди он мегардем, ки аз замони пайдоиши нахустин давлатҳо одамон кӯшиш бар он менамудаанд, ки Истиқлоли давлатии хешро ҳифз ва мустаҳкам намоянд, зеро ҳар як давлате, ки нисбатан неруманд мегардид, талош бар он менамуд, ки аз ҳисоби забт намудани ҳудуди кишвари дигар ва ба даст овардани захираҳои моддиву маънавии он инкишофи хешро таъмин намояд.

Дар ҷаҳони имрӯз низ халқияту миллатҳое, ки ҳанӯз ба истиқлоли хеш дастёб нагардидаанд, ҳамеша талош меварзанд ва ҳар гуна мушкилоту монеаҳоро паси сар мекунанд, то дар ниҳояти кор ба истиқлоли давлатии хеш мушарраф гарданд. Мавриди зикр аст, ки истиқлоли сиёсӣ барои ҳар як давлати демократӣ ҳамчун падидаи ҳаётан муҳим ба ҳисоб рафта, дар ташаккул ва рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мақоми хосса дорад. Махсусан, истиқлоли давлатӣ дар ташаккули маорифи миллӣ ниҳоят саҳми арзанда гузоштааст.

Маориф яке аз соҳаҳои асосии пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад, ки тақдири рушди ояндаи кишвар ба он зич вобаста аст. Ин аст, ки ҳамасола Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ зимни таҳлилу баррасии бахши иҷтимоӣ ба масъалаи маориф ва илм диққати махсус зоҳир менамоянд. Роҳбари давлат дар ин самт тазаккур медиҳанд, ки **дар даврони соҳибистиқлолӣ мо бунёди маорифи миллӣ, ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додаем. Зеро мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад** [1].

Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи хонандагону донишҷӯён ва магистрантон дар низоми маорифи кишвар ва дар ин раванд, ба маротиб афзудани маблағгузории соҳа аз буҷети мамлакат аз пешрафти соҳаи маориф ва илм далолат медиҳад. Дар давоми ин солҳо соҳаи маорифи кишвар ба як ҷаҳиши бузурге рӯ ба рӯ шуда, ба низоми байналмилалии маориф шомил гардид.

Дар самти амалинамоии сиёсати давлатии Ҳукумати мамлакат нисбат ба соҳаи маориф нақши асосиро ниҳоди ваколатдори соҳа - Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд. Вазорати маориф ва илм фаъолияти худро бо мақсади таҳкими ҳадафҳои аслии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бунёди ҷомеаи мутамаддини демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва дорои иқтисоди пешрафта ба роҳ монда, бахри ташкил ва танзими низоми таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ба омода намудани мутахассисони баландсавияи дар бозори меҳнат рақобатпазир, табдил додани муассисаҳои таълимии кишвар ҷаҳду талош менамояд.

Дар ҷумҳурӣ бо мақсади бештар намудани таваҷҷуҳи аҳолӣ ба соҳаи маориф ва ҷалби ҳамаи имконоти мавҷуда ба ин самт, давоми



солҳои соҳибистиқлолӣ чораҳои муҳимми амалӣ андешида шудааст. Новобаста аз мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва амниятии солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар дар соҳаи маориф дастовардҳои назаррас ба вуҷуд омаданд. Тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар саросари мамлакат муассисаҳои нави таълимии зиёде бунёд гардида, ба истифода дода шуданд. Агар соли 2017 низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар расидааст. Тибқи дурнамо ин шумора то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад [2].

Гуфтан мумкин аст, ки айни ҳол беш аз 70 дарсади муассисаҳои таълимии дар мамлакат амалкунанда, дар даврони соҳибистиқлолӣ, таҳти сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохта шудаанд.

Ба шарофати сулҳу суботу оромӣ ва чораҷӯии саривақтии давлату Ҳукумати мамлакат дар кишвар муассисаҳои таълими типи нав, ба мисли литсей, гимназия, мактаби президентӣ, мактаби байналмилалӣ ва мактаб барои хонандагони болаёқат таъсис дода шудаанд, ки дар пешбурди соҳаи маориф ва таълиму тарбияи насли наврас фаъолияти назаррас доранд [3].

Таҳсилоти томактабӣ низ дар кишвар фаъол буда, теъдоди зиёди муассисаҳои таълимии томактабии хусусӣ ва давлатӣ дар давоми солҳои Истиқлоли давлатӣ сохтаву ба истифода дода шуданд, ки то имрӯз 104 921 ҳазор нафарро фаро гирифтаанд ва дар онҳо мураббияҳои соҳибкасб ба тарбияву таълими кӯдакони синни томактабӣ машғул мебошанд.

Чӣ тавре аз рӯи оморҳои Вазорати маориф ва илм маълум гардид, соли 2023 дар асоси дархости раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нашри 95 номгӯй китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо теъдоди 5 миллиону 342 ҳазор нусха ба нақша гирифта шуда, бо дарназардошти китобҳои дарсии дар захираи анбори вазорат мавҷудбуда 6 миллиону 313 ҳазору 619 нусха адабиёти таълимӣ ба раёсат ва шуъбаҳои маориф дастрас шудааст.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ масъалаи тайёркунии кадрҳои баландихтисос ва соҳибтаҷриба қисман ҳал гардида, дар ин замина чандин муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таъсис ёфтанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ шумораи ҷавонону наврасони боистеъдоде, ки барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода мешаванд, зиёд гардидааст. Имрӯзҳо шумораи онҳо 40 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии давлатҳои

хориҷӣ олам таҳсил мекунанд.

Дар ягон кишвари дунё низоми маорифро бе омӯзгорони соҳибтаҷриба, донишманд ва корозмуда тасаввур кардан мумкин нашояд. Саҳми омӯзгорон дар рушди соҳаи маориф бузург буда, хидмати содиқонаву пурмасъулияти онҳо дар тарбияи кадрҳоиояндасози миллат, пешрафти соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва дар умум, ба рушди устувори кишвар ва боло рафтани эътибори Тоҷикистон дар арсаҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд. Бояд гуфт, ки муносибати ҷиддӣ ба соҳаи маориф, дар сиёсати давлатӣ ба миён гузоштан ва ҳалли масъалаҳои ҷойдоштаи ин соҳа аҳаммияти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маърифативу фарҳангӣ дорад.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ 21-уми декабри соли 2021 рушди доимии соҳаи маориф ва илмро дар тӯли солҳои Истиқлоли давлатӣ мусбат арзёбӣ карда, ҳамзамон, таъкид намуда буданд: **“Бо вуҷуди он ки раванди таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ба низоми муайян даромадааст, зарур аст, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз зуд кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад”**[1].

Дар шароити имрӯз низоми таҳсиле, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъол аст, бояд бо кадрҳои баландихтисос таъмин карда шавад. Ин нуктаро Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намуданд: **«Роҳбарони муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти омӯзгорон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, бахусус, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ, такмили ихтисосу бозомӯзӣ ва тарбияи омӯзгорони ҷавони баландихтисос ва талаботи замона ҷавобгӯй дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот эътибори аввалиндараҷа диҳанд”** [1].

Инчунин, барои пешрафти илм ба олимони ҷавон маслиҳатҳо дода, Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки **олимон бояд, асосан, дар соҳаҳои фаъолияти худ ба пешниҳоду навовариҳо дар соҳаҳои пешрафти “Иқтисоди миллӣ” ва “Энергияи сабз” ва дар ин раванд омӯзиши омилҳо ва манбаъҳои асосии пешрафти ин соҳаҳо дар шароити кишвари мо диққати махсус зоҳир намоянд.**

Маориф дар фаҳмиши васеи имрӯза яке аз масъалаҳои ҳаётӣ ва глобалии асри XXI мебошад. Инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, таъмини аҳаммияти милливу давлатӣ ва умуман, ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техникаву технология, илму фарҳанг, пеш аз ҳама, ба рушди босуботи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таҳсилоти шаҳрвандони Тоҷикистон ва пай дар пай такмил додани самтҳои гуногуни идоракунии соҳаи маориф вобаста мебошад.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлилу тадқиқи масъала маълум гардид, ки Истиқлоли давлатӣ ҳамчун яке аз падидаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, таваҷҷуҳи муҳаққиқони масъалаҳои мухталифи ҳаёти сиёсии ҷомеаро ба худ ҷалб намудааст. Таҷрибаи таърихии кишвардорӣ худ собит менамояд, ки бе мавҷудияти истиқлоли комил давлатҳо наметавонанд рушд намуда, инкишофи муттасили хешро таъмин созанд. Аз ин ҷост, ки ҳамаи давлатҳо ва халқу миллатҳо ҳамеша истиқлоли хешро гиромӣ медоранд ва бахри пойдор нигоҳ доштани саҳми он дар самти таҳкими низоми маориф ва илм талош меварзанд.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021.: http://www.president.tj/node/27417.
2. Турсунова З., Маориф муҳимтарин соҳаи рӯзгори мост. https://www.tajmedun.tj/tj/nazare-ba/i-timoiyet/maorif-mu-imtarin-so-ai-r-zgori-most/.
3. Маорифи миллӣ: дастовард ва мушкилот аз нигоҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ. https://maorif.tj/ahborot/maorifi-mill-dastovard-va-mushkilot-az-nigoi-omeai-sharvand.

**Саймумин ЯТИМОВ,**
**профессор**



# МУАЛЛИМИ МАН

Бузургтарин неъмате, ки дар дунё арзи ҳастӣ мекунад, илму дониш ва фарҳангу маърифат аст.

Мактабҳои миёнаву олӣ на барои он ифтихор мекунанд, ки чӣ миқдор шогирд тарбия кардаанд. Бо он фахр доранд, чӣ қадар шогирд тарбия кардаанд, ки барои мардум ва ҷомеа фоидабахш будаанд.

Дар давлат бузургтар ва муқаддастар аз мактаб дигар муассисае вуҷуд надорад. Ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад. Он чизе, ки дар ҷомеа ҳаст – сохти давлатдорӣ, сулҳу суботи имрӯзу оянда, рушду тараққиёт аз мундариҷа, муҳтаво, сифат ва натиҷаи кори мактаб вобаста аст. Ва **«Мактаб нерумандтарин воситаи озод кардани инсон ва нерумандтарин воситаи ғулом кардани инсон мебошад. Дар давлати озод мактаб воситаи озод кардан ва дар ҷамъияти тафаккури маҳдуд воситаи ғулом кардани инсон аст»** (В. Либкнехт).

Муҳимияти мактаб – аз ҳафт то ҳаждаҳ соли ҳаёти инсонӣ фурсати бунёди таҳкурсии ҳаёти боқимондаи одам аст.

Дар мавриди фаъолияти мактаб гуфтан мушкил аст, ки чӣ дар ҷойи аввал меистад – таълим ё тарбия?

Инҳо мафҳумҳои якдигарро пурракунанда мебошанд. Бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Дар ин маврид метавон баҳс кард. Лекин ба андешаи мо, дар ҳар ҳолат, тарбия дар ҷойи аввал меистад. Он мафҳуми полисемӣ, ҷамъбастӣ, хулосавӣ ва муайянкунанда аст.

Таълим муҳимтарин воситаи системакунонӣ, асоснок намудан, тақвият бахшидани маънавияти инсонӣ, танзимгари ният ва нақшаҳои созандаи тарбия аст.

Илм воқеиятбахшӣ, самаранокӣ, натиҷагирӣ ва самтҳои таълимро муайян ва таъмин мекунад. Ва албатта, **«Тарбия ва фақат тарбия - мақсади мактаб мебошад» (И.Песталотси).** Маърифаткунонӣ бошад, асбоби тарбия аст.

Дар ҷараёни таълиму тарбия муаллим шахсияти марказӣ, офарандаи фазо ва амаликунандаи мақсадноки тарбия аст.

Бинои ҳозиразамони мактаб, васоити техникӣ, синфҳои компютерӣ, майдончаҳои барҳавои варзишӣ, гарчанде муҳиманд, аммо нақши марказонидашудаи муаллим меҳвари муайянкунандаи ҷараёни маърифаткунонии бунёдии ҷомеа буд, ҳаст ва боқӣ хоҳад монд.

Дар ҳар мактаб, ҳадди ақал, мебояд чанд муаллиме фаъолият кунанд, ки талабагон имкон дошта бошанд, то дар сатҳи кадом як синфе «аз дасти онҳо гузаранд». Муаллимоне, ки дар тахассусмандӣ, мақсаднокӣ ва самтгирии тарбияи шогирдон хотирмон бошанд. **«Омили худшиносӣ ва ҳидояткунандаи шинохти воқеияти ҳастӣ гарданд»** (Г.В.Ф. Гегел).

Агар мактаб ин имкон ва қудратро дошта бошад, худкифо ва комгор аст.

Барои ман ҳамчунин муаллим, ки баъдан тамоми умр «ангушт газидане ба шогирдон монд», Усмон Раҳмонов буд.

Ӯ як марди қоматбаланд ва тануманд, ба андозаи баданаш каллаи калон дошт. Сафедпӯст, чашмони тоҷикии моил ба ҷустуҷӯйи дарки умқи инсонӣ, ҳаракатҳои бидуни кӯшиши зиёдатии аз худ гузоштани таассурот ба фоидаи эътирофи фазилатҳои хеш, камгап, аммо хушсухан, ҷиддӣ, лекин кушодарӯ, донишманд, вале хоксор, серталаб, ҳамзамон одил буд.

Муносибати ӯ бо атрофиён дар мувозинат ба синну сол ва манзалати онон қарор дошт.

Шояд дақиқ набошад, аммо чунин ба назар мерасид, ки Усмон Раҳмонов ба ҳамсуҳбат зиёд эҳсоси ниёзмандӣ намекард.

Ё чунин хислат дошт.

Ба назари мо, шогирдон менамуд, ҳамсонеро, ки ӯ дар дараҷаи ҷаҳонбинӣ, дониш, дарки воқеияти ҳастӣ ва умқи муҳокимаронӣ наздик ба худаш бошад, камтар пайдо мекард.

Аз ҳамин ҷиҳат, муомилаи Усмон Раҳмонов бо дигарон дар дараҷаи салому алейк, ҳолпурсӣ ва тасдиқи воқеии эҳтиромоти якдигарӣ маҳдуд мегашт.

Аз худ шахси андешаманд, огаҳ ва моил ба навҷӯиро мемонд. Кӯтоҳсухан буд. Аммо ҳар вақт маънӣ, фикри бикр ва андешаи ҷолиби таваҷҷуҳ мегуфт. Соҳибмаълумоти воқеоти замони зуд тағйирёбанда буд. Гумон мекардӣ, ки ин шахс дар бораи тамоми рӯйдоде, ки дар табиат, ҷамъият ва маънавиёт мегузарад, маълумоти батафсил дорад. Агар нафаре зарурат ба дониш дошта бошад, метавонад дар ин бора аз ӯ маълумоти пурра бигирад.

Бо ҳамин хислату фазилати шояд барои худи ӯ ноаён, таваҷҷуҳ ва эҳтироми ҳамагонро ба худ ҷалб мекард.

Усмон Раҳмонов дар ҳамсояқишлоқи мо – Иттифоқ зиндагӣ мекард. Ба кор пиёда омаду рафт дошт. Масофа севу ним – чор километр бошад ҳам, аз ягон намуди нақлиёт истифода намебурд.

Соле, ки мо дар синфи панҷум мехондем, ӯро директори мактаб таъин карда буданд.

Фақат шиму костюми сиёҳ, куртаи рангаш сафед ё ширчойӣ, кафши якхелаи сиёҳ мепӯшид. Тоқии чустӣ мемонд. Ранги тоқӣ хира нашуда, онро иваз мекард. Либосҳои муаллим доимо пок ва ниҳоят эҳтиёткорона дарзмолшуда буданд. Сарфи назар аз боду ҳаво ва масири деҳа пойафзолаш доимо тозаву озода буд. Бо гузашти чанд сол, вақте собиқ шогирдон дар бораи хислатҳои муаллим Раҳмонов суҳбат мекардем, яке аз ҳамсинфони мо гуфт:

– Ёд доред, дар давоми дарс муаллим Раҳмонов гоҳо аз ҷайб рӯймолчаи дастиашро бароварда, бо назокати хос ва номаълум пешонии худро пок мекард. Ин рӯймолча хеле тоза, ҳарир, эҳтиёткорона чоркат ва дарзмолшуда, монанд ба коғази оҳарии дастнорасидаи хат-хат буд.

Он вақт бори дигар фаҳмидам, ки на танҳо ман, балки дар ҳамон синну соли наврасии мактаби ҳаштсолаи деҳоти дурдаст, хонандагон ба камтарин ҷузъиёти рафтор, гуфтор, тарзи либоспӯшии муаллимон таваҷҷуҳ мекарда будаанд ва он якумр дар хотири шогирдон боқӣ мемондааст.

Баъзе муаллимон бо сабаб ё шояд баҳона, ягон ё якчанд дақиқа ба дарс дер мекарданд. Дар чор соле, ки муаллим Раҳмонов моро аз таъриху география дарс мегуфт, бо ӯ як дафъа ҳам чунин лаҳза иттифоқ наафтода буд.

Мо дарси муаллим Раҳмоновро бесаброна интизор мешудем. Аммо чӣ тавр ин соатҳо мегузаштанд, бехабар мемондем. Ва баъзан чунин ҳолат мешуд, ки аз ҳисоби танаффус ҳам ӯ ба суолҳои мо ниҳоят бодиққат ва мушаххас ҷавоб медод.

Боиси таассуф буд, ки дар замони то Истиқлоли давлатӣ, ба барномаи дарсии «Таърихи Тоҷикистон» таваҷҷуҳи камтар зоҳир мешуд. Соатҳо басанда набуданд. Ба ғайр аз ҳафриёти археологӣ дар мавзеъҳои Аҷинатеппа, Кайкубод, Тешиктош ва баъзе дигар рӯйдодҳои начандон муассири таърихӣ, маълумоти ҷолиби таваҷҷуҳе мавриди омӯзиш қарор намегирифт. Донишҳо доир ба таърихи халқи тоҷикро мо бештар аз китобҳои дарсии адабиёти тоҷик мегирифтем.

Китобҳои асосии дарси таърих ва география – «Таърихи СССР» ва «Географияи табиии СССР» буданд.

Ин китобҳо ҳам берун аз Тоҷикистон таълиф мешуданд. Барои тамоми хонандагони шашяки рӯйи замин ягона маҳсуб мегаштанд. Ба забонҳои миллӣ тарҷума мешуданд. Аммо эътироф бояд кард, ки дар замони Шуравӣ барои коркарди барномаҳои таълимӣ, навиштани китобҳои дарсӣ беҳтарин мутахассисон – олимони номдоре, ки дар эҷоди асарҳои илмӣ, илмӣ - педагогӣ машҳуру маъруф буданд, ҳамзамон, муаллимони эҷодкор ва забардасти мактабҳои олии мамлакат ба ҳисоб мерафтанд, ҷалб мешуданд.

Ҳамин тариқ, китобҳои номбаршуда – таъриху ҷуғрофияи Ватани маҳбуби замонро мо сидқан қабул мекардем. Аз таги дил мехондем. Ба маънӣ ва мантиқи онҳо эътимоди бузург доштем.

Бидуни шак, муҳтавои кори мактаб ҳам дар барнома ва ҳам дар китобҳои дарсӣ қатъиян мувофиқ ба сиёсати расмии давлатдорӣ ташкил

мешуд. Коркард мегардид. Ифода меёфт. Роҳандозӣ мешуд. Муҳтавои ин фаъолият манфиати субот ва пешрафти ҷомеаро дар назар дошт. Нуқтае барои эҷоди шубҳа нисбат ба ҷаҳонбинии илмӣ намегузошт.

Муаллим Усмон Раҳмонов ба дарсҳо бо тайёрии ҳаматарафа меомад.

Мо, шогирдони собиқ, то ҳол фикр мекунем, ки ӯ маводи дарсии мактаби миёнаро ҳанӯз дар замони донишҷӯйӣ ниҳоят хуб аз бар карда будааст. Зеро мо ҳис мекардем, донишҳое, ки муаллим ба мо медод, хеле васеъ аз доираи мавзуъ ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ буданд.

Воқеан, **«Барои он ки дигарҳоро омӯзонӣ, бояд худат бисёр чизҳоро донӣ»** (В.Короленко).

Ҳамзамон, эҳсос мегардид, ки муаллим китоби дарсиро бо дарки умқи фаҳми муаллифи он аз худ кардааст. Адабиёти иловагӣ дастрас намудааст. Онҳоро хуб омӯхтааст. Барои мисол, аввалин бор маҷаллаҳои машҳури илмӣ ва илмӣ-оммавии «Вопросы истории» ва «Вокруг света»-ро мо хонандагони мактаби деҳот, дар дасти муаллим Раҳмонов дида будем.

Ӯ дар дарсҳо суханҳои нав ва махсусан ҷолиб мегуфт. Муҳокимаронииҳои донишмандона мекард. Вобаста ба мавзуъ мисолҳои ҷолиби таваҷҷуҳ меовард. Дили шогирдони ташнаи донишро тасхир менамуд. Мо, талабагон, байни худ пичир-пичир мекардем, ки ин навгӯӣ ва навгониҳои муаллим ба мавзуи дарс аз китобу маҷаллаҳои иловагӣ аст. Ва чунин хулосаҳо асоснок буданд.

Усмон Раҳмонов дарси навро чунон далелнок ва завқманд  мебурд, ки мо на танҳо вазифаи хонагиро тайёр мекардем, балки бетоқатона дарси навбатӣ – мавзуеро, ки ҳанӯз муаллим нагузаштааст, мехондем. Мехостем фаҳмем, ки давоми мавзуъ чи гуна вусъат пайдо мекарда бошад. Ҳамзамон, ин амал ба мо имкон медод муҳокимаронӣ кунем, то кадом дараҷа муаллим аз маводи нав, ки дар китоби дарсӣ нест, истифода мекардааст.

Вақте фаҳмидем, ки чунин муносибати Усмон Раҳмонов ба дарс тасодуфӣ ва лаҳзагӣ нест, шакли фаъолияти доимии ӯст, аввалин бор ташаббускорона барои худ дафтари дарси таърих кушода, суханҳои ӯро мисле, ки дар мактаби олӣ лексия гӯш мекарда бошем, менавиштем. Аммо муаллим ба ин кори мо зиёд таваҷҷуҳ намекард. Ӯ роҳу усули дарсдиҳии худро ҳамон тарз идома медод.

Он замон беҳтарин асбоби аёнӣ харита буд. Муаллим вобаста ба мавзуи дарс харитаи мувофиқро интихоб карда меовард. Онро ба тахтаи синф насб мекард. Ҳангоми дарс гуфтан худ ба худ маълум мешуд, ки Усмон Раҳмонов ин харитаҳоро аз ёд медонад. Дар дараҷаи ниҳоят баланди тахассусмандӣ матни маводи дарсиро бо харитаи марбута пайваст карда метавонад.

Яке аз мавзуъҳое, ки шогирдонро ҳайратзада мекард, дар тахтаи одии синф бо бӯри одӣ кашидани харитаҳои ҷангӣ, муайян кардани мавқеъҳои муҳорибаи тарафҳо, самтҳои ҳуҷум, тағйир ёфтани мавқеи низои ҷонибҳо, истифодаи санъати ҷангӣ, зарба задан ба мавқеи душман аз камин ва самтҳои барои рақиб ногаҳонӣ, ҳамзамон бо ин, ном ба ном донистани фармондеҳони қӯшунҳои тарафҳо, генералҳо ва афсароне, ки дар рафти ҷанг роҳу восита ва корнамоиҳои фавқулода нишон медоданд, ба ҳисоб мерафт.

Ӯ тавассути шарҳ додани муҳтавои воқеа, зуҳурот ва ҳодисаҳо қадам ба қадам ба моҳият ва мақсади дарс наздик мешуд. Ба воситаи тафсири мундариҷаи мавзуъ бо далелҳо, ноаён, зина ба зина эҳсоси хонандаро ба муҳтавои масъала, тавре ки мехост, бедор мекард. Кӯшиш менамуд, ки моҳияти мавзуъ бо заҳматҳои асиле, ки мекашид, ба хонандагон равшану фаҳмо гардад.

Психологияи шогирдонро хуб медонист. Ва аз ин мушоҳида ва хулосаҳои омӯзандаи худ муваффақона истифода мекард.

**Муҳтаво ва мундариҷаи ҷаҳонбинии инсон дар таносуб ба илм мисли муҷассамаест, ки бояд хосияти бунёдӣ дошта бошад.** Ояндаи инсон вобаста ба он аст, ки ин таҳкурсӣ аз кадом мавод, барои кадом иморат ва барои чӣ таъйиноте сохта шудааст? Ин зербино дар **«Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест гирду гардон аст, Ҳамеша то бувад оин-ш, гирдгардон буд»** (Рӯдакӣ) тобовар ҳаст ё не?

Агар омадани инсон ба дунё як навъ имтиҳон барои ӯ бошад, он аз мубориза ҳои сегона оғозу анҷом меёбад. Албатта, онҳоро «табиат», «ҷамъият» ва «тафаккур» мегӯянд.

Ҳамин тариқ, оё ин таҳкурсӣ тавонеро до-

рад, ки дар болои он бинои зиндагии мақсаднок, барои манфиати худи инсон, ки таъиноти ҷомеаро дар назар дорад, бунёд шавад?

Муаллими мо ин нозукиҳоро хеле хуб медонист. Кӯшиш мекард бо мисолу далелҳои таърихӣ моро бовар кунонад, ки одам қудратмандтарин муъҷизаи табиат аст. Аз ӯ нерумандтар дар олам чизи дигаре нест. Фақат гап сари он аст: ӯ мақсадгузории худро, ки доимо барои беҳбуди зиндагии воқеӣ, заминӣ равона шудааст, бо кадом роҳу восита амалӣ карданӣ аст.

Мехост шогирдонро соҳибмаърифат, мустақил, ҷӯянда, навовар, нотарс ва мубориз тарбия кунад. Ва ин сифатҳо коромади манфиатҳои Ватан бошанд. Доштани чунин хислатҳоро шарти ба ҳам мувофиқ омадани неруҳои рӯҳӣ ва ҷисмонӣ медонист.

Рӯзе устоди мо дар дарси география дар бораи таърихи кушодани қитъаи Америка муҳокима ронда, суханҳои иродатманди кашфкунандаи «**Ҷаҳони нав**»-ро хеле муваффақона мисол овард: **«Эй мардум! Ман як нафар камбағали генуягӣ ҳастам, ки ба Лиссабон омадаам! Китобҳои кӯҳна мефурӯшам. Ва харитаҳои баҳрӣ мекашам. Агар замоне шумо шунидед, ки дар олам қитъаи наве кушода шудааст, диста бошед, ки ин корро каминаи камтарини шумо, Христофор Колумб кардааст!!!»**.

Муаллим Раҳмонов ин суханҳоро тарзе образнок ва ботантана мегуфт, ки гӯё худи ӯ Христофор Колумб бошад ва ӯро ифтихори кушодани чунин қитъа дар пеш аст. Ва мехоҳад аз байни мо, талабагон, дар ин кори ниҳоят хатарнок, аммо шарафманд, ҳамсафари донову ғаюр интихоб ва омода кунад.

Ҳангоми таълими дарсҳо муаллими мо мекӯшид, ки дар шуури шогирдон ҷаҳонбинии илмӣ тарбия кунад, то онҳо ҷаҳонро на аз рӯйи таассубу хурофот, афсонаҳои бепоя, балки бо чашми хирад нигаранд. Дар зиндагӣ фиреб нахӯранд. Раҳгум назананд. Эътиқоди бунёдии илмӣ ҳамсафари ҳаёти онҳо бошад.

Кушодани қитъаи навро аз ҷониби Колумб натиҷаи панҷ хислати бузурги ӯ маънидод мекард: муҳаббат доштан ба китоб, сару кор гирифтан ва омӯхтани адабиёти илмӣ (1), касбияти олӣ (2), иродаи қавӣ (3), ватанпарварӣ (4) ва ҷасуриву далерӣ (5).

Мо, бачаҳои давр, ба зоҳир ва рафтору кирдори муаллимамон нигариста, суханонашро гӯш карда, ба ӯ эътиқод доштем. Аз ӯ ифтихор мекардем. Муътақид будем, ки ҳамин панҷ хислат дар ботини худи муаллими мо Усмон Раҳмонов ғолибият дорад ва мо бояд пайрави ӯ бошем.

Муаллими мо кӯшиш мекард, ки бачаҳо аз ҷаҳонбинии ғайриилмӣ, он чизе ки аз ҳақиқат дур аст, дар таҷрибаи таърихӣ собит нагаштааст, барои тараққиёти илму маърифат монеа эҷод мекунад, фосила бигиранд.

Таъкид мекард, ки қимати инсон баробар ба дараҷаи дарки олами воқеӣ тавассути ақлу донишу таҷриба аст. Инсон ҳамон вақт ба зиндагии шоиста муяссар мешавад, донад, ки бузургтарин офаридаи табиат ва ҷамъияти инсонӣ худи Инсон аст.

Вақте муаллим дар бораи таърихи мамлакатҳои Шарқ ва Африқои Шимолӣ суҳбат мекард, бо мисолҳои дақиқ шарҳ медод: то вақте ки инсон қудрати фаҳмидани сирри қувваҳои олами атрофро надорад, вай маҷбур мешавад кӯр-кӯрона ба тақдир тан диҳад. Ӯ гаштаву баргашта таъкид мекард, ки фақат дониш метавонад ба одамизод сабабҳои бадбахтии ӯро ошкор созад. Роҳҳои хушбахтӣ ва пирӯзиашро нишон диҳад.

Усмон Раҳмонов зинаҳои тараққиёти инсониро бо мисолҳои одӣ мефаҳмонд. Дар яке аз дарсҳо аз таърихи асрҳои миёна, дар бораи чи тавр аз феодализм ба капитализм гузаштани халқҳои Аврупоро дар мисоли корхонаи сӯзанбарорӣ мисол овард.

Барои ноил гаштан ба мақсади дарс, ӯ ҷараёни аз филизот то маҳсулоти тайёр шудани ин асбоби одӣ – ҷараёни истеҳсолотро ба мо, бачаҳои деҳот, нақл кард. Ин дарс чунон ҷолиб буд, ки гӯё худи муаллим коргари одӣ, муҳандис, технолог, мудири шуъбаи санҷиши сифати маҳсулот, сардори сех, директори корхона, корманди агентии рекламаи маҳсулоти тайёр, сардори муассисаи фурӯши мол ва оқибат истифодабарандаи он бошад.

Барои мо мавзуъҳои аввалин бор дар Белгия сохта шудани роҳи оҳан, аз ҷониби Ричард Треветик ихтироъ гардидани мошинаи бо буғ ҳаракаткунанда ва монанди ин кашфиёт ҷолиби таваҷҷуҳи махсус буданд.

Муаллим, ҳамзамон, омилҳои пешрафти

мардуми Ғарбро тафсир мекард. Таъкид менамуд, ки ҳарчи бештар донишҳои худро дар самти илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ сайқал диҳем ва истифода намоем.

Вобаста ба мавзуъҳое, ки устоди мо, тибқи барномаи таълимӣ, бароямон дарс мегуфт, таъкид менамуд, ки табиат дару девор, мошин, роҳҳои оҳан, нақбҳо, нақлиёт ва неругоҳҳои обии барқиро намесозад. Ҳамаи инҳо маҳсули майнаи инсони босавод, мутахассис, ба тарзи дигар, натиҷаи донишҳое ҳастанд, ки дар шакли воқеӣ, моддӣ, зинда рӯйи кор оварда шудаанд.

Яке аз суханҳои хотирмони муаллим Раҳмонов барои шогирдон, ки ҳамзамон, мо онро кӯтоҳнавис карда, баъдан як умр фаромӯш накардем, он буд, ки таърихи тараққиёти ҷамъият аз таърихи инкишофи табиат фарқ мекунад. Агар мо дар ин маврид таъсири инсонро ба табиат ва ҳолати баръаксро ба назар гирем.

Дар табиат, дар маҷмуъ, ҳодисаҳои пайдарҳам ва ба якдигар вобаста рӯй медиҳанд. Онҳо қонунмандиҳои муайяни ҷараёни табиатро ташкил менамоянд.

Муаллим бо мисолҳои мушаххас, дақиқу равшан нишон медод, ки чунин рӯйдодҳо берун аз шуури инсон ба вуқуъ мепайванданд. Одам танҳо тавассути илму дониш метавонад ҳодисаҳои табиатро пешгӯӣ кунад. Ба онҳо таъсир расонад. Аз онҳо истифода намояд. Инро таърихи ҷамъият гуфтан мумкин аст.

Муҳимтарин қисмати таърихро, таъкид мекард муаллим Раҳмонов, таърихи ҷамъият ташкил мекунад. Ин шакли ҷаҳонбинӣ аз таърихи табиат куллан фарқ дорад. **Ташаббускор ва қувваи ҳаракатдиҳандаи он инсони бошуур аст. Ва дар ҷамъият – таърихи гурӯҳҳои этникӣ, халқҳо, миллатҳо, синфҳо, табақаҳои иҷтимоӣ ва давлатҳо, тамоми кӯшишҳо, ҳаракатҳо, равандҳо, ҳолат ва натиҷаи онҳо дар кадом шакле, ки бошанд, фақат ва фақат натиҷаи амали мақсадноки инсонанд. На чизи дигар. Бе амали қаблан тарҳрезишудаи одам, дар таърихи ҷамъият ягон дигаргунии ҷиддӣ, хоҳ ба фоидаи инсон ва хоҳ бар зарари он бошад, ба вуҷуд намеояд.** Инро муаллим зуҳуроти иҷтимоӣ - иқтисодӣ, сиёсӣ - ҳуқуқӣ, ҷамъиятӣ - идеологӣ ва адабӣ - маданӣ мегуфт ва ҳар яки онҳоро шарҳ медод.

Бо гузашти солҳо, сарфи назар аз интихоби касб, мавқеи иҷтимоӣ, инсон ҳаргиз устодони худро, ки дар таълиму тарбияи ӯ саҳм доштаанд, махсусан, таъсиргузор ва тақдирсоз будаанд, фаромӯш намекунад. Дар қисмати худ онҳоро сабабгор ва шарику ҳамдам мешуморад. Дар лаҳзаҳои нек ва мушкилоти пешорӯ ҳам муаллимонашро ба ёд меорад.

Тарбияи инсон душвортарин, ҳамзамон, бузургтарин масъулият аст, ки ба дӯши муаллим вогузор шудааст.

Таҷрибаи кори Усмон Раҳмонов, ба назари ман, намунаи олии фаъолияти тахассусмандонаи мақсадноки як муаллими одии деҳаи дурдасти замони бе чароғи барқӣ буд. Ӯ тамоми ҳастии худро барои бунёди ҷаҳонбинии илмии шогирдон, эҳтимоли шахсиятсозии онон равона мекард. Тавассути таълиму тарбия, ки шахсияти худи муаллим, зоҳир, ботин ва рафтори ӯ қисмати муҳими ин ҷараён буд, заҳмат мекашид, ки фарзандони мардумро барои фоидаи худи мардум, барои шинохти илмии замона ба хотири рушди ҷомеа омода намояд.

Баъди хатми донишкада ман ба мактаби деҳаи Ориён ба кор омадам. Муаллим Усмон Раҳмонов ба муаллимони ҷавон таъкид мекард, ки **мақсади аслии таълиму тарбия муътақидкунонист. Агар мактаб аз уҳдаи ба донишҳои илмӣ, замонавӣ мусаллаҳ ва аз каромоту хурофот, фанатизми динӣ ва тақдирпарастӣ раҳо кардани шогирдон набарояд, онро макони илм ва боргоҳи маърифат номидан хатост.** Мо, шогирдон, медонистем, ки худи муаллими мо дар ин кор намуна ва мумтоз аст.

Муаллим У. Раҳмоновро устоди таърихшиносони маорифи деҳот, фидоии илму маърифат ва намунаи олии омӯзгори мактаб, муҳандиси бузурги руҳи шогирдон номидан арзанда аст. Номи чунин муаллимони беунвони замон ва корномаи онҳо ҷовидон мемонад.

Дар бораи муаллим Усмон Раҳмонов бо суханони шоири маъруфи асри XI Абусаиди Абулхайр гуфтан мумкин аст:

**Ин умр ба абри навбаҳорон монад,**
**Ин дида ба сели обшорон монад.**
**Эй дӯст, чунон бизӣ, ки баъд аз мурдан**
**Ангушт газидане ба ёрон монад.**

**Бознашр аз "Ҷумҳурият",**
**№80-81, аз 30.04.24**

**Рӯдобаи МУКАРРАМ,**
**раиси Кумитаи иҷроияи**
**Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон**



## ХОНАВОДА, МАКТАБ ВА ҶОМЕА – СЕ МУҲИТИ ТАРБИЯГАРИ ИНСОН



Пас аз чандин ҳазор соли тамаддунофарӣ, пешрафт, рушд, такомулу таҳаввул ва шаклгирии ҳазорон гунаи фарҳангу санъат, ҳунар ва дар умум, ба зинаи олии ташаккули хеш расидани инсон, дар асри нав терроризм (ҳаросафканӣ) ва экстремизм (ифротгароӣ) ҳамчун нафратангезтарин руходди иҷтимоии башар аз худ дарак додааст.

Манфиатҷӯйӣ, бартарихоҳӣ ва қудратталабӣ, ки дар ниҳоди нохудогоҳи инсон зуҳур карда, бо разолату ҷаҳолат омезиш ёфт, омили пайдоиши терроризм, экстремизм шуд.

Мутаассифона, бо вуҷуди муборизаи саросарӣ, қотеият ва анҷоми тамоми чораҳои пешгирӣ аз ин амалҳои номатлуб, ҳанӯз ҳам ҳадсу гумонҳои зиёде бар зеҳнҳои огаҳ зуҳур мекунанд ва ҳазорон суолҳои нокушода ва мубҳаму машкукро дар назди инсон пеш мегузоранд. Терроризм чист? Террорист кист? Чаро як фард тамоми арзишҳои инсониро канор гузошта, ба ин роҳи манфур меравад? Сабабу омилҳои аслии пайдоиши гурӯҳу созмонҳои ифротӣ ва гароиши ҷавонон ба онҳо дар чист? Ин ва садҳо суоли дигар агарчи посухҳое ёфтаанд, вале воқеият бо сароҳат барои мо ошкор мекунад, ки роҳкори пешгирӣ ва мубориза бо ин амалҳои манфури рӯз ҳанӯз муассир нест. Ҷомеаи ҷаҳонӣ оқибатҳои даҳшатноку ғамангезеро ҳар замон дар худ таҷриба мекунад.

Коршиносон ва таҳлилгарон бар ин ваҳдати назаранд, ки нафрату кина, ҷаҳлу ҷаҳолату нодонӣ, таассубу хурофот, ноумедӣ, афсурдагии равонӣ, бардоштҳои ғалат аз падидаҳои сиёсӣ, гумроҳиҳои эътиқодӣ ва нодории молӣ сабаб мешаванд, ки кас ба боварҳои таҳрифшуда ва ҳадафмандонаи гурӯҳҳои ифротӣ дода шавад.

Дар шинохти террористу экстремист назарот ва шарҳу тафсир гуногунанд, вале дар баёни ин ки террорист кист, шарҳи беҳтаре аз гуфтаҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки пайваста ва ботакрор таъкид мекунанд, наметавон ёфт, ки гуфтаанд: “Тероррист ватан, дин, мазҳаб ва миллат надорад”. Оре, террорист мавҷуди беҳувиятест, ки аз шуур, огоҳӣ, дарки маънои зиндагӣ ва дигар эҳсосу отифаи инсонӣ маҳрум буда, хатар, ваҳшоният ва зарари он ҳатто аз хунхортарин ва бераҳмтарин ҳайвон низ бадтар аст. Дар асри пешрафти илм, дар замоне, ки башар бар ҳастии хеш арзиши баланд қоил гардида, фатҳи коинотро мақсад қарор додааст, ин гуна муносибат ва мавҷудияти терроризму эстремизм дар рӯйи ин сайёраи хокӣ нанги бузург аст. Пас, чӣ бояд кард? Башар чӣ роҳеро бояд интихоб кунад, то ки аз ин нанги бузург барои ҳамеша раҳоӣ ёбад? Оё ин роҳ вуҷуд дорад?

Бегумон, решакан кардани терроризми байналмилалӣ кори содаву осон нест, вале ҳадди имконпазири он муайян аст. Аз мушоҳидаҳо

бармеоянд, ки ҳамоҳангии фаъолияти башар барои несту нобуд кардани терроризм солҳо боз идома дорад ва дар ин роҳ натиҷаҳои чашмрасе ба даст омадаанд, вале дар баробари ин, сиёсатҳои машкуки баъзе аз кишварҳои ҷаҳон, ки аз фаъолияти гурӯҳҳои террористиву ифротӣ манфиат доранд, садди асосӣ дар роҳи решакан кардани ин руҳдодҳо шумурда мешаванд.

Бояд ёдовар шуд, ки кишвари азизи мо – Тоҷикистон чун давлати соҳибистиқлолу озод наметавонад аз таҳдиду хатарҳои ин зуҳуроти номатлуб дар канор бошад. Бо дарки амиқ аз хатару таҳдидҳои терроризму ифротгароӣ барои суботу оромии сайёра Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳо ва мулоқотҳои худ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон борҳо изҳори назар кардаанд. Аз ҷумла, Пешвои миллат таъкид кардаанд, ки: «Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башар хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст». Ҳамзамон, дар Тоҷикистон барои муҳайё кардани заминаҳои мубориза бо ҳама шаклҳои терроризму экстремизм қонуну стратегия ва консепсияҳои зиёде амал менамоянд, ки ҳама барои мутамарказу қавӣ кардани мубориза ва ҳамаҷониба маҳдуд кардани фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ равона шудаанд. Новобаста аз ин, чолишҳои дохиливу хориҷӣ ва воқеияти ҷаҳони муосир гувоҳанд, ки ҳанӯз ҳам мавридҳои зиёди пайвастани шаҳрвандони кишвари мо ба сафи гурӯҳу ҳаракатҳои иртиҷоиву террористӣ ба чашм мерасанд. Пас, чӣ бояд кард? Барои дар доираи маҳдудаи давлат ва бо донистани мушахассоти таърихиву фарҳангии мардум захмҳои ҳувиятии миллатро дармон кардан таваҷҷуҳ ба омилҳои зерин шарт ва зарур аст.

## СУХАНИ АСИЛ - ҶАВҲАРИ ТАРБИЯИ ИНСОНИ КОМИЛ

Мо имрӯз хуб дарк мекунем, ки арзишмандтарин ҷанбаи ҳастии башар сухан аст, зеро он воситаи асосии тарбияи инсони комил буда, дар ташаккули афкори ҷомеа ва диди нави иҷтимоӣ таъсири муқтадир ва муассир мерасонад. Коре, ки бо қудрати сухан ба субут мерасад, тариқи роҳи дигаре онро анҷом додан нашояд.

Дар баробари ин, ҳама чолишҳо ва ҳаводиси тақдиршикан виҷдони мо бояд исён кунад ва мо дар ҳамовозӣ бо Паёмҳои роҳнамосози Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати поксозии тафаккуру шуури насли имрӯзу фардо аз хурофоту таассуб, терроризму ифротгароӣ ва бегонапарастӣ бо неруи муассир ва пуриқудрати сухан талошҳои бедареғ варзем. Мо бояд ба тарғибу ташвиқ ва тарбияи идеологӣ, бавижа, идеологияи миллӣ, ки аз маҷмуи мулоҳизот, ғоя, эътиқод, назарияҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, динӣ ва эстетикиву фалсафӣ, арзиш ва ҳадафҳои муштарак сарчашма гирифта, мардумро дар меҳвари ҳимоят аз манфиатҳои миллӣ, арзишҳои миллӣ ва аркони давлату давлатдорӣ муттаҳид месозад, беш аз пеш таваҷҷуҳ кунем. Зеро як дақиқа сукути идеологияи миллӣ ин пирӯзии абадии ҷаҳолат бар хирад аст.

Барои иҷрои муассири ин вазифаи муҳим мо - роҳбарони ниҳодҳои идеологӣ, аҳли зиё, адибону олимон ва кулли равшанфикрони ҷомеаро зарур аст, ки аввалан дар ниҳоди хеш эҳсосу дарки ҳувият, садоқат ба Пешвои миллат, сидқан имон овардан ба рукнҳои давлатдориро тарбия ва тақвият бахшем, бо донишу ахлоқи миллӣ, фаҳми фарҳанги сиёсӣ, маърифатӣ, дунёдаркӣ ва суханшиносиву суханварӣ дар тарбияи ҷомеа бикӯшем. Ибрози ҳарфу гуфтори пуч, умумигӯӣ ва ҳисоботхонӣ ҷуз вақткушӣ ягон аҳаммияти дигарро дар бар намегирад.

## ХУДШИНОСӢ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

Худшиносӣ ин маърифати ҳастии хеш ва огаҳӣ аз манзалату ҷойгоҳи худ дар олам аст, ки онро 3 унсури муҳимми нажодӣ: миллат, забон ва фарҳанг ташкил медиҳанд ва шакли мураккаби худшиносӣ, яъне “худшиносии миллӣ”-ро падид меоранд. Раҳоӣ аз ин буҳронҳо тақвияти тарбияи худшиносӣ ва шинохти асили ҳувияти миллиро талаб мекунад. Расидан ба худшиносиву худогоҳии миллӣ бидуни рӯ овардан ба омӯзиш, парвариш, эҳёву гиромидошти таъриху фарҳангу тамаддуни оламгири миллат, суннату анъанаҳои гузаштагон ва ифтихороти давлатдорӣ имконпазир нест. Зеро суннат ва анъанаи нек интиқолдиҳандаи таҷрибаи иҷтимоӣ ва фарҳангии як насл ба насли дигар буда, таъминкунандаи устувории фарҳанг аст. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ

дуруст фармудааст, ки: "Ҳеҷ илме шарифтар аз илми худшиносӣ нест".

### ТАРҒИБИ ДОНИШ ВА АХЛОҚ

Авҷу камоли саодати ҳар як ҷомеа бар пояи донишу ахлоқ устувор аст. Дониш омили муҳимми ташаккули ҷаҳонбинии инсон буда, муассиртарин василае аст, ки башар тавассути он тамоми сахтиҳо ва душвориҳои зиндагиро паси сар мекунад. Ҷавҳари ҳастии инсон ақли солими ӯст. Инсони донишманд ҳеҷ гоҳ роҳи ифроту тафрит ва хатарро интихоб намекунад. Дар ҷое, ки дониш фармонраво аст, он ҷо ҳамеша пирӯзии хирад бар ҷаҳолат, ҳақиқат бар ҳамоқат ва адолат бар разолат таъмин аст. Ин чароғи илму маърифат ва донишу хирад аст, ки роҳи рушду пешрафт ва ташаккулу таҳаввулро рӯшану мунаввар намуда, инсонро бар саодат, сурур, хушбахтӣ ва рифоҳу осоиш мерасонад.

Дар баробари илму дониш ахлоқ низ ҷавҳари арзишманде аст, ки инсонро ба олитарин камолоти худшиносӣ ва саодат мерасонад. Илму ахлоқ дар ҳастии мо бояд ҳамгом рушд кунанд, зеро дар сохтани инсони комил ҳузури яке бе дигаре имконпазир нест.

### ХОНАВОДА, МАКТАБ ВА ҶОМЕА – СЕ МУҲИТИ ТАРБИЯГАРИ ИНСОН

Зеҳну идроки инсон танҳо дар сурати шинохти ҷойгоҳ ва ҳадафи офариниши хеш ба дараҷаи маърифати ҷаҳон мерасад. Фарҳанги ҳар мардум ба таълиму тарбия вобаста аст, яъне, инсон дар раванди таълиму тарбия соҳиби маданият мешаванд. Меъёри асосии тарбиятро хонавода, мактаб ва ҷомеа номидаанд. Муҳити хонавода макони муқаддасест, ки нақш ва масъулияти падару модарро дар тарбияи инсон мушаххас мекунад. Дар бораи нақш, аҳаммият ва таъсири ахлоқу адаби падару модар дар тарбияи фарзанд бузурге хеле хуб фармудааст: "Касоне, ки тавоноӣ ва қудрати наҷот додани башарро дар худ диданд, аввал дар наҷоти хеш кӯшиданд". Фалсафаи раднопазири ҳақиқати ҳаёт ҳамин аст, ки ҳар падару модаре, ки зоҳиру ботини хеш ва муҳити солими хонаводаро бо зевари меҳру ахлоқу маърифат оростаанд, аз онҳо фарзандони солеҳ ба воя расидааст. Зеро ахлоқи волидон ба монанди қонуни ирсӣ ба фарзанд интиқол меёбад.

Аз эҳсоситарин ва муҳимтарин даврони таълиму тарбия даврони донишомӯзӣ аст, ки омӯзгор дар он нақши меҳварӣ дорад. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд чун намуна барои шогирдон соҳибмаърифат ва хушахлоқ бошад. Зеро андӯхтаву анбоштаҳои ақливу зеҳнии омӯзгор ақли кӯдаконро дар шоҳроҳи зиндагӣ роҳнамоӣ мекунад. Дар баробари хонавода ва мактаб ҷомеа низ барои тақвияти тафаккури солим ва фароҳам овардани фазои мусоиди ташаккули шахсият хидмат мекунад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки робитаи отифӣ миёни хонавода, мактаб ва ҷомеа тақвият ёбад.

### ЗИРАКИИ СИЁСӢ – ОМИЛИ ИСТЕҲКОМБАХШИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Ҷаҳони пуртазод, сиёсатбозиҳои абарқудратҳо, мавқеъгириҳои машкук, манфиатхоҳиҳои бешуурона, таҳмили ғояҳои ифротӣ, равнақу ривоҷи терроризму экстремизм, нақшбозиҳо ва мақсадҳои ғаразноки қувваҳои беруна ва дигар ҳаводиси тақдиршикани замон хатари асосӣ бар ваҳдати миллии мо буда, далеле аз номуайянии вазъи ҷаҳон ба шумор мераванд. Зиракии сиёсиро шарти аввали ташаккул ва бедору фаъол нигоҳ доштани ҳувият ва худшиносии миллӣ ва соҳибистиқлолии давлат номидаанд. Бо дарки баланди зиракии сиёсӣ метавон ба равандҳо, таҳаввулот ва зуҳуроти замони муосир бо таҳлили амиқу дақиқ ва хулосаҳои мустанад баҳои ҳаққонӣ дод.

### НАТИҶА

Ин ҳама омилҳои муфид ва коромадтарин василаҳое, ки мо дар боло ишора ва шарҳу тафсир кардем, агар аз як тараф, роҳро барои коҳиши хатарҳои замони муосир, аз ҷумла, терроризму ифротгароӣ кушоянд, аз ҷониби дигар барои ташаккули ҳувият, худшиносӣ, ифтихороти миллӣ, тақвияти пояҳои истиқлоли давлатӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ дар кишвар мусоидат мекунанд. Бояд дар хотир дошт, ки миллат танҳо дар заминаи ваҳдат ба саодат мерасад. Бинобар ин, агар мо дар рафъи ҳама гуна мушкилу хатар бо талоши созанда ва саъю кӯшиши қатъӣ дар канори сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарҷамъу иттифоқ бошем, ҳеҷ неруе ва ҳеҷ бадхоҳе тавоноии муқобилият бо миллати воҳиду иттифоқи моро нахоҳад дошт.

**Дониёр САНГИНЗОД,**
**муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**



# ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР СОҲАИ ТАЪЛИМОТИ ҲУҚУҚӢ

Эътироф, эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҷузъи маърифати ҳуқуқӣ буда, бе донишомӯзӣ, бе маърифатнокии аҳолӣ, бе чораёни мунтазами таълим номумкин аст. Ташаккули маърифати ҳуқуқӣ маърифатнокӣ ва тарбияву таълимоти ҳуқуқиро металабад. Инсон ҳар чӣ қадар бештар аз ҳуқуқу озодиҳои фардӣ бархурдор бошад, сатҳи истифодаву риояи онҳо ҳамон қадар беҳтар мегардад. Маърифати ҳуқуқӣ қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи фарҳанги умумиинсонӣ буда, маҷмуи арзишҳои ҳуқуқиест, ки аз насл ба насл то ба замони мо омада расидааст.

28-уми декабри соли 2023 Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, ки аз ҷониби Пешвои миллат соли 2024 ҳамчун "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон карда шуд, чунки дар ин сол аз қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сол пур мешавад.

Бояд зикр намуд, ки дар асоси Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018, №1005 баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад ва ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилоти ҷамъиятию сиёсӣ шаҳрвандон оид ба муайян намудани мақсадҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо, воситаҳо, шаклҳои тарбияи ҳуқуқӣ баромад намуда, тавассути таъмини сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ, тарғиби ҳуқуқӣ, инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиносони касбӣ амалӣ мешавад. Тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати тарбиявии давлат буда, дар робита бо тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва намудҳои дигар тарбияи инсон бояд анҷом дода шавад. Ташаккули инсони комил истифодаи якҷояи ҳамаи намудҳои тарбияро талаб мекунад. Тарбияи ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълими ҳуқуқӣ ҳалли вазифаҳои зеринро пешбинӣ менамояд: тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиноси касбии баландихтисос, ки барои фаъолияти ҳуқуқӣ дар шароити вусъати равобити байналмилалӣ омода мебошанд, такмили сиёсати таҳсилот дар соҳаи тарбияи кадрҳои ҳуқуқшинос, баланд намудани сатҳи донишомӯзии ҳуқуқи байналмилалӣ бо дар назар доштани дурнамои ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ дар судҳои байналмилалӣ, такмили тахассус пас аз гирифтани таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ, омода намудани кадрҳои дорои донишҳои махсуси иттилоотӣ дар шароити васеъ шудани иттилои ҳуқуқӣ, таҳдидҳо ба амнияти иттилоотии ҷумҳурӣ, тарбияи кадрҳои нави ҳуқуқшиносон, ки барои кор дар шароити роҳандозии ҳукумати электронӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар амалияи ҳуқуқшиносӣ омодаанд, мустаҳкам намудани унсурҳои иттилоотӣ ва технологии сиёсати таҳсилот бо дар назар доштани ворид шудани технологияҳои иттилоотӣ дар амалияи ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла, ҷорӣ намудани махзани иттилоотии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, иттилоъгардонии фаъолияти судӣ, тафтишотӣ, мурофиавӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, иттилои ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ.

Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрванд, ки бевосита аз сифат ва дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ вобаста мебошад, метавонад ба боло рафтани эҳтиром нисбат ба қонун ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи асосӣ ва калидии батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ, паст шудани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ,

## СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

инчунин, дар ботини шахс ба вуҷуд овардани эътиқод ба рафтори ҳуқуқӣ, ташаккули масъулият оид ба итоат кардан ба муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат намояд ва шаҳрванд худро дар ҷомеа комилан озод ва бехатар эҳсос намояд.

Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

-ҷоннок кардани корҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ дар асоси ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ;

-таъмини мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, бахусус, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо нашрияи расмии иттилоотӣ-ҳуқуқӣ;

-ба таври васеъ ба аҳолӣ дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба онҳо;

-таъсис додани сомонаи ягонаи миллӣ бо ҷойгир кардани тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-такмил додани механизми коркарди муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун унсури муҳими баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар асоси ворид кардани дастовардҳои нави илму технология, пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ.

Таҳлили Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023 сол, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024 аз 30 декабри соли 2023 ва тавзеҳот ба ин Фармон имкон дод, ки чунин ҳадафҳои эълони 2024-ро ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» муайян ва ошкор намоем:

1. Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон.

2. Тарғиби арзишҳои ҳуқуқӣ ва демократӣ.

3. Мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон ва муносибати эҳтиромона бо он.

4. Баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун.

5. Ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ.

6. Васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти ҳуқуқӣ.

7. Тайёр намудани мутахассисони ҳуқуқшиноси забондон.

**Барои дарки пурра ва мукаммали ин ҳадафҳо онҳоро шарҳ хоҳем дод.**

**1. Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон**

Маърифати ҳуқуқӣ маҷмуи андешаҳои одамон дар бораи қонун, татбиқи он ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки дар шакли дониш, эътиқод, меъёрҳо ва муносибатҳои аз ҷониби ҷомеа қабулшуда ташаккул ёфтааст.

Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба сомон расонидани корҳои зерин саривақтӣ мебошад:

- дар барномаи муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ дохил намудани фанҳои ҳуқуқшиносӣ;

- бо роҳи ташкили низоми огоҳонии шаҳрвандон аз ҳуқуқҳояшон ва амалҳои зарурии ҳимояи ин ҳуқуқҳо;

-ҷоннок кардани корҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ дар асоси ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ;

-таъмини мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, бахусус, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо нашрияи расмии иттилоотӣ-ҳуқуқӣ;

-ба таври васеъ ба аҳолӣ дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба онҳо;

-таъсис додани сомонаи ягонаи миллӣ ва ройгон ҷойгир кардани тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-такмил додани механизми коркарди муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун унсури муҳими баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар асоси ворид кардани дастовардҳои нави илму технология, пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ.

Гузаронидани тадбирҳои зикршуда ба баланд шудани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат мекунад. Маърифати баланди ҳуқуқӣ ин риояи бошууронаи меъёрҳои қонун ва итоат ба қонунро дар назар дорад. Одамони дорои маърифати баланди ҳуқуқӣ зидди назари равандҳои ҷамъиятӣ нестанд, балки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ

фаъолона иштирок мекунанд. Мавҷудияти сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ як навъ гарави бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона мебошад, ки дар он на танҳо ба арзишҳои ҳуқуқӣ, балки ба арзишҳои ахлоқӣ эҳтиром гузошта мешавад.

**2. Тарғиби арзишҳои ҳуқуқӣ ва демократӣ**

Арзишҳои ҳуқуқӣ арзишҳое фаҳмида мешаванд, ки дар қонун комилан ё қисман таҷассум ёфтаанд. Ба чунин арзишҳо озодӣ, адолат, баробарӣ, кумаки мутақобила, яъне, арзишҳое дохил мешаванд, ки дар доираи чорчӯбаи қонун ва ахлоқ амал мекунанд. Дар айни замон муҳимтарин арзишҳои демократӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон озодӣ, ҳуқуқи инсон ва сулҳу суботи давлат мебошанд. Арзишҳои ҳуқуқӣ ва демократӣ дар шароити волоияти қонун бо мазмуни нав пур шудаанд, зеро падидаи ҳуқуқӣ вобаста ба тағйирёбии шароити иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологӣ метавонад рушд ёбад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар шароити муосир ташаккул ёфтааст, қодир аст, кафили арзишҳои ҳуқуқии демократӣ бошад.

Тарғиби арзишҳои ҳуқуқӣ фаъолияти мақсадноки доираи муайяни субъектҳо оид ба паҳн намудани дониш оид ба ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳои инсон ва роҳҳои татбиқи онҳо, ба таври мунтазам таъсир расонидан ба шуур ва рафтори насли наврас бо мақсади ташаккули ақидаҳо, арзишҳои мусбӣ, самтҳо, муносибатҳое, ки риоя, иҷро ва истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин, ташаккули шуури ҳуқуқиро таъмин мекунанд.

Масалан, тарғиби арзишҳои ҳуқуқӣ барои хонандагон ва донишҷӯён ин фаъолияти мақсадноки омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ (мактабҳо, коллеҷҳо, литсейҳо, техникумҳо, донишкада ва донишгоҳҳо), ки ба фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии муҳассилин дар асоси арзишҳои ҳуқуқии умумибашарӣ нигаронида шудааст.

Ин тарғиб бо роҳҳои зерин амалӣ мегардад:

-фароҳам овардани шароит барои ошкор ва рушди қобилияти эҷодии донишҷӯён, худмуайянкунии шаҳрвандӣ ва худшиносӣ дар рушди зеҳнӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва ҷисмонӣ;

- ташаккули масъулияти шаҳрвандӣ ва худшиносии ҳуқуқӣ дар байни донишҷӯён;

- ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ ва шуури ватандӯстӣ;

- ташаккули сифатҳои шахсии барои фаъолияти самараноки касбӣ зарурӣ;

- тарбия намудани малакаҳои идоракунии даста дар шаклҳои гуногуни худидоракунии донишҷӯён;

- мустаҳкам намудан ва беҳтар намудани ҳолати ҷисмонӣ, кӯшиш ба тарзи ҳаёти солим, тарбия намудани муносибати оштинопазирона ва рафтори зиддиҷамъиятӣ;

- пешгирии ҷинояткорӣ.

**3. Мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон ва муносибати эҳтиромона бо он**

Институти ҳуқуқи инсон муҳимтарин институти ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад. Оғози ибтидоии ташаккули мақоми ҳуқуқии шахс аз он иборат аст, ки шахс ба шаҳрвандии давлати муайян мансуб аст, ки қобилияти ҳуқуқии ӯ бевосита аз он бармеояд. Асоси ҳуқуқии ташаккул ва рушди он принсипҳои умумибашарӣ ва дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои инсон, амали бевосита, баробарӣ ва принсипи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои давлат мебошад. Ҳамаи ин принсипҳои конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳо самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян намуда, асоси мақоми ҳуқуқии он мебошанд. Мазмуни институти ҳуқуқи инсон маҷмуи ҳуқуқу озодиҳое мебошад, ки онҳоро ба ҳуқуқҳо дар соҳаи бехатарии шахс, ҳаёти шахсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тақсим кардан мумкин аст.

Эҳтироми ҳуқуқи инсон ҳамчун принсипи волоияти қонун ин муносибати эҳтиромона мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ба ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, ки ба шаъну шарафи шахс асос ёфта, баробарии вазъи иҷтимоии онҳоро ифода ва таъмин менамояд. Ин фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба эътироф, муттаҳид намудан дар сарчашмаҳои меъёрӣ, ҳифзи тамоми маҷмуи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии ҳар як шахс мебошад. Эҳтироми ҳуқуқи инсон заминаи асосии фаъолияти субъектони ҷомеаи демократӣ мебошад. Бидуни эҳтироми ҳуқуқи инсон таҷассуми воқеии он дар ҳаёти ҳуқуқӣ дар бораи мавҷудияти давлати ҳуқуқбунёд сухан гуфтан ғайриимкон буда, фаъолияти инсон, эҳтироми ҳуқуқҳои ӯ оид ба риоя, амалӣ ва истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба он вобаста аст. Муносибати эҳтиромона ба ҳуқуқи инсон ба устуворӣ ва эътимоднокии низоми ҳуқуқӣ, таъмини бетарафӣ ва адолати ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

**4. Баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром**

**нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун**

Баланд бардоштани мақоми қонун (Волоияти қонун) яке аз принсипҳои асосии низоми ҳуқуқӣ дар аксари кишварҳост. Ин принсип маънои онро дорад, ки қонун сарчашмаи олии меъёру қоидаҳо дар ҷомеа буда, тамоми меъёрҳо ва санадҳои дигари ҳуқуқӣ бояд ба он мувофиқ бошанд ва хилофи он набошанд.

Тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба қонун дар асоси принсипи асосии зерин амалӣ мегардад:

- шинохти қонун ҳамчун меъёри олии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқӣ ва қувваи олии ҳуқуқӣ доштани он;
- тамоми мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, мақомоти иҷроия, қонунгузор ва судӣ вазифадоранд, ки дар доираи қонун амал кунанд ва ҳуқуқ надоранд ба он мухолифат намоянд;
- ҳама гуна қоидаҳо, меъёрҳо ё қарорҳое, ки ба қонун мухолифанд, эътибор надоранд ва татбиқ карда намешаванд;
- риояи қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон бо фароҳам овардани қоидаву расмиёти равшану пешгӯишаванда таъмин мегардад;
- судҳо ҳуқуқ доранд, ки риояи волоияти қонунро назорат кунанд ва қарору амали ғайриқонунии мақомоти давлатиро бекор кунанд.

**5. Ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ**

Рафтори ҳуқуқӣ як навъи рафторест, ки дар он ирода ва амалҳои (амал ё беамалӣ) шахс ба меъёрҳои ҳуқуқии мавҷуда мувофиқат мекунанд. Ба маънои дигар, рафтори ҳуқуқӣ рафтори шаҳрванди қонунриоякунанда аст. Рафтори ҳуқуқӣ натиҷаи маърифати ҳуқуқии ташаккулёфта мебошад. Дар навбати худ, худи маърифати ҳуқуқӣ ба эътирофи арзишҳои шаҳрвандӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва институтҳои ҳуқуқӣ ҳамчун танзимгари беғаразонаи муносибатҳои ҷамъиятӣ асос меёбад. Масалан, дар муассисаҳои таълимӣ рафтори ҳуқуқии донишҷӯёнро танҳо дар сурате ташаккул додан мумкин аст, ки агар барои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои таълимӣ маърифати умумии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шавад. Яъне, рафтори ҳуқуқӣ дар ҳолати мавҷуд будани ду шарт ташаккул дода мешавад: сатҳи зарурии шуури ҳуқуқӣ ва сатҳи зарурии маданияти ҳуқуқӣ. Агар ин ду шарт мавҷуд бошанд, мо метавонем бигӯем, ки мо як шаҳрванди қонунриоякунанда мебошем.

Оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ яке аз муҳимтарин принсипҳои масъулияти ҳуқуқӣ, шарти асосии самаранокии он мебошад. Аҳаммияти пешгирикунандаи ҷазо на бештар аз вазнинии он, балки ба ногузирии он вобаста аст. Ногузир будани масъулият маънои онро дорад, ки ягон ҳуқуқвайронкунӣ набояд ошкорнашуда, аз назари давлат ва ҷомеа, бе вокуниши манфии онҳо, дур намонад. Вазифаи муҳим аз он иборат аст, ки дар мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкунӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо тамоми қувваи қонунро истифода баранд, то ки одамон дар ҳар маҳал ғамхории давлатро дар бораи сулҳу осоиш ва поквиҷдонии худ ҳис кунанд ва мутмаин бошанд, ки ягон ҳуқуқвайронкунанда аз ҷавобгарӣ раҳо нахоҳад шуд.

Ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки ҳама ҳуқуқвайронкунӣ бояд вокуниши давлатро ба бор орад. Ин вокуниш дар ҷазои ногузир ба ҷиноятკор ва барқарор намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад. Ҷазо ҳамчун аксуламали ногузир на ба хотири худ, балки ба хотири як ҷанбаи дигари ногузир амалӣ мешавад, то дар оянда субъект вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо вайрон накунад.

**6. Васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти ҳуқуқӣ**

Иттилооти ҳуқуқӣ маҷмуи тадбирҳоест, ки дар давлат ба таъмини дастрасии шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба иттилооти ҳуқуқӣ дар асоси технологияҳои муосири иттилоотӣ нигаронида шудаанд. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот – ҳуқуқи ҳар шаҳрванд ба ҷустуҷӯи озодонаи иттилоот ва ба даст даровардани он аз мақомот ва ташкилоти давлатӣ, дигар мақомоту ташкилоте, ки давлат ба онҳо ваколатҳои омирона додааст, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдори онҳо, ки ин иттилоотро қонунан дороянд.

**Принсипҳои асосии таъмини ҳуқуқи дастрас кардани иттилоот инҳоянд:**

**а) дастрас ва ошкоро будани иттилоот;**

**б) ҳаққоният ва мукаммалии иттилоот;**

**в) сари вақт пешниҳод кардани иттилоот;**

**г) ҳифзи ҳуқуқи дастрас намудани иттилоот, аз ҷумла, аз тариқи суд;**

**д) ҷавобгарӣ барои риоя накардани ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот;**

**е) риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии**

**шахсони сеюм ҳангоми вогузоштани иттилоот;**

**ж) маҳдудияти ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро муқаррар намудани қонун танҳо ба ҳадде, ки он барои ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, таъмини мудофиаи кишвар ва амнияти давлат, обрӯву эътибор ва беғаразии адолати судӣ, ахлоқ, сиҳатӣ, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарур мебошад.**

Ба маҳдудкунии дастрасӣ ба иттилоот нисбат ба ҳуҷҷату иттилооти зерин роҳ дода намешавад:

а) қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳатман нашр гарданд;

б) дар бораи ҳолатҳои фавқулодае (ҳодисот, фалокат, офатҳои табиӣ), ки ба бехатарӣ ва саломатии аҳолӣ таҳдид менамоянд, пешгириҳои расмии онҳо: иттилооти экологӣ, метеорологӣ, демографӣ, санитарию эпидемиологӣ ва иттилооти дигаре, ки барои таъмини бехатарии шаҳрвандон, маҳалҳои аҳолинишин, объектҳои истеҳсолӣ ва ғайра, зарур аст;

в) дар бораи имтиёзот, ҷуброн ва сабукиҳое, ки аз онҳо шаҳрвандон, шахсони мансабдор ва ташкилотҳо бархурдоранд;

г) дар бораи ҳолатҳои вайрон намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони ҳуқуқӣ;

д) дар бораи фаъолияти мақомоту ташкилот ва шахсони мансабдори онҳо.

**7. Тайёр намудани мутахассисони ҳуқуқшиноси забондон**

Дар назди таҳсилоти ҳуқуқии муосир вазифаи тайёр кардани мутахассиси босалоҳият ва рақобатпазир меистад. Касби ҳуқуқшинос на танҳо маҳорати касбӣ, балки бенуқсон донистани забони давлатӣ ва беш аз ду забони хориҷӣ, маҳорати дақиқ, возеҳ ва мантиқии андешаро тақозо мекунад. Маълум аст, ки калом дар ҳар як соҳаи фаъолияти ҳуқуқшиносӣ воситаи асосии пешбурди дурусти кор мебошад. Салоҳияти касбии ҳуқуқшинос хусусияти қобилияти ӯ дар ҳалли масъалаҳое мебошад, ки хусусиятҳои фаъолияти касбӣ, вижагиҳои салоҳиятҳои забони хориҷӣ ва тафовути таҷрибаи ватанӣ ва хориҷиро дар соҳаи ҳуқуқ инъикос мекунанд. Салоҳиятҳои касбии забони хориҷӣ ҳамчун мафҳуми педагогӣ бояд ҷунин ҷанбаҳои фаъолияти касбии ҳуқуқшиносро, аз қабили ҳавасмандӣ-ихтиёрӣ, функсионалӣ, коммуникативӣ ва рефлексивиро инъикос намуда, дониш, малака ва маҳорати ҳалли масъалаҳои мушаххаси фаъолияти касбии ҳуқуқшиносонро муттаҳид созанд. Салоҳиятҳои касбии забони хориҷӣ ба чор гурӯҳ тасниф мешаванд: лингвистӣ-коммуникатсионӣ, функсионалӣ-методӣ, касбӣ-амалӣ ва равонӣ.

Раванди ташаккули салоҳияти касбии забони хориҷии донишҷӯи ҳуқуқшинос бояд дар асоси моделе сурат гирад, ки ҷузъҳои ташхисӣ, таҳлилӣ, мақсаднок, моддӣ ва мурофиавӣ, марҳилаҳои азхудкунии салоҳиятҳои касбии забониро дар бар мегирад. Модел, инчунин, маҷмуи шартҳои психологию педагогиро дар бар мегирад: пешбурди салоҳиятҳои **забони касбӣ** дар ихтисоси ҳуқуқӣ ҳамчун ҳадафҳои таълими забони хориҷӣ; интихоб ва сохторбандии мундариҷаи маводи таълимӣ ба забони хориҷӣ бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти ояндаи касбии ҳуқуқшинос дар шароити ҳамкории байналмилалӣ; истифодаи усулҳо ва шаклҳои таълим, ки намунаҳои инкишофи қобилиятҳои заруриро барои азхудкунии салоҳиятҳои **касбии забонӣ** амалӣ менамоянд ва ғайра.

Аз ин рӯ, эълони соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» барои расидан ба ҳадафҳои номбаргардида равона гардида, баҳри баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кулли аҳолӣ, қабули қонунҳои босифат ва танзимкунандаи муносибатҳои рушдёбандаи ҷамъиятӣ мусоидат менамояд.

**Адабиёт:**

1. Сотиволдиев Р. Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. - Душанбе, 2018.

2. Саъдизода Ҷ., Пирова Г. С. Унсурҳои таркибии тарбия дар қаринаи тарбияи ҳуқуқӣ// Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. 2022. Т. 2. № 4 (28). - Саҳ. 112-120.

3. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. - Душанбе, 2017.

4. Раҷабзода Р. М. Мафҳум ва мазмуни фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ// Маҷаллаи академии ҳуқуқ. 2020. № 2 (34). Саҳ. 74-76.

5. Маҳмудзода М. А., Раҳимзода М. З. Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои синфи 8-ум. - Душанбе, Маориф, 2017.

12-УМИ АПРЕЛ - РӮЗИ КАЙҲОННАВАРДОН

**Асадулло ШАРИФЗОДА,**
**дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ**



# ҚОНУНҲОИ КЕПЛЕР ВА ҶОЗИБАИ ҶАҲОНӢ



Иоганн Кеплер аз нобиғаҳои асри XVI-и на танҳо Аврупо, балки тамоми олам ба шумор меравад. Номи ӯ дар саҳифаҳои таърихи башарӣ дар қатори Исаак Нютон ва Алберт Эйнштейн бо ҳарфҳои заррин навишта шудааст. Ин олими забардаст телескоп сохта, ба воситаи он исбот кард, ки сайёраҳо дар атрофи Офтоб аз рӯйи мадорҳои эллипсшакл ҳаракат мекунанд ва дар маҷмуъ, як оилаи бутунро ташкил додаанд. Гарчанде асоси ин кашфиётро натиҷаи мушоҳидаҳои тӯлонӣ ва таҳқиқоти дарозмуддати Тихо Браге (1546-1601) – устоди Кеплер ташкил дода бошанд ҳам, ин ду олими кайҳоншинос ақидаҳои бо ҳам зидро тарафдорӣ мекарданд. Браге тарафдори ақидаи муросокоронаи назарияи сохти Системаи Офтобӣ буд, ки мувофиқи он гӯё Офтоб дар гирди Замини беҳаракат чарх мезанаду сайёраҳо дар атрофи Офтоб давр мезада бошанд ва ақидаҳои Коперникро нописандона рад мекард. Хислати оташин ва тезу тунди Браге сабабгори баҳсҳои тезу тунди илмӣ гардида буданд. Бинобар ин, тасаввур кардан мумкин аст, ки дар байни Брагеи тундмизоҷ ва Кеплери якраву худписанд баҳсҳо чӣ гуна барпо мегаштанд.

Хизмати шоистаи Иоганн Кеплер (1571-1630) ҳамчун олими забардасти соҳаи табиатшиносӣ барои ба фазои беохири кайҳон роҳ кушодану таҳқиқ кардани он хеле бузург аст. Кеплер дар муқовимат бо ақидаҳои шахсии худаш низ истодагарӣ карда, ғолиб омад. Дар ибтидо ҳама хуб буд. Дар фазое, ки дар он мадори (даврашакли) Зуҳал ҷойгир аст, куби дарункашидаро тасвир мекунад. Дар ин куб сфераи дарункашидаро тасвир мекунад, ки дар он мадори Зуҳал ҷойгир аст. Дар сфераи Зуҳал тетраэдри дарункашидаро тасвир карда, дар дохили он сфераи Миррихро ҷойгир мекунад ва ғайра, то даме, ки ҳамаи 5 бисёррӯяҳои мунтазам (куб, тетраэдр, октаэдр, додекаэдр ва икосаэдр), инчунин, сайёраҳо ба охир расанд. Ин мутобиқгузории байни сфераҳо аз ҷумлаи кашфиёти Кеплер аст, ки дар китоби ӯ “Асрори кайҳоншиносӣ” оварда шудаанд. Рақамҳои аз ҷониби Тихо Браге дар натиҷаи мушоҳидаҳо ҳосилшуда гувоҳӣ медоданд, ки сайёраҳо мунтазам ҳаракат мекунанд. Мавқеи ҳамоҳангии табиӣ ё гармонияро ҳақиқат танг сохт. Ҳамагӣ хашт дақиқаи кунҷии дар байни пешгӯӣ ва вазъи кунунии Миррих мавҷудбуда маҷбур сохтанд, ки аз ақидаи ҳазорсолаи карахтшуда – дар бораи он ки сайёраҳо аз рӯи мадорҳои даврашакл ҳаракат мекунанд, даст кашад ва фикрашро дигар созад. Ба ақидаи Кеплер “ин хашт дақиқа имкон дод, ки мо астрономияро дигар созем”.

Ҳамин тавр қонуни якуми Кеплер таваллуд ёфт: Сайёраҳо аз рӯйи мадорҳои эллипсшакле ҳаракат мекунанд, ки дар яке аз фокусҳои он Офтоб ҷойгир аст. Баъдтар дар ҳамин асос Кеплер қонуни дуюми хешро кашф кард: Хатти росте, ки Офтобро бо сайёра пайваст менамояд дар фосилаҳои баробари вақт масоҳатҳои баробарро тасвир мекунад. Бинобар ин, Кеплер ба хулоса омад, ки дар асл мадори сайёраҳо ғайридаврӣ буда, ҳаракатҳои онҳо номунтазам мебошанд. Бо ин нақши Тихо Брагеро инкор карда наметавонист. Браге пас аз Мирзо Улуғбек (аз Самарқанд) дуюмин шахсе ҳисоб меёфт, ки ин гуна дақиқиро (2 дақиқаи кунҷӣ) барои мушоҳида бо чашми одӣ ҳосил карда буд. Шояд мутахассисони соҳаи нуҷум огаҳӣ дошта бошанд, ки дар ҳамин давра ба зидди ақоиди ҷадид доир ба сохти олам, гардиши сайёраҳо таълимоти ҷаҳолатпарастона

## 12-УМИ АПРЕЛ - РӮЗИ КАЙҲОННАВАРДОН

вуҷуд дошт ва олимонро барои ақоиди илмиашон ҷазо медоданд: соли 1600 Ҷордано Бруноро ба оташ партофта, аз ҳаёт маҳрум сохтанд, соли 1616 Ватикан на фақат идеяи “Офтоб дар марказ”-и Коперникро, балки илми математикаро – ҳамчун “эъҷози шайтон” маҳкум кард. Вале “математик ва астрономи империявӣ” Иоганн Кеплер дар соли 1609 ду қонуни аввали хешро ба нашр расонида, ба оламi атроф аз диди нав назар кард. Тавре аз таърих огаҳӣ дорем, бархе аз шахсиятҳои бузург, нобиғаҳо дар охири умр бо қашшоқӣ ва нодорӣ муваҷеҳ мегарданд, аммо ба он нигоҳ накарда, дар ақидаи хеш устувор мемонанд. Кеплер аз ҳамин гуна шахсон буд. Ӯ бо умеди зиёд, ҳангоми барои гирифтани маблағи барояш ҷудошуда сафар карда, дар роҳ ногаҳон аз олам гузашт. Бо худ 73 ҷилд ҷадвалҳои астрономиро мебурду дар ҷайбаш ҳамагӣ 7 пфенинг пул дошт...

Таърихи илм на танҳо мубориза барои идеяҳо барои тасдиқи ақидаи хешро дар ёд дорад, балки мубориза барои зинда мондану давом додани кори хешро борҳо дучор омадааст. Умари Хайём (1048-1131), ки яке аз бузургтарин шахсиятҳо дар таърихи инсоният эътироф гардидааст, дар охири умри хеш ба мушкилоти зиёд мувоҷеҳ гардида, онро бо нодориву қашшоқӣ сипарӣ кардааст, зеро дар муҳити ғайриилмӣ мавҷуд набудани қонунҳои давлатии ҳимояткунандаи илм ва таҳқиқотҳои илмӣ олимонро то андозае аз имконияҳои моддии зиндагӣ маҳрум месохт, вале тафаккури воло, сарсупурдагӣ ва ҷоннисорӣ дар роҳи ҳақиқатҳои илмӣ боис шуд, ки ин шахсиятҳо ба илм содиқ монанд ва корҳои худро идома бидиҳанд. Масалан: Асари “Астрономияи мухтасари Коперник” аз ҷумлаи онҳое ҳисоб меёфт, ки ба рӯйхати номгӯйи китобҳои “барои инсоният зараровар” ворид шуда буд. Иоганн Кеплер соли 1618 асари “Гармонияи олам”-ро нашр кард, ки дар он қонуни сеюми худро барои оламиён муарифӣ кардааст: нисбати квадратҳои даври гардиши сайёраҳо ба нисбати кубҳои масофаҳои онҳо то Офтоб (кубҳои нимтирҳои калонашон) баробар аст.

Қонуни якуми Кеплер ба ҳамаи сайёраҳо дахл дорад, қонуни дуюми ӯ аз минтақаҳои гуногуни мадор гузаштанро барои як сайёра қиёс менамояд, қонуни сеюм бошад, муносибатро дар байни мадорҳои сайёраҳои гуногун барқарор менамояд. Ин се қонун якҷоя бо қонуни ҷозибаи умумиолам ё қонуни ҷозибаи ҷаҳонӣ дар омӯзиши ҷирмҳои системаи офтобӣ нақши муҳим мебозанд.

Инак, мо ҳарсе қонуни Кеплерро ба ёд овардем. Биёед, акнун ба татбиқи ин қонунҳо шуруъ мекунем. Аввал аз сеюмини онҳо оғоз менамоем.

**Масъалаи 1. Оё аз тӯп (пушка) мушаки кайҳонӣ сар додан мумкин аст?**

**Посухи масъала:**

*Мушак (расми 1) аз рӯйи траекторияи эллипсшакл ҳаракат мекунад, бинобар ин, вай пас аз гардиши якум аз ҳамон нуқтаи пештара мегузарад ва дорои ҳамон вектори суръат мебошад. Шарт нест, ки мадор шакли эллипсро доро бошад, кифоя аст, ки он хатти каҷи сарбаста бошад. Чунин мушак, гарчи аз қуллаи кӯҳи баландтарин сар дода шавад ҳам, баъди чанд муддати парвозаш ҳатман ба замин меафтад.*



**Расми1**

### Мадорҳо

Тихо Браге ба ҳаракати Миррих бештар эътибор дода, вайро пурратар мушоҳида кардааст. И.Кеплер низ ду қонуни нахусти хешро барои Миррих муқаррар кард. Умуман, ин ситораи сурхи осмон бештар диққати одамонро ба худ ҷалб кард. Вале ҳангоми Муқобалаи бузурги соли 1877 астрономи итолиёвӣ Скиапарелли дар Миррих “каналҳо”-ро ошкор сохта, саволи ҷиддии то ҳоло ҳалнашударо ба миён гузошт: “Оё дар Миррих ҳаёт вуҷуд дорад?” Олими англис Ловелл фарзияе пешниҳод кард, ки мувофиқи он, ин каналҳоро шояд бошандагони бошуури Миррих сохта бошанд. Барои исботи он, ки “Оё дар Миррих олами растаниҳо низ вуҷуд дорад?” олими Шуравӣ Г.А.Тихов таҳқиқоти зиёде анҷом дод. Хушбахтона, наворҳои аз радифҳои маснуи замин расида воқеӣ набудани ин фарзияҳоро исбот карданд. Таҳқиқи хоки Миррих натиҷаи муайян надод. Муайян шуд, ки дар ин сайёра организмҳо вуҷуд надоранд, аммо моддаҳои органикӣ мавҷуданд. Беҳуда нест, ки ҳоло дар

рӯзҳои мо давлатҳои аз ҷиҳати техникӣ пешрафта барои фатҳ кардани Миррих маблағ ҷудо намуда, экспедитсияҳо ташкил мекунанд ва мехоҳанд, то сирру асрори ин сайёраро ошкор созанд. Масъалаи навбатӣ ба ҳамин сайёра бахшида мешавад.

**Масъалаи 2. Муқобалаи Миррих (ҳангоми дарозии Миррих аз дарозии Офтоб ба андозаи 1800 фарқ кардан) дар муддати ҳар 780 сол як маротиба рух медиҳад. Даври гардиши Миррихро дар атрофи Офтоб муайян кунед.**

**Посухи масъала:**

*Азбаски фосилаи байни ду муқобала аз 1 сол бештар аст, Миррих (расми 2) аз рӯйи мадораш бо самте ҳаракат мекунад, ки бо самти ҳаракати Замин аз рӯйи мадораш ҳамҷоя аст (мо медонем, ки он назар ба Замин аз Офтоб дуртар ҷойгир аст). Замин дар муддати $T = 780$ шабонарӯз ( ш.р) андаке бештар, аз ду маротиба давр мезанад), яъне: $k = T/T_0 = 780:365,25 = 2,1355$ гардиш мекунад. Муқобала танҳо ҳамон вақте ба амал меояд, ки Миррих дар ин вақт 1,1355 маротиба гардиш карда бошад. Ҳамин тавр, Миррих дар муддати вақти $T_M = T/1,1355 = 687$ ш.р. дар атрофи Офтоб як маротиба давр мезанад.*




**Расми 2**

**Эзоҳ:** Маълум, ки $T_0 = 365,25$ ш.р. давомнокии 1 соли заминиро ифода менамояд. Минбаъд $R_0$=149,6 106 км 1,5 $10^8$ км – радиуси мадори заминро ифода хоҳад кард, ки он дар илми физика ба сифати воҳиди масофа – 1 воҳиди астрономӣ (1 в.а.) қабул шудааст. Мадори Заминро, гарчанде аз эллипс ниҳоят кам фарқ дорад, мо даврашакл меҳисобем.

**Масъалаи 3. Дар вақти Муқобалаи бузург масофа аз Замин то Миррих кӯтоҳтарин буда, ба r = 56 $10^6$ км баробар аст. Масофаи дуртарин аз Замин то Миррих ба чанд км баробар аст?**

**Посухи масъала:**

*Аз қонуни сеюми Кеплер меёбем, ки тири калони мадори Миррих $2_{ам} = 2_{R0}(T_M/T_0 = 3,05$ в.а.$=$ 4,57 $10^8$ км аст. Дар расми 2 ба таври аёнӣ нишон дода шудааст, ки ин масофа $L = 2_{ам} – 2_{R0} – l = 10^8$ км аст. Дар ин ҳисоб яклухт кардани натиҷа ба андаке дағалӣ меорад. (Қимати аниқи натиҷа ба 97,5 *106 км баробар мебошад, ки дар маълумотномаҳои физикӣ дучор меояд).*

Дар ин масъала мо фарз кардаем, ки ҳамвории мадорҳои Замин ва Миррих яктоанд. Ин ба ҳақиқат хеле наздик аст, чунки кунҷи байни ин ду ҳамворӣ аз 20 хурд мебошад. Умуман, ҳамаи сайёраҳои системаи офтобӣ қариб дар як ҳамворӣ ҷойгиранд ва ба ғайр аз Зуҳра бо ҳамон як самт (аз Ғарб ба Шарқ) дар атрофи Офтоб давр мезананд. Тамоили максималӣ нисбат ба эклиптика (нисбат ба ҳамвории мадори замин) барои Плутон 170, барои Аторуд аз 70 хурд буда, барои сайёраҳои дигари система аз 3,50 зиёд нест. Ин гуфтаҳо барои кометаҳо ҷой надоранд. Мо дар ин бора муфассалтар менависем.

Бо далели он ки роҳи кометаҳо тухмшакл, элипсшакл аст, розӣ шудан мумкин, аммо кометаҳоро ҳамчун "ҳеҷ чизи ба назар намоён" ҳисобидан мумкин аст. Ҳамагӣ 300 сол муқаддам пайдоиши ситораҳои думдор дар осмон тарсу ҳарос ва воҳимаи мардумро ба амал меоварданд. Гӯё онҳо аз пасашон овозаҳои хушксолӣ, ҷанг, мурини одамон, ҳайвонот ва набототро дар байни одамон паҳн мекарданд. Ҳатто Кеплер ва Галлей (1656 – 1742) чунин мепиндоштанд, ки роҳи кометаҳо ростхатта аст. Вале соли 1680 астрономи англис Эдмунд Галлей каҷхатта ҳаракат кардани яке аз кометаҳоро ошкор кард. Ва минбаъд ин комета номи ӯро гирифт. Аниқтараш, ин кометаи Галлеи соли 1682 буд. Онро кометаи соли 1680 номидан хубтар аст ё кометаи соли 1682? Гап дар он аст, ки кометаҳоро бо ду сана муаррифӣ мекунанд: аввалан мавкеи намудор гаштанашон дар осмон ва баъдан пас аз гузаштанашон аз перигелий (нуқтаи наздиктарини мадорашон).

Барои кометаҳои даврӣ санаи дуюм муҳимтар аст, аз ин рӯ, Галлей соли 1680 кометаи соли 1682-ро мушоҳида карда буд. Хушбахтона, ӯ бо ақидаи ростхатта ҳаракат кардани кометаҳо банд нагашта ба хулоса омад, ки кометаҳои солҳои 1607 ва 1531 пайдошуда ҳамон кометаи соли 1682 мушоҳидашуда аст. Аз рӯйи се маълумоти мушоҳидаҳояш доир ба мадори комета пайдоишиояндаи онро соли 1758 муқаррар кард. Бо вуҷуди ин, дар ин пешгӯйӣ нақши Нютон низ кам нест. Маҳз қонуни ҷозибаи ҷаҳонии Нютон ба ӯ имкон дод, ки пайдоиши минбаъдаи ситораи думдорро пешгӯйӣ намояд. Масъалаи минбаъда ба ҳамин комета бахшида мешавад.

**Масъалаи 4. Даври гардиши кометаи Галлей = 76,7 сол аст. Дар перигелий вай ба Офтоб дар**

**масофаи r = 0,59 в.а. наздик меояд. Масофаи дуртарини ҷойгиршавии кометаи Галлейро аз Офтоб муайян намоед.**

**Посухи масъала:**

*Хонандаи закӣ ва омӯзгори фанни астрономия, ки бо ҳалли масъалаи 3 шинос шудааст, бо осонӣ масъалаи 4-ро низ ҳал карда метавонад. Барои назорат қайд мекунем, ки ҷавоби он чунин аст: Ҳаракати кометаро бо ҳаракати сайёраи Замин дар асоси қонуни сеюми Кеплер муқоиса намуда, нимтири калони мадори кометаро меёбем: a=18,05 в.а. Масофаи дуртарини он аз Офтоб қариб ба 35,5 в.а. баробар аст.*

Саволе ба миён меояд, ки адади 76,7 сол аз куҷо муайян карда шуд? Агар вақти аз нуқтаи перигелий гузаштани кометаҳои Галлейи солҳои 1456, 1531, 1607, 1682 ва ниҳоят соли 1759-ро ба асос гирем, барои ёфтани даври гардиши кометаи мазкур ададҳои 75,2; 76,2; 74,9; 76,5-ро ҳосил мекунем. Адади 76,5 назар ба ададҳои дигар фосилаи тӯлонитарро ифода мекунад. Оё кометаи мазкур даврӣ аст ё на? Оё бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки ин ҳамон як комета аст? Баъдтар маълум гашт, ки Галлей ҳақ будааст. Дар ин маврид танҳо "ангезиш"-и аз ҷониби сайёраҳои дигар ва Офтоб таъсиррасонидаро ба эътибор гирифтан лозим аст. Ҳангоме ки комета назар ба санаи пешгӯӣ дертар омад, математики машҳури фаронсавӣ Алекс Клеро (1713-1765) ба ҳисоб кардани ангезиши он машғул шуд. Аз рӯйи ҳисобҳои математикии Клеро, ки таъсири сайёраҳои Муштарӣ ва Зуҳалро ба эътибор гирифта буд, комета бояд аз перигелии мадораш на соли 1758, балки апрели соли 1759 мегузашт. Инак, вай аз перигелий 13-уми марти соли 1759 гузашт. Вале боз ҳамон саволи "Бузургии 76,7 аз куҷо гирифта шудааст?" моро ором намегузорад. Баъди он ки аз ҷониби Галлей даврӣ будани ҳаракати кометаи мазкур ошкор гардид, кофтуков ва пурсуҷӯи фаъоли пайдоиши пешини он оғоз ёфтанд. Охири охирон имкон пайдо шуд, ки таърихи пайдоиши ин комета то замонҳои қадим омӯхта шавад. Таърихнависон ба хулоса омаданд, ки воҳимаи пайдошавии ин комета гӯё соли 1378 задухурди Мамаеворо "пешгӯйӣ" намуда, соли 1066 истилои норманҳоро аз ҷониби Британия "ташкил кардааст", соли 912 ба марги князи кабир Олег, соли 66 ба хароб гардидани Байтулмуқаддас ва ҳалокати Помпей "сабаб гаштааст". Расми онро соли 1301 рассоми машҳур Джотто хеле воҳиманок тасвир кардааст. Дар асл вай аз назди Замин гузашта истода, дар сатҳи сайёра тарсу ҳаросро ба вуҷуд меовардааст.

Кометаи Галлей маротибаи охирин 9-уми феврали соли 1986 дар осмон пайдо шуд. Думи он аз чангу ғубори дурахшон иборат буда, дар даруни кунҷи бузургиаш 270 ҷойгир шуда буд ва то масофаи даҳҳо воҳиди астрономӣ кашол ёфта буд. Дар ин хусус муаллифи ҳамин сатрҳо соли 1985 дар маҷаллаи "Машъал" мақолаеро бо номи "Ситораи думдор-меҳмони кайҳонӣ" ба табъ расонида будам, ки писанди ҳаводорону ихлосмандони илмҳои табиатшиносӣ гардида буд. Хушбахтона, вохӯрӣ бо "ситораи думдор" дар замоне рух дод, ки инсоният бо техникаи боэътимоди кайҳонӣ мусаллаҳ гардида буд. Телескопҳои пуриқтидори шуравӣ ва америкоӣ аз моҳи октябри соли 1982 то соли 1988 онро мушоҳида карданд. Моҳи декабри соли 1984 бо мақсади омӯзиши таркиби ядрои ин комета аз Иттиҳоди Шуравӣ ду киштии кайҳонии тамғаи "ВеГа"(Ве – Венера, Га-Галлей) ва ду дастгоҳи ҷопонии "Ҷотто-1" ва "Ҷотто-2" ба мадори сайёраи Зуҳра фиристода шуданд. Умуман, дар кори амалӣ гаштани барномаи "ВеГа", дар маҷмуъ, 9 давлати ҷаҳон иштирок дошт. Натиҷаҳои омӯзиш ба саволҳои пайдоиши оламу аз кадом мавод сохта шудани он ҷавоби қаноатбахш гардониданд. Маълум гашт, ки ядрои комета ба монанди "чароғаки бенгалӣ" ба олами атроф заррачаҳо парешон карда, дар назар воҳима эҷод менамояд. Ин меҳмони кайҳониро сокинони Замин соли 2063 метавонанд боз мушоҳида намоянд.

Аз 25-уми майи соли 240-и то милод то 9-уми феврали соли 1986-и мелодӣ кометаи мазкур 29 маротиба давр задааст. Агар ин фосилаи вақтро ба 29 тақсим кунем, барои ҳар як даври гардиши он 76,7 сол мувофиқ меояд. Ҳамаи дигар "деру зуд омадан"-и он таъсири сайёраи Муштарӣ ва Зуҳал мебошанд, ки аз ҷиҳати масса назар ба массаи умумии сайёраҳои дигар беш аз ду маротиба калонтар аст, аз ин рӯ, ба траекторияи ҳаракати кометаҳо сахт таъсир мерасонад. Дар атрофи Муштарӣ 14-то ва дар атрофи Зуҳал 15 ҳамсафари табиӣ давр мезананд. Қисме аз онҳо ҳамон "кометаҳои асирафтода"-и ин сайёраҳо мебошанд. Силсилаи кометаҳои Муштариро гурӯҳи кометаҳое, ки афелияашон дар қарибии мадори Муштарӣ ҷойгир аст, ташкил додаанд. Ин ҷирми ниҳоят бузург гӯйё кометаҳоро ба асорат гирифта, имкон намедиҳад, ки онҳо ба "зодгоҳҳои хеш" – канорҳои системаи офтобӣ баргарданд.

Хулоса, илми ситорашиносии ҷаҳон тӯли қарнҳо таҳаввулоти бузургро сипарӣ намуда, дорои назокатҳои зиёди илмӣ ва табиӣ мебошад.

**Абдухолиқи НАБАВӢ,**
**ходими пешбари илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

# УСТОД АЙНӢ ВА МАСЪАЛАИ ТАБДИЛИ АЛИФБО

**Масъалаи алифбои забони тоҷикӣ ва табдил шудани ба такрори он дар як маҳдудаи замонӣ масъалаи ҳассос дар таърихи илми забоншиносии тоҷик буда, баъзан ин мавзуъ аз масъалаи таърихӣ ба муаммои илмӣ мубаддал мешавад. Ин нигошта метавонад барои устодони забон ва адабиёти тоҷик ва ҳаводорони таърихи забони тоҷикӣ дастури шоистаи иловагӣ бошад**.

Яке аз масъалаҳое, ки дар солҳои ошкорбаёнии замони Шуравӣ ва дар даврони Истиқлол низ дар сари забони мардум афтод ва то ба имрӯз аз ҳар ҷониб садо дода меистад (бадбахтона, ба ин маърака баъзе аз намояндагони аҳли зиё низ шарикати фаъолона доранд), масъалаи мақоми устод Садриддин Айнӣ дар табдили алифбои форсии тоҷикӣ ба алифбои лотинӣ мебошад. Ба бовари эшон ташаббускору пешқадами ин маърака маҳз устод Айнӣ будааст. Яъне, чунин фазо сохта мешавад, ки гӯё Айнӣ дар ин маврид аз гунаҳгорони асосӣ мебошад. Ҳарчанд ин қазия аз ҷониби хеле аз уламои тоҷик, ба мисли устод Муҳаммадҷони Шакурӣ, Толиб Ваххобов, Сайфиддин Назарзода, Муҳаммадюсуф Имомов ва муаллифи ин сатрҳо бо далелу бурҳони илмӣ ва таърихӣ рад карда шуда бошад ҳам, вале «зиёиён»-и аз асли масъала ноогоҳ ва гӯё миллатдӯстони эҳсосӣ, ки ба мутолиаи аснод ва мақолаҳои чопшуда хоҳише надоранд ва ё эҳсоси худро пахш кардаву ба ҳақиқат ҳеҷ бовар карда наметавонанд, гӯё бо ҳамин роҳи содаву ғалат табли миллатгароӣ мезананд. Бояд гуфт, ки чунин ҳангомасозии омиёна ҳам барои илм ва ҳам барои миллат зарари ҷиддӣ дорад. Ба назар чунин мерасад, ки барои баъзе аз афрод як ҳақиқати бебаҳсро бояд, ки такрор ба такрор гӯшрас намоӣ, то зеҳни эшон аз ин ифроту тафрити андеша пок шавад ва дар мантиқи муҳокимаҳои онҳо риояи эътидол ба меъёри муқаррарӣ ворид гардад…

Аммо дар мавриди мақоми устод Айнӣ оид ба табдили алифбо ҳамин нуктаро таъкид кардан лозим аст, ки агар устод мехост ҳам аз уҳдаи ин амал баромада наметавонист. Воқеан, чунонки борҳо таъкид шудааст, Айнӣ аз ибтидои аср ба роҳи танвири афкор ва ислоҳи маориф даромад ва дар ин масъала кӯшиш ба харҷ дода, дар ташкили мактабҳои нав иштирок намуд, китобҳои дарсӣ навишт. Аммо дар ҳеҷ куҷо ба хотири ислоҳи таълиму маориф аз табдили хат ва ё ислоҳи он сухан ба миён наовардааст. Айнӣ ҳатто ба ислоҳи алифбои арабиасос, ки ӯзбекҳо амалӣ карданӣ шуданд, ҳеҷ ибрози андеша накард ва шояд ба эътирозе, ки маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» нисбат ба ин масъала дошт ва ӯ дар он ҷо муаллифи фаъол буд, ҳамфикр буд. Яъне, то замони ба арсаи баҳсу муҳокима ва умуман оғози ҷараёни табдили хат (алифбо), ки аз солҳои 1922-1924 дар давлати Шуравӣ оғоз шуда буд, Айнӣ дар ин мавзуъ ҳеҷ гуна назаре иброз надоштааст. Аслан тоҷикон, бо кадом сабабе, ба ин ҷараён аз ҳамаи ҷамоҳири собиқ Шуравӣ баъдтар, фақат дар охири соли 1927 дохил шуданд.

**Аммо чанд лаҳза аз таърихи масъала**

Дар воқеъ, масъалаи забон ва такомулу таҳаввули он, табдили хат, шакли навишт ва имлои осон аз қазияҳои ҳамешагӣ барои рӯшанфикрони ҷомеа, бахусус, рӯшангарони Шарқ будааст.

Масъалаи мазкур дар Замони Нав (мо замони ба ҷараёни инкишофоту инқилоботи

асрӣ ва ба роҳи интибоҳу таҷаддуд даромадани мардумони Шарқи исломӣ ва мустамликаро ҳамин тавр тавсиф кардем - А. Н.) хеле ҷиддӣ ва ҳассос ба майдон баромад. Агар ба маълумотҳое, ки дар матбуоти солҳои 20-30 ба табъ мерасиданд, бовар кунем, пас ин руҳия ва хоҳиш тамоми мамолики Шарқ - чи Шарқи Дур ва чи Шарқи мусулмониро фаро гирифта буд ва дар саргаҳи он афроди мушаххасе меистоданд. Гӯё фикри осон кардан ва ё табдили алифбо аз нимаҳои асри XIX инҷониб дар мамолики Шарқ - Эрон (Малкумхон), Озарбойҷон (Мирзо Фатҳалӣ Охундов), Туркия (Мустафо Камол – Камолпошшо) ва ҳатто, дар Мисру Ҳиндустон ва Чину Ҷопон гоҳ-гоҳ сар мезад, аммо аз сухан ба амал табдил наёфта мемонд.

Масалан, Мирзо Маклумхон - донишманд ва сиёсатмадори эронӣ дар даҳаи ҳаштуму нуҳуми асри XIX пас аз санҷидани авзои олам масъалаи табдили алифборо ба майдон мегузорад: «Агар мо алифбои арабиро тарк карда, алифбои лотиниро қабул накунем, тараққӣ кардан ва қатори миллатҳои мутамаддин даромадани мо мумкин нест». Яъне, агар чунин масъала гузорем, ки табдили хати арабиасос ба лотинӣ фақат сиёсати шуравиҳо будааст, пас аз рӯйи адолат сухан накардаем.

Маълум мешавад, ки қазия таърихи дуру дароз дорад ва он ҳам вобастаи мушкилоти азбар кардану хондан ва бахусус, навиштани алифбои арабӣ будааст. Гумон меравад, ки ҳамин масъала дар замони Шуравӣ низ ба миён омад, вале дар амалияи ин кор, вобаста ба ғаразҳои сиёсии ломазҳабии шуравиҳо, он ба мақсадҳои мафкуравию маънавӣ пайваст ва оқибаташ, чунонки мепиндоштанд, на хуш, балки дар бисёр маврид риққатовар анҷом гирифт. Аммо таваҷҷуҳ ба тағйиру ислоҳи алифбо ва дар алоқа бо он масъалаи чигунагии забони адабии муосир дар импературии Русия пас аз Инқилоби Октябр оғоз гардид.

Ин масъала дар оғоз хусусияти умумииттифоқӣ дошт ва аз ҷониби сарварони баландпояи давлати Шуравӣ, амсоли В. И. Ленин ва комиссари маориф А. В. Луначарский ба майдон гузошта шуда буд ва ҳатто забони русиро низ фаро мегирифт. Вале дар масъалаи табдили алифбои русӣ ба лотинӣ Ленин саросема нашуданро тақозо карда буд. Шояд ба ҳамин сабаб аст, ки агарчанде соли 1929 дар ин маврид комиссияи махсус ташкил дода шуд ва дар рӯзномаҳои «Учительская газета» ва «Литературная газета» таҳти унвони «Алифбои байналмилалӣ» мақолаҳо ба табъ расида, Шурои олии илмӣ бо сарварии профессор Яковлев корҳои тайёрӣ сар карда буд, вале он бо дарназардошти мулоҳизаҳои Ленин, аз ин марҳала боло нарафт. Аммо кор нисбат ба онҳое, ки алифбои арабиасос доштанд, ранги дигар гирифт.

Дар аввали солҳои 20 дар сатҳи умумииттифоқ барои ба тартиб даровардани «сохтмони забонҳо» ва ё ба зери назорат гирифтану роҳбарӣ кардан ба ин раванд дар назди Президиуми шурои миллии КИМ ҶШСС маркази илмие бо номи Кумитаи марказии умумииттифоқии алифбои нав (ВЦКНА) ташкил шуда буд. Тибқи маълумот дар ин ташкилот уламои салоҳиятдори забоншинос, арбобони ҳизбӣ ва ҷамъиятӣ ҷамъ омада буданд ва Кумита салоҳиятҳои фароху бучаи худро дошт. Аҳли илм қайд кардаанд, ки «Вазъияти забоние, ки дар солҳои 20 ва ибтидои солҳои 30 дар СССР ба вуҷуд омад, то ба имрӯз ба сифати намунаи беҳтарини амалӣ кардани сиёсати забонӣ дар як мамлакати сермиллат мемонад». Аммо аз нимаи солҳои сӣ дар муносибат ба забонҳои миллӣ шарту шароити дигаре пеш гирифта шуд, ки он моҳиятан аз мақсадҳои дар назди Кумитаи алифбои нав гузошта шуда, сар тофтан, балки бар хилофи он амал кардан буд. Аслан дар чанд соли охир дар ин хусус бисёр навиштаанд ва банда низ дар китоби худ бахшида ба фаъолияти Нарзуллои Бектош ("Нарзуллои Бектош ва илму адаби солҳои 20-30". - Душанбе: Ирфон, 2004.) ба қадри имкон аз он ёдовар шудаам, ки ҳоҷат ба такрор нест.

Ҳамин тавр, аз соли 1922 ба баъд, бахусус, туркони озарӣ ба таври ҷиддӣ аз паи ислоҳи алифбо шуда, солҳои 1924-1926 корҳои зиёде анҷом доданд ва дар ҷаласаи умумитуркии «Туркшиносӣ» (Боку, феврали соли 1926) қатъан ба алифбои лотинӣ гузаштанро эълон доштанд. Ҳоло дақиқан маълум нест, ки аз ҷониби кӣ - «туркони озарӣ» ё «доҳиёни пролетарӣ» масъалаи тағйири алифбо ба як

масъалаи муҳимми сиёсӣ табдил дода шуда буд. Ленин ба сарвари Озарбойҷон Самад Оғомуалӣ уғлӣ гуфта будааст, ки «дигар кардани алифбо дар Шарқ баробар ба инқилоб мебошад». Ва ҳатто, сарвари мазкури Озарбойҷон ба маъракаи амалӣ кардани сиёсати забонӣ ва табдили алифбо дар ҷумҳуриҳои миллӣ ба сифати роҳбар интихоб шуда буд.

Аз соли 1926 аксари ҷумҳуриҳои туркӣ, аз ҷумла, Ӯзбекистон, ки Тоҷикистон дар таркиби он ҷумҳурии худмухтор буд, алифбои лотиниро қабул карданд. Ҳамин тавр, масъалаи дигар кардани алифбо барои тоҷикон низ ба масъалаи давлатӣ ва сиёсӣ табдил ёфт ва баъди ин Анҷумани якуми шуроҳои Тоҷикистон соли 1926 дар асоси маърӯзаи Аббос Алиев дар бораи қабули алифбои нав қарор қабул кард. Ин қарор дар нахустин Анҷумани муаллимони Тоҷикистон дастгирӣ ёфт, вале ба «сабабҳои маънавӣ ва моддӣ» чанд муддат ин кор ба таъхир андохта мешавад ва Комиҷроияи марказии Тоҷикистон бори дигар ба ин масъала баргашта, аз 17 сентябри соли 1927 таҳти рақами 35 қарори алоҳида қабул менамояд.

Бинобар ин, фикру ақидаҳои баъзе ҳангоматалабон, ки дигар кардани алифборо бо ташаббуси шахсони алоҳида, масалан Айнӣ ва дигарон мебанданд, дурӯғи маҳз асту бас. Хусусан, «демократтарошҳои эҳсосотӣ» дар замони бозсозӣ, аз пайи эшон ҷавонони ноогоҳ аз таърихи масъала ва баъзе афроди ҳангоматалаб имрӯз низ ба ҳамин гуна гуфтугузорҳои ғайриҷиддӣ аз худ рӯшанфикру озодандеш сохтан мехостанд ва мехоҳанд. Ҳол он ки ҳуҷҷатҳои сиррӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки бо роҳи тағйири алифбо рафтани донишмандони гарму сарди зиндагиро дидаву санҷида кори содае набудааст. Ба ин ҳуҷҷат диққат диҳед, ки ОГПУ дар Осиёи Миёна соли 1926 ба раиси бюрои Осиёимиёнагӣ Зелинский пешниҳод карда буд: «Муносибати доираҳои миллӣ ба ин масъала (табдили алифбо - А.Н.) чун пештара хайрхоҳона нест, ҳарчанд ки расман дар бораи зарурати ҷорӣ намудани алифбо изҳори ақида мекунанд. Чунин ақида мавҷуд аст, ки алифбои нав «таҳқир, мазҳакаи лухтакӣ аст…».

Дар ҳамин гирудорҳо Абдурауфи Фитрат ба таври расмӣ муносибати худро ба алифбои нав ба андозае тағйир дод. То чӣ андоза самимӣ будани Фитратро аз изҳороти вай фаҳмидан мумкин аст, ки «дар вазъияти ҳозираи ман илоҷи дигар нест» гуфтааст. Ба ақидаи Абдулвоҳид Бурҳонов (Мунзим - А.Н.) «баъди ҷорӣ намудани алифбои нав… тамоми мардуми босаводи ҷаҳони мусулмонӣ бесавод гардиданд. Зеро адабиёт бо алифбои нав барои вай дастнорас гардид» (Дар ин бора ниг. А. Набавӣ. Нарзуллои Бектош ва илму адаби тоҷикии солҳои 20-30. - Душабе: Ирфон, 2004).

Ва чун барои ин мардони соҳибандеша илоҷи дигаре намонда буд, аз ин амри иҷборӣ барои амалӣ кардани мақсадҳои маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи худ истифода кардан хостанд ва барои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва аз лиҳози маънавӣ самарабахш анҷом додани ин маърака кӯшиш ба харҷ доданд. Вагарна устод Айнӣ бо аксари ҳамсафонаш то охири умр аз алифбои арабӣ рӯ нагардонидаанд: Айнӣ худ тамоми осорашро бо ҳамин алифбо таълиф кардааст ва аксари дигар ҳамсафону шогирдонаш низ.

Ҳамин тавр, соли 1927-1928 дар Тоҷикистон масъалаи иваз кардани алифбо ҷиддан ба миён омад. Яъне, ба ҷойи ислоҳоти таълим, ки он ҳам дар замони аморат ба қавли Айнӣ кори осону бедардисар набуд, масъалаи ивази алифбо ба миён омад. Чун қазияи мазкур низ аз масъалаи маориф ва илму фарҳанг берун шуда, ба проблемаи сиёсии инқилоби маданӣ ва сохтмони сотсиалистӣ табдил ёфт, ба аҳли фарҳанги тоҷик дигар роҳе намонда буд, ки ба ин ҷараён (аз ҳама охир) пайваста шаванд. Эшон кӯшиданд, ки ин алифбои наве, ки бояд ҷорӣ шавад, ҳеҷ набошад дар шакли хуб ва содаву осонтар, ба табиати овоии забони тоҷикӣ мувофиқ сохтаву манзури мардум гардад ва Айнӣ, Фитрат, Лоҳутӣ, Манофзода, Раҳим Ҳошим, Нисор Муҳаммад, профессорон Семёнов, Фрейман, Мунзим, Бектош, Бурҳониддин Икромӣ, Обид Исматӣ ва боз уламои дигари ховаршинос дар ин маърака иштироки фаъолона доштанд. Аз ҷумла, устод Айнӣ таъкид кардааст, ки «…вақти он расид, ки масъалаи алифбо ҳам ҳал шавад». Фитрат навишта буд, ки «Мумкин нест, ки Тоҷикистон низ аз ин масъала муассир нагардад».

Аксари иштирокдорони мубоҳиса, аз Нус-

ратулло Махсум - Садри Кумитаи Иҷроияи Марказии Тоҷикистон сар карда, то муаллимону хонандагони қаторӣ бар ин буданд, ки табдили хат ҳам аҳаммияти сиёсӣ, бахусус, иқтисодӣ дорад, ҳам барои саводнокии умумиро ба зудӣ ҳал кардан ёрӣ расонда, дар натиҷа моро зудтар ба сарманзили мурод мерасонад ва ҷомеаро барои баҳравар шудан аз шаҳди пешрафтҳои асрӣ кумак менамояд.

Бо ин мақсад аввал лоиҳаи алифбои Фитрат таълифу нашр гардид ва баъд лоиҳаи профессор Семёнов чоп шуда, ҳарду ба муҳокима гузошта шуданд. Дар атрофи лоиҳаҳои мазкур баҳсҳои пуршиддату доманадоре, бахусус, миёни Семёнов, Фитрат, Лоҳутӣ, Санҷар, Бектош ва дигарон ба амал омад. Мақсади асосӣ ҳамин буд, ки дар алифбои нави тоҷикӣ ҳуруфи лотинӣ ба як ҳол дароварда шавад, ки тамоман ба махраҷи тоҷикӣ мувофиқ бошад, ба овозҳои дар лотинӣ набуда бе вайрон кардани асоси лотинӣ шакли нав сохта шавад ва ба шаклҳои зиёдатии алифбои туркҳо, ки ба забони тоҷикӣ бегона аст, қатъан роҳ дода нашавад, ба овозҳои махсуси забони тоҷикӣ шакли нав сохта шавад.

Баҳсҳои мазкур зери роҳбарии Кумитаи марказии алифбои лотинӣ сурат мегирифт ва он масъалаҳоро дар ҷаласа ва конференсияҳои худ ба миён гузошта, баррасӣ мекард ва хулосаҳо мебаровард. Пеш аз конференсияи ҷамъбастӣ, 10 октябри соли 1929 маҷлиси машваратӣ бо намояндагони конференсия баргузор мегардад ва дар он лоиҳаи алифбои профессор Фрейман пешниҳод ва аз тарафи аксарияти иштирокдорони маҷлиси машварат қабул карда мешавад. Баъд, 28 октябр, Конференсияи якуми алифбои нави тоҷикӣ баргузор мегардад ва дар натиҷаи баҳсҳои сешабонарӯза лоиҳаи Фитрат дар асоси лоиҳаи Фрейман такмил карда, алифбои нави тоҷикӣ қабул карда мешавад.

Ҳамин тавр, шакли мукаммали алифбои нави лотинии тоҷикӣ, ки дар Конференсияи Тошканд (1929) қабул шудааст, ба ин тартиб буд:

O - آ, B – ب, C – چ, G - ج, D - د, E - اِ, A - اَ, F – ف, g - گ, Y - غ, h - ح, i – «и»-и кӯтоҳ, ī - «и»-и дароз, j - ي, k - ك, I – ل, m - م, n - ن, P - پ, q – ق, r - ر, S - س, Š - ش, t – ت, u – «у»-и кӯтоҳ, ū - «у»-и дароз, ů - «у»-и ғавс, v - و, x - خ, z – ز, ƶ – ژ, (ʻ) опуструф (ниг. маҷаллаи «Раҳбари дониш, 1929, №2-3). Аммо дар Анҷумани илмии забоншиносӣ ů - вови маъруф (ғавс)-ро бо ū як донистанд; « i » ва « ī» ҳамчунон ки интихоб шуда буданд, монданд, барои غ шакли «q» мувофиқ дониста шуд. Ҳамчунин, анҷуман истифодаи ҳарфи калонро қатъӣ ҳисобид. Ниҳоят, алифбои нави лотинии тоҷикӣ дар шакли охираш даромад, ки дар заминаи савтиёти забони тоҷикӣ сохта шуда буд.

Албатта, дар бораи неку бади табдили алифбои тоҷикӣ ба лотинӣ чизҳои бисёре гуфтан мумкин аст: он моро аз мероси бои гузаштаамон бурид, як қишри муҳимми босаводи аҳолиро, ки бо алифбои арабиасос хондаву навишта метавонистанд, бесавод кард ва ғайраву ва ҳоказо. Вале агар хоҳиши ҷиддӣ мебуд ва давлати Шуравӣ дастури гузаштазудоӣ ва ломазҳабиро пеш намегирифт, шояд тамоман набошад ҳам, як қисм аз ин мушкилотро як андоза сабук паси сар кардан мумкин мегардид.

Аммо масъалаи тағйири алифбо, чунонки дар боло қайд кардем, барои дар сари хусусият ва табиати овоӣ (савтӣ)-и забони тоҷикӣ ба андеша рафтан, илми фонетикаро ба тартиб андохтану ривоҷ додан ва умуман, масъалаҳои забоншиносиро ба таври илмӣ ба миён гузоштан ва омӯхтан сабаб гардид. Чунонки аз гуфтаҳои боло маълум гардид, баҳсу талошҳои аҳли илму адаби тоҷик ҳарчанд аз эҳсоси навҷӯёна холӣ набуданд, вале дар онҳо мулоҳизаҳои ҷиддӣ хеле бисёр ба назар мерасад. Ва ин таҷрибаро бо ҳама баду некаш дидану баррасӣ кардан, минбаъд низ чун масъалаи ислоҳи алифбои нав ба миён ояд ва ҳатто, агар замоне ба алифбои арабиасос баргардем ҳам, ба ҳисоб гирифтан аз манфиат холӣ нахоҳад буд... Яъне, дар ин маврид ҳам устод Айнӣ ба таври худ барои табдили хат ҳеҷ кӯшише ба харҷ надодааст, балки чун вазъият танг омада, ҳама ҷомоҳири Шарқи мусулмонии Шуравӣ ба алифбои лотинӣ гузаштанд (оё ба ин амал ҳам Айнӣ гунаҳгор буд?!), уламои тоҷик, аз ҷумла, Айнӣ барои сохтани алифбои лотинии ба табиати овоии забони тоҷикӣ хос ва шаклан осон кӯшиш карданд ва ба ин васила низ ба мардуми худ хидмати сазовор намуданд!

**Таҳмина НЕГМАТОВА,**
**мураббии кӯдакистони № 59-и**
**ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе**



# САЁҲАТ БА КИШВАРИ РАНГИСТОН

## Машғулияти маҷмуӣ барои гурӯҳи миёнаи томактабӣ

Таҳсилоти томактабӣ яке аз муҳимтарин зинаҳои таҳсил барои рушду ташаккули афкори кӯдакон махсуб шуда, гуногунии рангҳо, шаклҳо, ҳаҷмҳо ва дигар хусусиятҳои ашёро барои хурдтаракон мефаҳмонад. Дар машғулиятҳои гуногунмавзуи кӯдакистон бачаҳо зеҳнияти худро такмил дода, дар зиндагии рӯзмарраашон қобилияти фарққунандагиро ташаккул медиҳанд. Дар ин нигошта як намунаи машғулияти маҷмуиро барои гурӯҳи миёнаи томактабӣ манзур мекунем, то барои мураббиҳои ҷавон ҳамчун маводи методӣ хидмат намояд.

**Мақсад:** Мустаҳкам кардани тасаввурот ва ташаккули афкори кӯдакон оид ба шаклҳои геометрӣ ва рангҳо.

**Вазифаҳо:** Таҳкими тасаввуроти бачаҳо оид ба шакли давра, қобилияти фарққунии рангҳо (сурх, кабуд, зард, сабз...), тасаввурот дар бораи ҳаҷми ашёҳо (калон, хурд), инчунин, ададҳо - шумораи якто ва бисёр, дуруст иҷро кардани супоришҳо ва бедор кардани шавқ ба фаъолияти бозӣ.

**Мавод ва таҷҳизот:** Нимниқобҳо дар шакли доғҳои рангҳо, дарахтон, баргҳои бузургу хурд.

**Кори пешакӣ:** Суҳбат бо кӯдакон дар бораи доғҳои рангҳо, расмкашӣ бо доғҳо.

**Вазифаи хонагӣ:** Тайёр кардани нимниқобҳои доғҳои рангҳо.

### РАФТИ МАШҒУЛИЯТ

Дар байни гурӯҳ миз ва дар болояш нимниқобҳои доғҳои рангҳо истодааст.

Мураббӣ нимниқоби доғеро ба рӯяш мекашад ва мегӯяд:

- Салом, бачаҳо! Номи ман Доғ мебошад. Ман ба назди шумо аз кишвари пурмуъҷизаи Рангистон омадам. Шумо боре дар кишвари мо будед?

**Ҷавоби бачаҳо:**

- Не, мо ба кишвари Рангистон боре ҳам нарафтаем.

**Доғ:**

- Ман дар сафар будам, ки дар Рангистон нохушие рӯй дод, бинобар ин, ба он ҷо дигар рафта натавониста истодаам. Аз ин рӯ, бо мақсади дубора рафтан ба Рангистон ман аз шумо ёрдам мехоҳам. Барои ба ин кишвар ворид шудан бояд ба рӯятон ниқобҳои сеҳрноки доғҳоро кашед, то ба доғҳои рангоранг табдил ёбед. Шумо медонед, ки доғ чист? Доғ аз рангҳои дар варақи дафтар ё албом рехта пайдо мешавад.

Бачаҳо ниқобҳоро ба рӯяшон мекашанд.

**Доғ аз онҳо мепурсад:**

- Дар хона кӣ ба шумо дар сохтани ниқобҳо ёрӣ расонд? Рангҳои ниқобҳои шумо чӣ хел ҳастанд?

**Ҷавоби бачаҳо:**

- Дар сохтани ниқобҳо ба мо падару модар ва бобову бибиҳоямон ёрдам карданд. Рангҳои ниқобҳои мо гуногун аст.

**Доғ:** - Бачаҳои азиз, вориди кишвари Рангистон шудан осон нест. Барои ин суханони сеҳрноки зеринро донистан шарт аст:

**Рангорангу рангоранг,**
**Дунёст рангибаранг.**

**Хоҳем босавод бошем,**
**Ҳам бачаякони бонанг!**

- Ана, мо ба кишвари Рангистон расидем. Ураaa!!! Ман боз дар хонаамон ҳастам! Биёед, ман шуморо ба тамошо мебарам. Бодиққат ба зери пойҳоятон нигаред. Ин пайраҳа мебошад. Бигӯед, ки он дароз аст ё кӯтоҳ?

**Ҷавоби бачаҳо:**

-Дароз аст.

**Доғ:**

-Пайраҳа аз чӣ сохта шудааст?

**Ҷавоби бачаҳо:**

-Бо хиштчаҳо кошикорӣ карда шудааст.

**Доғ:**

-Ранги хиштчаҳо чӣ хел аст?

**Ҷавоби бачаҳо:**

-Зард ва сурх аст.

**Доғ:**

-Ҳаҷми хиштчаҳо якхелаанд?

**Ҷавоби бачаҳо:**

-Не, якеаш калону дигараш хурд аст.

**Доғ:**

-Пайраҳаи хиштӣ моро ба куҷо овард?

**Ҷавоби бачаҳо:**

-Ба назди дарахтон.

**Доғ:**

-Дарахтон дар кишвари мо сеҳрноканд. Баргҳои онҳо ҳеҷ гоҳ намерезанд ва шаклҳои гуногуни геометрӣ доранд. Аммо ноҳушие рӯй доду бетартибиро ба миён овардааст ва мо намедонем, ки чӣ кор кунем. Ин дарахтон суҳбат карда метавонанд. Мисол, ин дарахтро гӯш кунем, ки чӣ мегӯяд. Дарахт мегӯяд, ки шамоли золим вазида, тамоми баргҳоро канда партофт ва марғзорро бетартиб кард. Инчунин, дарахт мегӯяд, ки дар марғзор ҳам гулҳо бо шаклҳои геометрӣ мерӯянд.

**Доғ як-як шаклҳои геометриро гирифта, ба бачаҳо савол медиҳад:**

- Бачаҳо, ин кадом шакли геометрӣ ҳасту чӣ ранге дорад?

**Ҷавоби бачаҳо:**

-Ягон кунҷ надорад ва ба табақчаю сарпӯши дег, ҳалқаю чархак монанд мебошад. Рангаш сурх аст.

**Доғ:**

-Он чӣ шакл аст?

**Ҷавоби бачаҳо:**

- Даврашакл аст.

**Доғ:**

-Кадом шакли геометрӣ се қуллаю се кунҷ ва се тараф дорад?

**Ҷавоби бачаҳо:**

-Секунҷа се қуллаю се кунҷ ва се тараф дорад.

**Доғ:**

-Рангаш чӣ хел аст?

**Ҷавоби бачаҳо:**

-Рангаш сабз мебошад.

Боз ҳам саволдиҳиро ба бачаҳо идома медиҳем, зеро ин гуна пурсишҳо барои мустаҳкамкунии тасаввуроти кӯдакон ва донишҳои гирифтаашон бисёр муфид мебошанд.

**Доғ яке аз шаклҳои геометриро аз рӯи миз гирифта, ба бачаҳо чунин савол медиҳад:**

-Он шиноси дерин аст, ҳар кунҷи он рост асту ҳамаи тарафҳояш як хел дарозӣ доранд. Кадом шакл аст?

**Ҷавоби бачаҳо:**

-Он шакли квадрат буда, рангаш кабуд аст.

**Доғ:**

-Ду тарафаш баробари кӯтоҳ ва ду тарафи дигараш баробари дароз чист?

**Ҷавоби бачаҳо:**

-Он шакли чоркунҷа буда, рангаш зард аст.

**Доғ:**

-Бачаҳо, дар марғзор гулҳои ғайриодии шаклҳои геометридошта мерӯянд. Биёед, онҳоро ҷамъ меорем.

Бачаҳо гулҳои гуногуни шакли геометридоштаро ҷамъ оварда, хусусиятҳои онҳоро шарҳ медиҳанд.

**Доғ:**

-Офарин, бачаҳо! Акнун биёед муайян менамоем, ки баргҳо аз кадом дарахтон бошанд. Бинед, дарахтон гуногунанд, онҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд? Ба фикри шумо, дарахти калон баргҳои калон дорад ё хурд?

**Ҷавоби бачаҳо:**

-Баргҳои калон дорад.

**Доғ:**

-Дарахти хурд чӣ?

**Ҷавоби бачаҳо:**

-Баргҳои хурд дорад.

**Доғ:**

-Дарахт чӣ қадар барг дорад?

**Ҷавоби бачаҳо:**

-Дар дарахт баргҳои бисёр мавҷуд аст.

**Доғ:**

-Баргҳо бисёранд ё дарахтон?

**Ҷавоби бачаҳо:**

-Баргҳо бисёранд.

**Доғ:**

-Офарин! Бачаҳо, хаста шудед? Биёед, каме истироҳат мекунем.

**Лаҳзаи дамгирӣ**

Доғ диққати кӯдаконро ба тасвирҳои қаблан омодашудаи дарёву табиат, инсон ва ҳайвонот ҷалб мекунад.

- Ба ин тасвирҳо нигаред. Дар дарёи кабуд киштии сурх шино мекунад, дар тасвири дигар писарбача дар даст тӯби кабуд дорад, асп дар алафзори сабз мечарад. Гурбаи зард дар рӯйи кат хоб аст...

Дар интиҳои сафари маҷозӣ ба кишвари Рангистон Доғ ба бачаҳо барои иштироки фаъолашон ташаккур мегӯяд:

-Ташаккур, бачаҳои азиз, шумо ба кишвари Рангистон ва барои ба ин ҷо омадани ман хеле кумак расондед. Пешниҳод менамоям, ки акнун ба асли пешинаатон-ба кӯдакистонатон баргардед. Барои анҷоми ин кор суханони сеҳрнокро мехонем:

**Рангорангу рангоранг,**
**Дунёст рангибаранг.**
**Шудем мо бачаякон**
**Ҳам босаводу бонанг!**

Сипас, бачаҳо ниқобҳоро аз рӯйҳояшон мегиранд. Дар ҷамъбасти машғулият мураббӣ дар муроҷиат ба кӯдакон чунин мегӯяд:

- Бачаҳо, дар саёҳат ба Рангистон мо бо шаклҳои геометрӣ ва рангҳо шинос шудем, дар бораи ҳаҷми ашёҳо тасаввурот пайдо намудем. Муҳимаш, сокинони Рангистон аз ёрии шумо – бачаҳо хушҳол шуда, ба ҳамаатон миннатдорӣ изҳор менамоянд. Дар саёҳат - машғулияти имрӯза ҳамаатон фаъол будед. Офарин!



**Файзигул НАЗАРОВА,**
**омӯзгори синфҳои ибтидоии**
**мактаби №53-и ноҳияи Варзоб**

# НАҚШИ АДАБИЁТИ БАДЕӢ ДАР ИНКИШОФИ НУТҚИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Адабиёти бадеӣ ҳамчун махзани маърифати инсонӣ ва сарчашмаи ташаккули афкори ҳамида дар рушди нутқ, зеҳн ва ҳисси маърифатнокии наврасону хонандагон нақши созгор дорад, зеро адабиёти бадеӣ назокатҳои табиӣ, адабӣ ва фарҳангию иҷтимоиро ба ҳам намуда, як маҷмуаи амиқро пешкаши хонанда месозад ва хонанда низ дар навбати худ, ҳангоми мутолеа бояд назокати нигорандагии адибро дарк карда, фаҳмонида тавонад.

Барои он ки асари бадеӣ ифоданоку таъсирбахш хонда шавад, аз худ кардан ва фаҳмида тавонистани мазмуни асар аҳаммияти беандоза дорад. Хонанда бояд образи нависанда, симои ӯро ҳамчун нақлкунанда ба таври равшан баён карда тавонад. Иҷрои ин вазифа дар асарҳое, ки бевосита аз забони худи муаллиф ё нависанда нақл карда мешавад, осонтар аст. Масалан, дар достони “Ҳасани аробакаш” ба воситаи силсилаи тасвирҳои лирикӣ симои шоир Мирзо Турсунзода намоён шуда меистад. Дар повести “Субҳи ҷавонии мо” образи нависанда дар  шахсияти Собир ба хонанда маълум мегардад.

Дар асарҳои ривоятӣ симои нависанда ҳамеша намоён аст. Бинобар ин, дар вақти хондани асар образи нависанда ва муносибати ӯро нисбат ба ҳаёт нишон додан зарур аст.

Дар асарҳои бадеӣ барои дурусттар фаҳмидани образи муаллиф ва нуқтаи назари ӯ тарзи баён ва намудҳои он аҳаммият дорад. Дар асарҳои  ривоятӣ дар бораи касе ё воқеае аз забони муаллиф ва ё каси дигар ҳикоят карда мешавад. Асарҳои ривоятӣ, асосан, мазмундор мешаванд. Дар нутқи даҳонӣ ривоят ба шакли шавқовар ифода меёбад.

Ташаккули инкишофи нутқи гуфторию навиштории мактабиёни хурдсол, пеш аз ҳама, ба истифодаи бамавқеъ ва самараноки воситаи хуби рушди инкишофи нутқ дар давраҳои муайяни синнусолӣ вобастагӣ дорад. Аз ҷумла, дар адабиёти илмию методӣ як қатор воситаҳои инкишофи нутқ ном бурда мешаванд, ки аз онҳо муҳимтаринашон муошırати босамари калонсолон бо талабагон, муҳити солими забонӣ, нутқи ифоданоки омӯзгор, намудҳои гуногуни санъат, омӯзиши забони модарӣ ва адабиёти бадеӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳар кадоме аз ин воситаҳо дар давраҳои муайяни синнусолӣ дар инкишофи нутқи талабагон нақши амиқу мушаххас гузошта, асоси рушди тафаккури нутқӣ мегарданд, зеро дар синни хурди мактабӣ муошират воситаи асосии инкишофи нутқ дониста мешавад. Бесабаб ҳам нест, ки Сухомлинский В.А. ба қудрату тавоноии муошират сахт иқрор шуда, онро “пояи асосии тарбия” [10] номидааст.

Асарҳои бадеӣ дар ҳаёти маънавии бачаҳо ҳамеша мавқеи муҳим доштанд ва имрӯз ҳам доранд. Мардум дараҷаи фаҳмиш ва имконияти дарккунии хурдсолонро ба эътибор гирифта, асарҳое эҷод кардаанд, ки хонандагонро ба шавқ меоваранд, ба онҳо лаззати бадеӣ мебахшанд ва мароқашонро ба нафосати сухан ва зебоии ҳаёт афзун гардонида, ба ин восита нутқи гуфтугӯйии онҳоро бою рангин мегардонанд.

Асарҳои адабиёти бачагонаи мо аз қадим низ мавҷуд буданд ва дар ҳар давру замон дар заминаи адабиёти пурсарвати классикӣ рушду нумуъ ёфта, ба тарзу шаклҳои гуногун паҳн мегаштанд.

Кӯдакон аз хурдсолӣ достон, афсона, ҳикоя, чистон ва шеъру таронаҳоро бо шавқ гӯш мекунанд. Майлу рағбати онҳо ба шунидани афсонаву сурудҳо торафт зиёд

шуда, аз калонсолон такроран гуфтани онро хоҳиш мекунанд. Ҳамин тавр, бо таъсири адабиёт эҳсосоти бадеии кӯдакон сол аз сол инкишоф меёбад.

Яке аз паҳншудатарин ва дӯстдоштатарин жанрҳои асари бадеӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ афсона мебошад. Афсона дар ҳаёти бачаҳои тоҷик аз замонҳои қадим арзи вуҷуд дорад. Афсонаҳои халқӣ низ барои инкишофи нутқи хонандагон нақши муҳим мебозанд.

Хонандагон дар афсона он қаҳрамононеро, ки бо якдигар муноқиша мекунанд, эрод мегиранду ҷанг мекунанд, рафиқони бад меноманд.

Барои ошкор намудани тасаввуроти кӯдакон дар бораи адолат аз рӯйи афсонаи хондашуда суҳбат гузаронида мешавад. Таълими афсона дар тасаввури мактаббачагони хурдсол некию меҳрубонӣ карда тавонистан, ба мадади касе расидан, саховат ва ғамхорӣ нисбат ба рафиқон, калонсолон ва ниёзмандон зоҳир намуданро ҳосил мекунад.

Истифодаи афсонаҳо мақсади муайяни худро дошта, аз ҷониби омӯзгорон ба таври фаровон ва гуногун истифода бурда мешавад. Аз ин ҷо дар китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ як қатор афсонаҳо дар бораи ҳайвонот, рафоқат ва дӯстӣ, накукорӣ, хайрхоҳӣ ва хоксорӣ, ҷасурӣ, бовиҷдонӣ ва ростқавлӣ, оштинопазирӣ нисбат ба бадӣ ва бепарвоӣ, беандешагӣ ва ғайраҳо, пешкаш гардида, таълим дода мешаванд.

Афсона бо нафосат, оҳанг ва воситаҳои тасвир шаклҳои гуногуни усули бадеӣ, забони пурмазмуни содаю ширин, образҳои фаромӯшнашавандаи худ ба дили хурдсолон ба зудӣ ҷой мегирад. Афсонаҳое, ки шахс дар кӯдакӣ мешунавад, як умр дар хотираш нақш мебандад, чунки дар симои қаҳрамонҳои асосии афсона хислатҳои наҷиби одамон, сифатҳои баланди ахлоқии онҳо ифода меёбанд. Ба ифодаи дигар афсонаҳои халқӣ тахаюли бачаҳоро инкишоф дода, тасаввуроти онҳоро васеъ менамоянд.

Аксари афсонаҳо дар асоси муборизаи ду қувва – некӣ ва бадӣ бунёд шудаанд. Барои ҳамин ҳам хонанда панду насиҳатҳои нависандагонро аз рафтору кирдори қаҳрамонони асар ба худ мегирад.

Барои дар руҳияи башардӯстӣ ва ёрии рафиқонаи байни ҳамдигар тарбия намудани хонандагони хурдсол, муаллим афсонаҳои “Мурғ, Мурғобӣ ва Мӯш”, “Рӯбоҳ, Сангпушт ва Мӯрча”-ро истифода мебарад. Дар ин афсонаҳо меҳнатдӯстӣ ва ҳамдардӣ дар шакли сода ва бо мазмуни хеле баланд ифода шудааст. Омӯзгор ба воситаи чунин афсонаҳо дар бачаҳо меҳнатдӯстиро талқин менамояд. Узви китобхонаи мактабӣ, шаҳрӣ ва китобхонаи бачагонаи ҷумҳуриявӣ шудани кӯдакон, хондани маҷаллаҳо, тамошои филмҳои тасвирӣ, байтбаракҳо, чистонгӯиҳо, иҷрои нақшҳои бачагона низ ба инкишофи нутқи шогирдон мусоидат менамояд.

Гуфтан ба маврид аст, ки инкишофи нутқи даҳонӣ на танҳо дар дарсҳои забони модарӣ, математика, табиатшиносӣ, санъат ва меҳнат, инчунин, ҳангоми саёҳатҳо, ки дар табиат, осорхонаҳо, ҷойҳои таърихӣ ва монанди инҳо сурат мегиранд, ташаккул меёбад. Афсонаҳои халқӣ низ барои инкишофи нутқи хонандагон нақши муҳим мебозанд.

Мақсаду вазифаҳои тарбияи миллӣ ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, дорои нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад.

Хулоса, шунидан, хондан ва нақли мазмуни афсона бобати инкишофи нутқ, тахаюл ва ҷаҳонфаҳмии хонандагони хурдсол аҳаммияти бағоят муҳим дорад. Афсона шавқи хонандагонро ба омӯзиш зиёд намуда, дар онҳо фаъолияти эҷодиро ташкил медиҳад.

Панду ҳикмат ва ахлоқомӯзӣ яке аз мавзуъҳои асосӣ ва пурқимати адабиёти классики тоҷик аст. Беҳтарин шеърҳои ахлоқию пандомӯзии устодон Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Носири Хусрав, Абдураҳмони Ҷомӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон бо мурури замон аз даҳон ба даҳон гузашта, ба ғизои маънавии бачагон табдил ёфта, барои соҳиб шудан ба зебоӣ, покӣ, асолат, доною хушсухан ва ташаккули

инсони комил нигаронида шудаанд.

Ин рисолатро дар адабиёти муосир муаллифоне чун Убайд Раҷаб, Гулчеҳра Сулаймонӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Мирсаид Миршакар, Акобир Шарифӣ, Абдумалик Баҳорӣ, Наримон Бақозода, Мавҷуда Ҳакимова, Алӣ Бобоҷон, Нуъмон Розиқ ва дигарон бар дӯш гирифтаанд ва барои пешрафту инкишофи адабиёти бачагонаи тоҷик саҳми босазое гузоштаанд. Абулқосим Лоҳутӣ низ барои бачаҳо шеърҳо гуфтааст, ки дар байни он шеъри "Чистонҳо" мавқеи махсусро дорад.

Чистон дар ҳаёти маънавию моддии ҳар халқ мақоми хоссае дорад. Он ифодакунандаи боигарии забон, тафаккури миллию умумибашарӣ, ақидаҳои панду ахлоқӣ ва таҷрибаи ғании таърихию иҷтимоии миллат мебошад. Ҷиҳати муҳимми чистонҳо аз он иборат аст, ки моҳияти ҳодисаҳои хеле мураккабро ба тарзи одӣ ифода менамояд, зеро чистонҳоро худи халқ эҷод менамояд ва дар чунин қолаб эҷод мекунанд, ки барои наслҳои баъдӣ фаҳмо ва нишонрас бошанд.

Чистон як намуди машҳури эҷодиёти даҳонакии халқ аст, ки хусусияти хоси ягон ашё ва ё ҳодисаеро тасвир мекунад, вале ин тасвир маънои ниҳонӣ дорад. Дар асоси ҳар як чистон мақсаде ниҳон аст ва ба он ҷавоб гуфтан, фикр кардан, мушоҳида намудан, ба муҳит бо диққат назар андохтан, яъне, як навъ мушоҳида ва таҳқиқи зеҳниро тақозо менамояд ва вусъати зеҳн, диққат, ҳозирҷавобии одамонро зиёд мекунад. Ба ҳамин роҳ таҷрибаи одамон дар бобати муқаррар намудани шабоҳати ҳодисаҳо ва ҷиҳатҳои хоси онҳо инкишоф мeёбад. Баъдтар тавассути он фаҳму дониш ва заковати одамонро муайян мекарданд, чистон гуфтану чистон ёфтан василаи санҷишу озмоиши хушёрӣ, равшании ақл, дақиқназарӣ ва ҳозирҷавобӣ қарор гирифт. Аз ин рӯ, вазифаи омӯзгор дар он аст, ки ба бачаҳо мазмуни чистонро кушода диҳад, ёрӣ расонад, то ки онҳо чистонҳоро дар рафти дарсҳо хуб омӯзанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ истифода намоянд.

Бояд гуфт, ки омӯзиши асарҳои бадеӣ беҳтарин воситаи донишазхудкунӣ, инкишофи тафаккури мантиқӣ ва нутқи гуфториию навиштории хонандагони хурдсол ба шумор меравад. Аз ин ҷиҳат, муаллифон дар китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ як силсила афсона, панду ҳикмат, чистону тезгӯяк, зарбулмасалу масал ва хушгӯиҳои зиёдеро, ки дӯстию рафиқӣ, некукорӣ, хайрхоҳӣ, хоксорӣ, ростқавлӣ, далерию қаҳрамонӣ барин хислатҳои неки инсониро арҷгузорӣ мекунанд, ҷой додаанд.

Биноан, омӯзиши адабиёти бадеӣ ва истифодаи он дар дарсҳо барои ташаккули зеҳни наврасон мусоид буда, дар баробари содаву равон, фасеҳу малеҳ намудани нутқи гуфторӣ нутқи зеҳнии наврасонро низ такмил медиҳад.

**Адабиёт:**

1. Абдуллозода И. ва диг. Забони модарӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 3-юм, Душанбе, "Маориф", 2017, саҳ. 272.
2. Абдуллоев И., Раҳимов А. Дастур барои муаллим ва волидон оид ба истифодаи маводи иловагӣ барои хониш. Душанбе: ҶДММ "То-Рус", 2011, саҳ. 16.
3. Афсонаҳои халқи тоҷик. Раҷаб Амонов. Душанбе, 2001, саҳ. 400.
4. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ. Сталинобод, 1960.
5. Лутфуллоев М., Иматова Л. Лафзи ширин. Дастури таълимӣ. Душанбе, 2005, саҳ. 224.
6. Лутфуллоев М. Осор, ҷилди 4. Душанбе: "Собириён", 2013, саҳ. 512.
7. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. Душанбе, 2015, саҳ. 704.
8. Лутфуллозода М., Абдуллозода И., Ҷалилова М. Методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ. Душанбе, 2017, саҳ. 266.
9. Раҳмонов М. Хусусиятҳои тарбиявии таълими адабиёти бачагонаи тоҷик ва қувваи таъсири он дар инкишофи маънавию ахлоқии мактабиёни хурдсол. Душанбе, 1995.
10. Сухомлинский В.А. О воспитании. Москва: "Просвешение" , 1985, саҳ. 423.

**Муҳаббат ҶУМЪАЕВА,**
**омӯзгори гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**

# УСУЛҲОИ ТАЪЛИМИ МУОДИЛАҲОИ ДУАМАЛА ДАР СИНФҲОИ 4

Муодилаҳо татбиқи васеи амалӣ доранд. Дар зери мафҳуми муодила баробарие фаҳмида мешавад, ки он номаълумии бо ҳарф ишорашуда дорад.

Қимати номаълум, ки ҳангоми дар муодила гузоштани он баробарии дуруст ҳосил мешавад, решаи муодила ё ҳалли муодила ном дорад. Миқдори решаҳои муодила аз намуди он вобаста аст, яъне, муодила вобаста ба намудаш метавонад як ё ду ва ё зиёда аз ду реша дошта бошад. Ҳатто, баъзе муодилаҳо метавонанд, миқдори беохири решаҳоро доро бошанд. Инчунин, муодила метавонад реша надошта бошад. Ҳал кардани муодила аз ёфтани реша ва ё исботи вуҷуд надоштани он иборат аст.

**Синфҳои гуногуни муодилаҳо мавҷуданд**

Муодилаи хаттӣ намуди **ax=b**-ро дорад. Дар ин ҷо **a-** коэффитсиенти назди номаълум, **b-** узви озод ва **x** адади номаълум мебошад. Вобаста аз **a** ва **b** муодилаи хаттӣ метавонад, якто ҳал дошта бошад, метавонад ягонто ҳал надошта бошад. Мисолҳое низ вуҷуд доранд, ки дар онҳо муодилаи хаттӣ ҳалли бешумор дорад.

1. Агар **a≠0** бошад, муодилаи хаттӣ ҳалли ягона дорад. Барои ёфтани номаълум, узви озодро ба коэффитсиенти назди номаълум тақсим менамоянд: **x=b:a**

2. Агар **a=0**, вале **b=0** бошанд муодилаи хаттӣ ҳал надорад: **0·x=b=0.**

3. Агар **a=0 ва b=0** бошанд, муодилаи хаттӣ ҳалли бешумор дорад: ***0·x=0***.

Аз рӯйи усули таълими ибтидоӣ мо ин намуди муодилаҳоро "муодилаи якамала" мегӯем. Дар синфи чор мувофиқи барномаи таълимӣ "муодилаҳои дуамала" омӯзонида мешавад. Пеш аз он ки мо ба ҳалли ин муодилаҳо шуруъ кунем, бояд муодиларо хонда, мулоҳиза карда тавонем. Номҳои компонентҳои амали ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсимро хуб донем. Дар муодилаи додашуда аввал муайян мекунем, ки чӣ номаълум аст, баъд ба ҳалли он шуруъ кунем.

**Мисоли 1**: Ҳангоми омӯзонидани мавзуи «Ёфтани ҷамъшавандаи номаълум» мо бо намудҳои гуногуни муодилаҳо дучор меоем.

Бигузор муодилаи:

(x–4600) +2400 = 7900 дода шудааст. Дар ин ҷо x-4600 фарқи адади номаълум **(x)** ва адади 4600 ҷамъшавандаи якум, 2400 ҷамъшавандаи дуюм, 7900 сумма ё ҳосили ҷамъ мебошад. Барои ёфтани ҷамъшавандаи номаълум аз сумма ҷамъшавандаи маълум тарҳ карда мешавад:

x–4600=7900–2400

x–4600=5500 - Муодилаи сода ҳосил шуд. Акнун **x** дар ин ҷо тарҳшаванда, 4600 тарҳкунанда ва 5500 фарқ мебошад.

Барои ёфтани тарҳшавандаи номаълум фарқро бо тарҳкунанда ҷамъ мекунем. Яъне:

x = 5500+4600

x =10100 (решаи муодила)

Ҳангоми санҷиш ба ҷойи **(x)** қиматашро мегузорем.

**Санҷиш:** (10100–4600)+2400=7900
5500+2400=7900
7900=7900

**Ҷавоб:** 10100.

**Мисоли 2:** 569 + ( 600–x) =699.

Дар ин ҷо 569 - ҷамъшавандаи якум, фарқи адади 600 ва x (600–x) - ҷамъшавандаи дуюм ва 699 - сумма ё ҳосили ҷамъ мебошанд.

Барои ёфтани ҷамъшавандаи номаълум аз сумма ҷамъшавандаи маълумро тарҳ мекунем. Яъне: 600–x=699–569
600–x=130

Барои ёфтани тарҳкунандаи номаълум аз тарҳшаванда фарқро тарҳ мекунем.
Яъне: x=600–130
**x=470** (решаи муодила ё қимати адади номаълум аст).

Барои санҷиш ба муодила бармегардем.

**Санҷиш:** 569+ ( 600–470 )=699

569+130=699

699=699

**Ҷавоб:** 470

**Мисоли 3:** x+5420=5600–180. Дар ин ҷо **x**-ҷамъшавандаи якум, 5420 ҷамъшавандаи дуюм ва фарқи ададҳои 5600 ва 180 сумма ё ин ки (ҳосили ҷамъ) аст. Барои ҳалли ин муодила мо аввал фарқи ададҳои 5600 ва 180-ро меёбем.

x+5420=5420

x =5420–5420

x= 0 (решаи муодила аст). Ба ҷойи **x**-қиматаш (0)-ро мегузорем.

**Санҷиш:** 0+5420=5600–180

5420=5420

**Ҷавоб**: 0

Ҳангоми омӯзонидани мавзуи «Ёфтани тарҳшавандаи номаълум» низ бо намудҳои гуногуни муодилаҳои дуамала вомехӯрем.

**Мисоли 4:** (1440+x)–970=680 дода шудааст. Дар ин муодила суммаи ададҳои (1440+x)- тарҳшаванда, 970-тарҳкунанда, 680-фарқ мебошад.

Барои ёфтани тарҳшавандаи номаълум фаркро бо тарҳкунанда ҷамъ мекунем.

Яъне: 1440+x=680+970

1440+x=1650

x=1650–1440

x=210

**Санҷиш:** (1440+210) – 970 = 680

1650–970=680

680=680

**Ҷавоб**: 210

**Мисоли 5:** (x–172 9) –590 =829.

Дар ин муодила (x–1729)- тарҳшаванда, 590 - тарҳкунанда, 829 – фарқ мебошад.

Барои ёфтани тарҳшавандаи номаълум (x–1729), фарқ (829)-ро бо тарҳкунанда (590) ҷамъ мекунем.

x–1729 = 829+590

x–1729 = 1419 муодилаи сода ҳосил шуд.

x=1419+1729

x=3148

**Санҷиш**: (3148–1729)-590 = 829

1419–590 = 829

829 = 829

**Ҷавоб:** 3148

**Мисоли 6:** x–2000=6000:100 дода шудааст. Дар ин муодила **x**- тарҳшаванда, 2000 - тарҳкунанда, ҳосили тақсими адади 6000 ба 100 фарқ аст.

**Ҳал:**

x–2000 = 60

x = 60+2000

x = 2060

**Санҷиш:** 2060–2000 = 6000:100

60 = 60

**Ҷавоб**: 2060

**Мисоли 7:** x–(525 :5)=205 дода шудааст. Дар ин ҷо **x**- тарҳшаванда, ҳосили тақсими ададҳои (525:5) - тарҳкунанда ва 205-фарқ аст. Барои ҳалли ин муодила мо ҳосили тақсими ададҳои 525 ва 5-ро меёбем.

Яъне: x–105=205

x=205+105

x=310

**Санҷиш:** x–( 525: 5)=205

310–( 525 :5)=205

310–105=205

205=205

**Ҷавоб:** 310

Якчанд намуди муодилаҳоро дар мавзуи «Ёфтани тарҳкунандаи номаълум» меорем.

**Мисоли 8:** 2390–(320–x)=2170

Дар ин муодила 2390 тарҳшаванда, фарқи адади 320 ва адади номаълум **(x)** тарҳкунанда ва 2170 фарқ мебошад.

Барои ёфтани тарҳкунандаи номаълум аз тарҳшаванда фаркро тарҳ мекунем:

320–x=2390–2170

320–x=220

x = 320–220

x = 100

**Санҷиш**: 2390–( 320–100)=2170

2390–220=2170

2170 = 2170

**Ҷавоб:** 100

**Мисоли 9:** 530–(x+67)=196

Дар ин муодила 530 тарҳшаванда, ( x+67) тарҳкунанда, 196 фарқ аст.

Барои ёфтани тарҳкунандаи номаълум -(x+67) аз тарҳшаванда - 530 фарқ -196-ро тарҳ мекунем:

x+67=530–196.

x+67=334

Дар натиҷа, муодилаи сода ҳосил шуд, яъне, дар ин ҷо ҷамъшавандаи якум номаълум аст.

Барои ёфтани ҷамъшавандаи номаълум аз сумма ҷамъшавандаи маълумро тарҳ мекунем.

x=334–67

x=267

**Санҷиш**: 530-( x+67)=196

530–( 267+67)=196

530–334=196

**Ҷавоб:267**
**196 = 196**

**Мисоли 10:** 8993–( x :4)=5050
x:4=8993–5050
x:4=3943
x=3943·4
x=15772

**Санҷиш**: 8993–(15772 :4)=5050
8993–3943=5050
5050=5050
**Ҷавоб:**15772

Якчанд шакли ҳалли муодилаҳоро доир ба «Ёфтани ҳамзарби номаълум» меорем:

**Мисоли 11:**

| **а)**(420-x)·3=660 | **б)**(x+7)·80=720 | **в)**(x:4)·160=320 |
|---|---|---|
| 420–x=660:3 | x+7=720:80 | x:4=320:160 |
| 420–x=220 | x+7=9 | x:4=2 |
| x=420–220 | x=9–7 | x=2·4 |
| **Ҷавоб:** x=200 | **Ҷавоб:** x=2 | **Ҷавоб:** x=8 |
| **Санҷиш:** | **Санҷиш:** | **Санҷиш:** |
| а) (420–200)·3=660 | б) (2+7)·80=720 | в) (8:4)·160=320 |
| 220·3=660 | 9·80=720 | 2·160=320 |
| 660=660 | 720=720 | 320=320 |

**Мисоли 12:** 6·(a+104)=636

Дар ин муодила 6 ҳамзарби якум, суммаи адади номаълум **(а)** ва 104, яъне, (а+104) ҳамзарби дуюм, 636 ҳосили зарб аст.

Барои ёфтани ҳамзарби номаълум (а+104), ҳосили зарб 636-ро ба зарбшавандаи маълум (6) тақсим мекунем.

**Ҳал:** 6·(a+104)=636
a+104=636:6
a+104=106
a=106–104
**Ҷавоб:** a=2

**Санҷиш:**
6·( 2+104)=636
6·106=636
636=636

Акнун муодилаҳоро оид ба «Ёфтани тақсимшаванда ва тақсимкунандаи номаълум» меорем.

**Мисоли 13:** (84:x) :7=6.

Дар ин муодила (84:x) тақсимшаванда, 7 тақсимкунанда, 6 ҳосили тақсим аст.

Барои ёфтани тақсимшавандаи номаълум (84:x), ҳосили тақсим 6-ро бо тақсимкунанда (7) зарб мезанем.

**Ҳал:** (84:x):7=6
84:x=6·7
84:x=42
x=84:42
**Ҷавоб:** x=2

**Санҷиш:**
(84:2):7=6
42:7=6
**Ҷавоб:** 6=6

Ҳамин тавр:

| **а)** (450·x):45=90 | ***б)*** x:20=180–90 |
|---|---|
| 450·x=90·45 | x:20=90 |
| 450·x=4050 | x=90·20 |
| x=4050:450 | **Ҷавоб:** x=1800 |
| **Ҷавоб:** x=9 | |
| **Санҷиш:** | **Санҷиш:** |
| а) (450·9):45=90 | *б*) 1800:20=180–90 |
| 4050·45=90 | 90=90 |
| 90=90 | |

Барои ҳалли ин намуд муодилаҳо хонандагон бояд қоидаҳоро хуб донанд. Дар мавриди надонистани қоидаҳо дар ҳалли муодилаҳо мушкилӣ мекашанд. На ҳамаи хонандагон аз уҳдаи ҳалли ин муодилаҳо мебароянд. Ба мо лозим меояд, ки дар дарсҳои иловагӣ ба мавзуи «Ҳисоббарорӣ» диққати ҷиддӣ диҳем. Дар синфи чор масъалаҳое вомехӯранд, ки бо ёрии муодила ҳал карда мешаванд.

**Мисоли 1.** Ба мағозаи китобфурӯшӣ як миқдор китоби дарсӣ оварданд. Вақте ки 2730 китобро фурӯхтанд, 5670 китоб монд. Ба мағоза чандто китоб овардаанд? Муодила тартиб дода, масъаларо ҳал намоед.

**Ҳал:** Дар асоси матн шумораи китобҳоро бо **x** ишора мекунем.

| | |
|---|---|
| Оварданд - **x** китоб, | x–2730=5670 |
| Фурӯхтанд – 2730, | x=5670+2730 |
| Монд-5670. | x=8400 |

**Санҷиш:** 8400–2730=5670
**Ҷавоб:** 8400 китоб.

**Мисоли 2.** Агар фарқи ададҳои 540 ва **x** 2 маротиба зиёд шавад, ба 600 баробар мешавад. Адади номаълум (**x**)-ро ёбед.

Муодиларо тартиб медиҳем:
(540–x )·2 =600
540–x=600:2
540–x=300
x=540–300
x=240

**Санҷиш:** (540–240)·2=600
300·2=600
600=600
**Ҷавоб: 240**

**Ш.С. ШАМСУТДИНОВА,**
**омӯзгори калони кафедраи химияи биоорганикӣ ва физколлоидии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино,**
**И.Ю. ҲАСАНОВА,**
**омӯзгори коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент**

# АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ҚОНУНИ АВОГАДРО

Дар низоми илми кимиё Қонуни Авогадро яке аз қонунҳои муҳим ба шумор рафта, як бахши соҳаи кимиёро ташкил медиҳад. Омӯзиши ин қонун дар самти шинохти кимиё муҳим буда, як бахши илми кимиёро ба таври таърихӣ – илмӣ равшан месозад. Дар ин нигошта руҷуъ доир ба Қонуни Авогадро карда шудааст, ки умедворем, барои омӯзгорони соҳавӣ ҳамчун маълумоти иловагии методӣ хизмат менамояд.

Соли 1808 Гей-Люссак ва олими олмонӣ Александр Гумболдт новобаста аз ҳамдигар қонунеро бо номи "Нисбати ҳаҷмҳо" пешниҳод намуданд. Мувофиқи ин қонун нисбати ҳаҷмҳои газҳои бо ҳамдигар ба реаксия дохилшаванда бо ададҳои одии бутун ифода карда мешаванд. Масалан: 2 ҳаҷм гидроген бо 1 ҳаҷм оксиген пайваст шуда, 2 ҳаҷм буғи обро ҳосил мекунанд; 1 ҳаҷм хлор бо 1 ҳаҷм гидроген ба реаксия дохил шуда, 2 ҳаҷм хлориди гидрогенро ҳосил мекунанд ва ба монанди инҳо:

$$2H_2+O_2=2H_2O$$
$$Cl_2+H_2=2HCl$$

Ин қонун барои олимон дар он давр маълумоти мукаммалро дода наметавонист, чунки дар бораи аз кадом хел зарраҳо иборат будани газҳо фикри ягона вуҷуд надошт. Инчунин, оид ба мафҳумҳои атом, молекула ва корпускула фарқи аниқе мавҷуд набуд.

Соли 1811 кимиёдони машҳури Италиё Амедио Авогадро (9.08.1776 - 9. 07. 1856) ҳамаи натиҷаҳои таҷрибаҳои Гей-Люссак ва дигар олимонро дақиқ муқоиса намуда, ба хулосае омад, ки «сохти» молекулаи газҳоро ошкор созад. Аз «гипотезаи аввалин»-е, ки ӯ баён карда буд, чунин бармеомад, ки шумораи таркибдиҳандаи молекулаи гази дилхоҳ ҳамеша дар ҳаҷми баробар як хел мебошад.

«Таркиби молекула» (ҳоло мо онро молекула меномем) аз рӯйи андешаи Авогадро аз зарраҳои боз ҳам хурдтар, яъне, атомҳо иборат мебошанд. Се сол баъдтар Авогадро фарзияи худро боз ҳам саҳеҳтар намуд ва онро дар намуди зерин: «Ҳаҷмҳои баробари моддаҳои газмонанд, дар фишор ва ҳарорати якхела, дорои адади якхелаи молекулаҳо мебошанд, чунки зичии газҳои гуногун нишондиҳандаи массаи молекулаҳои онҳо мебошад» пешниҳод намуд, ки ин қонун то ҳол бо номи ӯ муаррифӣ мешавад. Ин иловаи Авогадро хеле муҳим буд, ки зичии газҳои гуногунро чен намуда, массаи нисбии молекулаҳоеро, ки аз он газ таркиб ёфтааст, муайян намудан мумкин мешавад.

Дар ҳақиқат, агар дар 1л гидроген ва 1л оксиген адади молекулаҳо як хел бошад, пас зичии ин газҳо нисбат ба массаи молекулаҳои онҳо баробар мебошад. Авогадро махсусан қайд намуда буд, ки молекулаҳо дар газҳо шарт нест, ки аз атомҳои тоқа иборат бошанд. Онҳо метавонанд дар намуди якчанд атомҳои якхела ё ин ки гуногун мавҷуд бошанд. (Соли 1814 физики машҳури фаронсавӣ А.М.Ампер - се сол баъд аз Авогадро низ ба чунин хулоса омада буд).

Дар замони Авогадро гипотезаи ӯро ба таври назариявӣ исбот кардан мумкин набуд, лекин ин гипотеза имкони ба таври таҷрибавӣ таркиби молекулаҳои газмонандро муқаррар намуда, массаи нисбии молекулавии онро муайян карданро дошт. Мантиқи ин гуфтаҳоро дида мебароем. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми гидроген, оксиген ва буғҳои оби ҳосилшуда дар нисбати 2:1:2 мебошанд. Аз ин таҷриба хулосаҳои гуногун баровардан мумкин аст: Якум, молекулаҳои гидроген ва оксиген дуатома ($H_2$ ва$O_2$) буда, вале

молекулаи об аз се атом иборат мебошад, пас муодилаи реаксияи

$$2H_2+O_2=2H_2O$$

дуруст мебошад. Инчунин, хулосаи зерин низ дуруст меояд: молекулаи гидроген якатома буда, вале молекулаҳои оксиген ва об дуатома мебошанд, пас онро бо муодилаи реаксияи зерин ифода кардан мумкин аст:

$$2H+O_2=2HO$$

бо ҳамон як нисбати ҳаҷмҳои 2:1:2. Дар ҳолати якум аз нисбатҳои массаҳои гидроген ва оксиген дар об (1:8) ва аз ин бармеояд, ки массаи нисбии атомии оксиген ба 16 баробар аст. Дар ҳолати дуюм бошад, он ба 8 баробар мебошад. Ҳатто, баъди 50 соли таҷрибаи Гей-Люссак баъзе олимон чунин мешумориданд, ки формулаи об HO аст, на $H_2O$. Олимони дигар бошанд, формулаи дурусти обро $H_2O_2$ меҳисобиданд. Бинобар ин, дар баъзе ҷадвалҳо массаи атомии оксигенро баробари 8 ҳисоб мекарданд, лекин як роҳи содаи интихоби дурусти ин ду ақида мавҷуд буд. Барои ин бояд, ки натиҷаи таҷрибаҳои ба ин монандро таҳлил намудан лозим меомад. Масалан: ҳаҷмҳои баробари гидроген ва хлор баъди реаксия ду баробар зиёд мешаванд. Аз ин бармеояд, ки реаксияҳои зерин:

$$H+CI=HCI$$

$$H+CI_2=HCI_2$$

ҳаҷми 2 баробар зиёдро дода наметавонад, пас молекулаҳои гидроген ва хлор аз ду атом иборат мебошанд. Агар молекулаҳои гидроген дуатома бошад, пас молекулаҳои оксиген низ дуатома аст, молекулаҳои об бошад аз се атом иборат мебошанд ва формулаи он $H_2O$ аст.

Аҷибаш дар он аст, ки ҳамин хел хулосаҳои одӣ дар давоми даҳсолаҳо бисёр кимиёшиносонро оид ба дурустии назарияи Авогадро водор карда натавонист ва давоми даҳсолаҳо ба он аҳамияте дода нашуда буд.

Омили асосӣ дар он зоҳир мегардид, ки дар он давраҳо навишти одӣ ва дурусти бисёр формулаҳо ва муодилаи реаксияҳо маълум набуд, лекин рақиби асосии назарияи Авогадро олими барҷастаи швед кимиёшинос Йенс Якоб Бертселиус буд, ки дар байни кимиёшиносони ҷаҳон эҳтироми хосае дошт. Аз рӯйи назарияи ӯ ҳамаи атомҳо дорои заряди электрикӣ буда, вале молекулаҳо бо атомҳои заряди муқобилдошта, ки ҳамдигарро ҷазб менамоянд, ҳосил мешаванд. Чунин мешумориданд, ки оксиген заряди манфии зиёд дорад, вале атоми гидроген мусбат аст. Аз рӯйи назарияи зерин молекулаи оксигенро, ки аз ду заряди ҳамном таркиб ёфтааст, тасаввур кардан ғайриимкон буд. Агар молекулаи оксиген якатома бошад, пас дар реаксияи оксиген ва нитроген:

$$N + O=NO$$

нисбати ҳаҷмҳо бояд 1:1:1 бошад. Ин бошад баръакси таҷриба буд. 1л нитроген ва 1л оксиген 2л NO-ро ҳосил мекунад. Дар ҳамин асос Бертселиус ва бисёр кимиёшиносони дигар гипотезаи Авогадроро қабул накарданд, зеро фикр мекарданд, ки ба таҷриба дуруст намеояд.

Гипотезаи Авогадроро дуюмбора дар охирҳои соли 1850 олими ҷавони итолиёвӣ кимиёшинос Станислао Канниссиаро (1826-1910) эҳё намуд ва олимонро ба дуруст будани он бовар кунонид. Вай барои молекулаҳои газмонанди элементҳо формулаҳои дурустро пешниҳод намуд, аз ҷумла, $O_2$, $H_2$, $CI_2$ ва ғайра. Инчунин, ҳамаи таҷрибаҳоро бо гипотезаи Авогадро ба мувофиқат даровард. Ӯ гуфта буд: «Санги дар як кунҷ истодаи назарияи атомии муосир ин назарияи Авогадро аст. Ин назарияи аз ҳама охирин ва мантиқан дуруст барои фаҳмонидани мафҳуми атому молекула мебошад ва барои тасдиқи охиринҳо…».

Дар аввал чунин менамуд, ки далелҳои физикӣ бо назарияи Авогадро ва Ампер мувофиқат намекунад, чунки назария ба як тарафе гузошта шуда, фаромӯш ҳам шуда буд. Баъдтар кимиёшиносон аз рӯйи ҳамон мантиқ ва таҷриба дар натиҷаи эволютсияи яку якбораи илм ва ноаён барои онҳо ба ин назария дастрас гардиданд.

Оид ба баҳсҳои доманадори он давра Менделеев чунин навишта буд: «Дар солҳои 50-ум баъзеҳо массаи атомии O=8, дигарон O=16 ва агар H=1 бошад, формулаи об барои якуминҳо HO, пероксиди гидроген $HO_2$, барои дуюминҳо бошад формулаи об чун ҳозира $H_2O$ ва пероксиди гидроген $H_2O_2$ ё HO буд. Бесарусомонӣ дар ин самт ҳукмрон буд, бинобар ин, соли 1860 кимиёшиносони тамоми дунё дар Карлсруэ барои он ҷамъ омаданд, ки дар конгресс якдилию якрангиро ба вуҷуд оранд. Дар ин конгресс хуб дар хотир дорам, ки фикру ақидаҳои ба ҳамдигар муқобил хеле зиёд буданд ва гарму ҷӯшон натиҷаи гипотезаи Авогадроро таҳлил менамуданд».

Баъди ҳамин гипотезаи Авогадроро ҳама пазируфтанд, олимон на танҳо дуруст муайян кардани таркиби молекулаҳои моддаҳои газмонанд, балки массаи атомӣ ва молекулавии онҳоро низ муайян намуданд.

Ин донишҳо барои ҳисоби нисбат ба

массаҳои реагентҳо дар реаксиҳои химиявӣ низ имкон доданд. Ин гуна нисбатҳо хеле осон ва муҳим буданд: массаҳои моддаҳоро бо грамм ҳисоб намуда, олимон гӯё молекулаҳоро чарроҳӣ менамуданд.

Миқдори модда ададан ба массаи молекулавии нисбӣ, лекин бо грамм ифодашударо грамм-молекула ё бо мол ифода намуданд. Калимаи «мол»-ро дар аввалҳои солҳои 20-ум олими немис, физик-кимиёшинос, гирандаи Ҷоизаи Нобел Вилгелм Оствалд (1853-1932) пешниҳод намуда буд: ин калима аз решаи калимаи «молекула» гирифта шуда, аз калимаи лотинии "moles" - (миқдор, масса бо суффикси хурдшуда) сарчашма гирифтааст. Инчунин, ҳаҷми 1 мол модда, ки дар ҳолати газмонанд қарор дорад, дар шароити муътадил (яъне, Р=1атм=1,013·105 Па ва Т=0ºС) ҳисоб карда шуд, ки он ба 22,4 л баробар буд.

Адади молекулаҳоро дар як мол модда адади Авогадро номида, онро бо NA ишора мекунанд. Чунин таърифи мол дар давоми қариб садсолаҳо нигоҳ дошта шуд. Дар замони ҳозира мол таърифи дигар дорад: мол ченаки миқдори модда буда, адади зарраҳояш ба адади зарраҳои 12 грамми карбон баробар аст.

Соли 1971 бо қарори конференсияи Генералии 14-ум аз рӯйи ченак ва масса мол ба системаи умумиҷаҳонии ченакҳо (СИ) ҳамчун 7-ум ченаки асосӣ қабул шуда буд.

Дар давраҳои Каниссаро оид ба андозаи атому молекула маълумоти аниқе набуд, бинобар ин, доимии адади Авогадроро адади хеле калон фикр мекарданд. Бо гузашти вақт саҳеҳтар ҳисоб кардани андозаи молекулаҳо ва қимати NA-ро ёд гирифтанд. Пеш аз ҳама, ба онҳо маълум шуд, ки ин ду бузургӣ бо ҳамдигар сахт алоқамананд: ҳар қадар андозаи атому молекула хурд бошанд, ҳамон қадар адади Авогадро бузургтар мешавад.

Аввалин бор андозаи атомро олими немис, физикдон Йозеф Лодшмидт (1821-1895) баҳо дод. Ӯ назарияи молекулавӣ-кинетикии газ ва зиёд шудани ҳаҷми моеъҳоро ҳангоми бухоршавии онҳо ва соли 1865 диаметри молекулаи нитрогенро ҳисоб намуд, ки он ба 0,969 нм (1 нм=10-9 м) баробар буд. Ин тахминан аз бузургии ҳозиразамон 3 баробар хурдтар буд, вале натиҷаи Лодшмидт ҳамон сол ба табъ расида, адади молекулаҳоро дар 1 $см^3$ газ низ нишон дода шуда буд, ки то ҳол онро адади Лодшмидт (NL) ном мебаранд. Аз ин адад, адади Авогадроро ба осонӣ ба даст овардан мумкин аст, агар онро ба ҳаҷми молярии газҳои идеалӣ зарб занем (22, 4л).

Доимии Авогадроро бо бисёр усулҳо муайян менамуданд. Масалан, аз ранги кабуди осмон чунин хулоса бармеояд, ки нури офтоб дар ҳаво пароканда мешавад. Чӣ тавре ки Релей нишон медиҳад, фаъолияти шиддати парокандашавии рӯшноӣ аз адади молекулаҳои ҳаво дар воҳиди ҳаҷм вобаста мебошад. Нисбат ба фаъолияти шиддати рӯшноии офтоб ва рӯшноии парокандаи ҳавои кабудро ҳисоб намуда, доимии Авогадроро муайян кардан мумкин аст. Аввалин бор чунин таҷриба аз тарафи математики итолиёвӣ Квинтино Селло (1827-1884) дар қуллаи кӯҳи Монте-Роза (4634 м), дар ҷануби Шветсария гузаронида шуда буд. Ҳисобҳо нишон доданд, ки дар 1 мол тахминан $6.10^{23}$ зарра мавҷуд аст.

Усули дигарро олими франсавӣ Жан Перрен (1870-1942) истифода бурдааст. Вай дар зери микроскоп адади курачаҳои хурдакаки дар об муаллақи гуммигут (диаметраш 1 мкм)-ро ҳисоб намуд. Гуммигут ба каучуки табиӣ монанд буда, аз ширai баъзе дарахтҳои тропикӣ гирифта мешавад. Перрен чунин мешуморид, қонунҳое, ки барои газҳо истифода бурда мешаванд, ин ҷо низ мувофиқат мекунанд. Агар ин тавр бошад, пас «массаи молярӣ»-и ин курачаҳоро ҳисоб кардан мумкин аст; массаи 1 курачаи алоҳидаро донista (массаи онҳоро баръакси массаи молекула ҳисоб кардан мумкин аст), ба осонӣ доимии Авогадроро ҳисоб кардан мумкин буд. Перрен адади тахминан $6,8\cdot10^{23}$ -ро ҳосил намуд. Адади муосири ин доимӣ $NA = 6\cdot10^{23}$ мебошад.

Хулоса, доимияти Авогадро ҳамин қадар бузург аст, ки онро тасаввур кардан хеле мушкил аст. Масалан, агар тӯби футболро ба андозаи NA маротиба аз рӯйи ҳаҷм калон кунем, он гоҳ дар он кураи замин ҷой мегирад. Агар диаметри тӯбро NA маротиба калон кунем, он гоҳ дар он аз ҳама галактикаи калонтарин, ки садҳо миллиард ситора дорад, ҷойгир мешавад.

**Адабиёт:**

1. А. М. Прохоров. Ред. кол. Д.М.Алексеев. Физический энциклопедический словарь -1983. с. 63.

2. А. М. Бонч - Бруевич, А.С.Беровик и др. М: Советская энциклопедия - 1983. с. 206.

3. Энсиклопедияи советии тоҷик, ҷилди 8. Душанбе -1988. саҳ. 308.

**Азим ИСМОИЛОВ,**
**омӯзгори мактаби №6-и ноҳияи Рӯшон,**
**Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ БОЗӢ ДАР ДАРСИ ТАЪРИХ

Дарси муосирро омӯзгорони таърих (ҳамаи омӯзгорон низ) аз истифодаи тарз ва усулҳои гуногуни омӯзиш дар раванди таълим медонанд. Гуногуншаклии омӯзиш на танҳо боиси тағйир ёфтани фаъолияти омӯзгороне, ки воситаҳои самарабахши чараёни таълиму тарбияро истифода мебаранд, мегардад, балки дар натиҷаи он фаъолияти эҷодии хонандагон низ рушд меёбад. Барои ин омӯзгори таърихро зарур аст, ки зери таъсири ин тағйирот на танҳо худ, балки ҳангоми омӯзиши маводи таълимӣ шаклҳои ғайрианъанавии таълим ва бозиҳои дидактикиро низ истифода барад.

Маълум аст, ки шаклҳои гуногуни бозӣ дар ҳаёти кӯдак нақши муҳим мебозанд. Ҳанӯз дар асри 18 файласуф ва мутафаккири фаронсавӣ Жан Жак Руссо гуфта буд, ки **агар касе кӯдакро донистан хоҳад, ӯро дар раванди бозӣ мушоҳида кунад**. Дар ҳақиқат, баръакси калонсолон, ки барои онҳо воситаи асосии муошират бо дигарон - муошири лафзӣ мебошад, муҳити аслии муошират барои кӯдак бозӣ ва ҳаракатҳои гуногун ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, педагог ва нависандаи номвари кӯдакон В.А.Сухомлинский (28.09.1918 – 2.09.1970) қайд карда буд, ки **бозӣ тирезаи равшанест, ки тавассути он чараёнҳои ҳаётбахш ва тасаввурот дар бораи муҳити атроф ба олами маънавии кӯдак ворид мешаванд. Бозӣ шарораест, ки кунҷковӣ ва шавқу ҳаваси маърифатҷӯии кӯдакро зиёд мегардонад.**

Бозӣ воситаи муҳимми ҳавасмандкунӣ барои омӯзиш аст. Дар рафти бозӣ майлу рағбати маърифатии хонандагон рушд меёбад.

Доир ба ин масъала муҳаққиқони дигар низ назару андешаҳои гуногун баён намудаанд.



Аз ҷумла, Л.П. Борзова сабабҳои муносибати мусбати хонандагон дар дарси таърих ба бозиро омӯхта, чунин қайд намудааст: **"Баъзе аз наврасон дар бозӣ барои он иштирок мекунанд, ки имкониятҳо ва қобилиятҳои имконпазири худро амалӣ намоянд, дигарон хоҳиши гирифтани баҳои баланд дошта, қисми сеюми хонандагон худро дар назди коллектив нишон додан мехоҳанд ва ниҳоят, гурӯҳи чоруми хонандагон ба воситаи иштирок дар бозиҳо мехоҳанд, проблемаҳои муоширатии худро ҳал кунанд".**

Бозӣ, инчунин, равандҳои асосии зеҳнии субъекти фаъолияти таълимиро, ба монанди диққат, хотир, майлу рағбат, идрок ва тафаккур фаъол месозад. Ташкили бозӣ дар дарси таърих аз банақшагирии он оғоз мешавад. Самаранокии бозӣ дар чараёни омӯзиш аз он иборат аст, ки дар раванди иҷрои он маводи таълимии таърих беҳтар ҳал карда шуда, хонандагон дониши назариявии худро дар вазъияти ношинос амалӣ мекунанд. Дар чараёни бозӣ хонандагон ба вазъияти ғайриодӣ дучор мешаванд, ки онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза ба он рӯ ба рӯ нашудаанд. Иштирок дар чунин вазъият ва ҳалли иҷрои шартҳои

бозӣ барои хонандагон кашфиёти нав ба ҳисоб меравад. Омӯзгори ботаҷриба бояд ба инобат гирад, ки баъд аз иҷрои якчанд бозӣ таҷрибаи хонандагон то андозае зиёд гардида, он эҳсосоте, ки онҳо дар оғози бозӣ доштаанд, кам шудан мегирад ва ҳар бор такрор намудани як навъи бозӣ боиси хасташавии хонандагон мегардад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорро зарур аст, ки ҳар сари чанд вақт намудҳои гуногуни бозиро ба нақша гирифта, дар дарс амалӣ намояд.

Истифодаи бозиҳо дар дарсҳои таърих раванди омӯзишро шавқовар гардонида, ба ташаккули майлу рағбати маърифатҷӯии хонандагон мусоидат менамоянд. Дар чунин дарсҳо фазои мусоид ба вуҷуд меояд, ки дар он унсурҳои интихоби озод ва эҷодии хонандагон рушд мекунанд. Дар давоми бозӣ қобилияти кор дар гурӯҳ инкишоф меёбад, чунки аксар вақт ғалабаи тамоми даста дар бозӣ танҳо бо саъю кӯшиши ҳар як узви он имконпазир мегардад. Иҷрои нақши душвор аз хонандагон бартараф намудани беэътиноӣ ва нобоварӣ ба неруи худро талаб намуда, ба рушди зеҳн ва дарки ҳисси масъулиятшиносии хонандагон мусоидат мекунад. Фаъолона иштирок намудан дар бозӣ аз хонандагон талаб мекунад, ки тамоми маҳоратҳои худро истифода бурда, маҳоратҳои навро соҳиб гарданд ва донишҳои аллакай маълуми худро қавӣ гардонанд. Ин ё он нақше, ки хонанда дар раванди бозӣ иҷро менамояд, дунёи маънавии кӯдакро бой гардонида, хусусиятҳои эҷодии шахсияти ӯро инкишоф медиҳад.

Барои исботи фикрҳои қайдшуда ва истифода дар раванди кори омӯзгорӣ чанд намунаи бозиро пешниҳод менамоем, ки шояд барои ҳамкасбон дар фаъолияти амалӣ кумак расонанд.

**Бозии «Дарёфти мамлакатҳо»**

Омӯзгор вобаста ба шумораи хонандагон аҳли синфро ба якчанд гурӯҳ ҷудо мекунад. Ҳар як даста лифофа мегирад, ки дар дохили он номҳои шахсони маъруфи таърихӣ (Исмоил, Спитамен, Тутмос, Солон, Геродот, Тутанхамон, Дорои I, Куруш, Гомер, Сезар, Евклид, Перикл ва ғайра) навишта шудаанд. Дар дасти омӯзгор боз 4 лифофаи холӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо номи мамлакатҳо: Сомониён, Форс, Миср, Юнон, Рим ва ғайра навишта шудааст. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки дар лифофаҳое, ки номи давлатҳо навишта шудааст, номи шахсони таърихиро мувофиқ кунонда, ҷобаҷо намоянд.

**Бозии «Саволҳои сарпӯшдор»**

Ҳар як хонанда дар коғаз вобаста ба мавзуъ саволҳоро тартиб медиҳад.

**Варианти 1:** «Се сарпӯш». 1. Маълумот дар бораи матн; 2. Муносибати ҷавобдиҳанда ба мазмуни матн чӣ гуна аст. Мусоҳиб ба суханони дар матн зикршуда (масалан, таассурот ва ғайра); 3. Саволҳое, ки худаш низ ба онҳо ҷавоб дода наметавонад. Хонандагон бо хоҳиши худ варақаи саволро гирифта, вобаста ба он нуктаи назари худро баён мекунанд.

**Варианти 2:** Саволҳо оид ба шахсиятҳои таърихӣ дода мешаванд.

**Бозии «Ходими сиёсиро бишнос!»**

Аҳли синф ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Ҳар як гурӯҳ варақе мегиранд, ки дар он номи ходими давлатӣ навишта шудааст. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки вобаста ба имконият ному насаб, солҳои ҳаёт, фаъолияти сиёсӣ маълумотеро, ки дар матн дода нашудааст, номбар кунанд.

**Бозии «Суханони кӣ?»**

Муаллим ба хонандагон варақчае, ки дар он суханони ходимони таърих, сиёсатмадорон ва ҳакимон навишта шудаанд, тақсим мекунад. Хонандагон бояд муайян кунанд, ки ин суханон аз ҷониби кӣ, кай, дар куҷо ва дар кадом ҳолат баён ё навишта шудаанд. Ба хонандагон иҷозат дода мешавад, ки барои ёфтани иқтибос аз китоби дарсӣ истифода баранд.

**Бозии «Аз даҳон ба даҳон»**

Бозиро бо аҳли синф гузаронидан мумкин аст. Омӯзгор барои иштирок дар бозӣ 4 хонандаро даъват мекунад. Се нафари онҳо бояд аз синф берун карда шаванд. Омӯзгор аз

китоби дарсӣ матнеро ба аҳли синф (хонандаи чорум ҳам) мехонад. Матн бояд кӯтоҳу шавқовар бошад ва метавонад ҳадди аксари номҳо, санаҳо, мафҳумҳоро дошта бошад. Пас аз анҷоми қироати матн ба синф иштирокдори дуюми бозӣ даъват карда мешавад. Вазифа аз он иборат аст, ки иштирокдорони бозӣ бо навбат маълумоти аз ҳамдигар шунидаро нақл кунанд. Иштирокдори охирин (чорум) чизеро, ки аз суханони иштирокдори сеюм фаҳмид, ба аҳли синф нақл мекунад. Муҳим аст, ки бозӣ бо суръати тез гузарад ва иштирокдорони он бе таваққуф маълумоти шунидаашонро мубодила намоянд. Баъд аз он омӯзгор матнро бори дуюм оҳиста-оҳиста хонда, ба хонандагон барои аз худ кардани мазмуни он кумак мекунад ва байни аҳли синф оид ба мазмуни матн саволу ҷавоб ташкил менамояд.

**Бозии «Хаторо ёбед»**

Омӯзгор дар доираи мавзуи омӯхташуда, пешакӣ якчанд варақае, ки дар онҳо матнҳо (№1 дуруст, №2 хато) навишта шудаанд, омода мекунад. Хонандагон метавонанд бо ин матнҳо дар алоҳидагӣ, дукаса ё гурӯҳӣ кор кунанд. Омӯзгор дар назди ҳар як хонанда (ҳар гурӯҳ) варақаи матндор мегузорад. Хонандагон бояд бо диққат мазмуни матнро омӯзанд. Барои иҷрои ин фаъолият вақти муайян ҷудо карда мешавад. Бо иҷозати омӯзгор хонандагон оид ба мазмуни он дар дафтар қайдҳо мегузоранд. Бо анҷом ёфтани вақти додашуда, омӯзгор варақаҳои матндори №1-ро ҷамъ намуда, ба хонандагон матни варақаи №2-ро, ки он аз ҷиҳати мазмун ба варақаи №1 баробар аст, тақсим мекунад. Вале дар дохили матни №2 хатоҳое мавҷуданд, ки хонандагон бояд онҳоро ёфта, ислоҳ кунанд. Хонанда (гурӯҳ)-е, ки миқдори зиёди хатоҳоро ёфта, ислоҳ намояд, ғолиб дониста мешавад.

**Бозии «Қаҳрамон, сана ва воқеа»**

Дар бозӣ ҳамаи синф иштирок карда метавонанд. Барандаи бозӣ (омӯзгор) аз назди иштирокдорон гузашта, аз яке номи қаҳрамон, аз дигаре санаи ба он мувофиқ ва сеюмӣ воқеаи ба онҳо мувофиқро мепурсад. Хонандае, ки аз уҳдаи баёни фикр баромада натавонад, аз бозӣ хориҷ мешавад.

**Бозии «Шинохтани қаҳрамон»**

Яке аз иштирокдорони бозӣ аз синф берун карда мешавад. Иштирокдорони дигар номи яке аз шахсони таърихиро интихоб мекунанд. Иштирокдори аз синф берунбуда даъват мешавад ва ӯ бояд номи он шахсеро, ки иштирокдорони дигар интихоб намудаанд, пайдо кунад. Ба вай иҷозат дода мешавад, ки барои пай бурдани номи қаҳрамон ба иштирокдорони дигар саволҳо пешниҳод диҳад. Иштирокдорони дигар ба сифати ҷавоб танҳо калимаҳои «ҳа», «не», «қисман»-ро истифода мебаранд. Барои он ки бозӣ муташаккилона гузарад, чунин шартҳоро ба миён гузоштан лозим аст: байни савол ва ҷавоб бояд аз 0,5 дақиқа вақт зиёд сарф нашавад; миқдори ҷавобҳо то 10 адад маҳдуд карда шаванд. Иштирокдоре, ки ҳангоми ёфтани номи қаҳрамон саволҳои камтарро истифода бурдааст, ғолиб дониста мешавад. Иҷрои чунин бозӣ имкон медиҳад, ки хонандагон мантиқан фикр кардан, дуруст савол гузоштан, ҷавобҳоро бо ҳам муқоиса кардан ва ба хулосаи дуруст омаданро ёд гиранд.

**Хулоса,** дар асоси ҳамаи хусусиятҳое, ки дар бораи истифодаи технологияи бозӣ дар ҷараёни омӯзиш дар ин нигошта баён шудаанд, мо метавонем, ки бозиро ёрдамчии боэътимоди омӯзгор биномем. Зеро омӯзгор ҳамеша дар орзуи таъмини сифати баланди таҳсил аст. Бо истифодаи технологияи бозӣ ва дигар шаклу усулҳои нави таълим омӯзгор ба хонандагон имкон медиҳад, ки таҷрибаи муошират ва гуфтугӯ, мубоҳиса, эҷодкориро ғанӣ гардонида, дорои салоҳиятҳои коммуникатсионӣ, қобилияти санҷиш ва пешгӯии ҳар гуна вазъият ва ҳимоягари ақидаи худ гарданд. Истифодаи ин гуна технологияҳо ба ташаккули хислатҳои шахсии хонандагон, ки барои ҳар як шаҳрванди давлати демокративу ҳуқуқбунёд заруранд, мусоидат мекунад.

**Шаҳноз ЗАРИПОВА,**
**омӯзгори кафедраи иттилоот ва технологияҳои робитавии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**



# ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ ВА РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ОН

Яке аз равишҳои муҳим дар низоми таълим бедор намудани анвои усулҳои омӯзиш дар тиннати донишомӯзон мебошад. Ин равиш имкон медиҳад, ки толибилм нисбат ба худ серталаб буда, доир ба афкор ва падидаҳои фикрияш дар самти масоили дарсӣ назари интиқодӣ дошта бошад. Ин равиши таълимӣ аз ҷониби муҳаққиқон ҳамчун "Тафаккури интиқодӣ" унвон шудааст, ки заминаҳои фикриро барои ҷустуҷӯйи дарки солим муҳайё менамояд. Дар ин нигошта кӯшиш кардем, ки барои дарки ин масъала раванди дарсиро пешкаши омӯзгорон намоем, то барои истифодаи кории онҳо кумакрасон бошад.

**МАВЗУЪ: ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ**

**Мақсади дарс:** Баланд бардоштани тафаккури интиқодии мустақилонаи донишомӯзон.

**Вазифаҳо:**

• баррасии мушкилоти таъсири иттилоот ба шуури инсон;

• таъсири манфӣ ва мусбати иттилоотро тафриқа кардан;

• қобилияти хонандагон (донишҷӯён)-ро дар кори гурӯҳӣ инкишоф додан;

• қобилияти муошират ва баён кардани фикру ақидаи худро инкишоф додан.

**Намуди дарс:** омӯзиши маводи нав.

**Шакли дарс:** дар гурӯҳҳо кор кардан.

**Мафҳумҳои нав:** манипулятсия, тарғибот (пропаганда).

**Алоқаи байнифаннӣ:** ҷомеашиносӣ, таърих.

**Таҷҳизоти дарс:** проектор, ноутбук

**РАФТИ ДАРС**

**1. Лаҳзаи ташкилӣ.** (Ба ҷо овардани одоби салом, эҷоди фазои ҳамкорӣ дар синф). Сухани ибтидоии муаллим. Мавзуъ, мақсади дарсро гуфтан. (2 дақиқа тавсия дода мешавад)

**2. Омӯзиши маводи нав**.

**Нақшаи дарсӣ:**

**- тафаккури интиқодӣ**

**- далел ва ақидаҳо.**

Имрӯз мо чунин мафҳумҳоро, аз ҷумла, фактҳо ва ақидаҳоро дида мебароем, ки онҳо дар воситаҳои ахбори омма дар чӣ шаклҳо меоянд, барои чӣ ва чӣ гуна фарқ кардани онҳоро низ меомӯзем. Мо чӣ будани тафаккури интиқодӣ ва чӣ гуна малакаҳоро, ки ҳангоми кор бо васоити ахбори омма лозиманд, меомӯзем.

**МАШҚИ 1. «ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ»**

**Қадами 1.** Ба донишҷӯён савол диҳед, ки онҳо «Тафаккури интиқодӣ»-ро чӣ тавр мефаҳманд. Ҷавобҳои донишҷӯёнро гӯш кунед, сатҳи омодасозии хонандагонро барои мавзуъ баррасӣ кунед.

**Қадами 2**. Пешниҳоди вазифа (5 дақиқа)

**Масъала:** Музаффар дар танҳоӣ кор карда, дар давоми 2 соат алафи сабзазорро дарав карда метавонад, дар ҳолате ки бародараш Зафар барои ин 3 соат сарф мекунад. Агар онҳо якҷоя кор кунанд, чанд соат вақт меравад? (Ба донишҷӯён барои баён кардани фикру ақидаҳояшон, бе шарҳи ҷавоби дуруст ва онҳоро ба қарори дуруст водор накарда 2-3 дақиқа вақт диҳед).

Пас аз ин муаллим бояд ба роҳи нодурус-

ти фикррونии донишҷӯён диққат диҳад.

**Маълумот барои муаллим:** Донишҷӯён бисёр фикр накарда, формулаи маъмули медонистаашонро барои ҳисоби миёнаи арифметикӣ истифода мебаранд. Онҳо 2 ва 4-ро ҷамъ мекунанд ва ба 2 тақсим мекунанд, дар натиҷа, агар бародарон якҷоя кор кунанд, 3 соат лозим мешавад. Танҳо чанд нафаре диққат медиҳанд, ки ин ҷавоб нодуруст аст. Оё агар онҳо якҷоя кор кунанд, ба онҳо бештар аз кори як нафар вақт меравад?

**Чаро донишҷӯён чунин хато мекунанд?** Сабаб дар он аст, ки онҳо механизмҳои истифодаи формулаҳоро наомӯхтанд. Онҳо таълим нагирифтаанд, ки барои муайян кардани он чӣ гуна ҷавоби дуруст бояд дошта бошанд (дар ин ҳолат, камтар аз 2 соат вақт лозим аст). Ба онҳо усулҳои ҳалли пайвастаи масъалаҳоро наомӯзондаанд. Онҳо таълим нагирифтанд, ки ин то чӣ андоза муҳим аст. Дар ҳолате ки хонандагон (донишҷӯён) хоҳиши ҳалли ин масъаларо фаҳмидан мехоҳанд ва худашонро санҷиданӣ мешаванд, пас ҷавоби дуруст 50 дақиқа аст.

**Иловаи муаллим:** Бисёр вақт мо бо изҳороте рӯ ба рӯ мешавем, ки баъзеашон ба назарамон камбудие доранд. «Дар ин ҷо кадом чизе шубҳаовар аст», - гуфта, мо фикр мекунем, ки дар ин ҳолат аз ин изҳорот дур мондан беҳтар аст. Барои фаҳмидани он ки чӣ нодуруст аст, малакаҳои тафаккури интиқодӣ ба мо кумак мекунад. Барои ин танқид ва далелҳои худро пешниҳод кардан лозим аст. Дар натиҷа, агар бародарон якҷоя кор кунанд, 3 соат лозим мешавад, гуфта ҷавоб мебароранд.

**Қадами 3.** Омӯзгор хонандагонро бо мафҳуми «Тафаккури интиқодӣ» шинос мекунад. (5 дақиқа)

**Тафаккури интиқодӣ - ин ҷустуҷӯи дарки солим аст: чӣ гуна мантиқан қарор додан ва амал кардан, бо назардошти нуқтаи назари худ ва дигар ақидаҳо, ин қобилияти рад карда тавонистани ақидаи худ мебошад. Тафаккури интиқодӣ, қобилияти пешниҳоди ғояҳои нав ва имкониятҳои нав мебошад, ки ин дар ҳалли проблемаҳо хеле муҳим аст.**

**Қадами 4.** Муаллим 5 зинаи тафаккури интиқодиро, ки ҳангоми қарор қабул кардан онҳоро шахс мегузарад, мефаҳмонад:

- Масъалаи худро аниқ созед. (Чиро мехоҳед ба даст оред?)
- Маълумотро ҷамъ намоед. (Ин барои баҳо додан мадад мерасонад)
- Маълумотро истифода кунед. (Кадом ақида беҳтар?)
- Дар бораи натиҷааш фикр кунед. (Агар ман ин хел қарор қабул кунам, чӣ мешавад? Агар ба таври дигар қабул кунам чӣ?)
- Дигар нуқтаҳои назарро омӯзед.




## МАШҚИ 2. ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ

Муаллим ба шогирдон пешниҳод мекунад, ки якчанд масъаларо бо истифода аз тафаккури интиқодӣ ҳал намоянд:




**2. Ҷуссаи иловагиро ёбед. Фақат 15%-и одамон инро ҳал мекунанд.**






**Ҷавобҳо ба вазифаҳо:**

1. 87, танҳо суратро чаппа гардонед.

2. Ҷавоб 1 аст, зеро он намунавӣ (эталон) аст, боқимонда дигар шаклҳо шакли тағйир ёфтаи он-модификатсия мебошад ё бо шакл ё бо ранг ё бо чорчӯба.

3. Бо дарназардошти он ки автобус ба пеш ҳаракат мекунад ва одатан бо тарафи рост ҳаракат мекунад, инчунин, дари он намоён нест, аз ин рӯ, он ба тарафи чап ҳаракат мекунад.

| | |
|---|---|
| 1 | Масъалаи худро аниқ созед. (Чиро меҳоҳед ба даст оред?) |
| 2 | Маълумотро ҷамъ намоед. (Ин барои баҳо додан мадад мерасонад.) |
| 3 | Маълумотро истифода кунед. (Кадом ақида беҳтар аст?) |
| 4 | Дар бораи натиҷааш фикр кунед. (Агар ман ин хел қарор қабул кунам, чи мешавад?) |
| 5 | Дигар нуқтаҳои назарро ҳам омӯзед. |

**МАШҚИ №3. ФАКТУ ДАЛЕЛҲО**

**Қадами 1.** Саволҳо ба синф.

1. Далел (факт) чист?

2. Ақида чист?

**Қадами 2.** Ба ҷавобҳои хонандагон (донишҷӯён) гӯш диҳед.

**Қадами 3.** Фаҳмонед, ки факт ва ақида чист? Мисолҳоро пешниҳод кунед.

**"Факт"** аз калимаи лотинӣ аз **"factum"** гирифта шуда, мазмунаш ба анҷом расида мебошад. Бо маънои васеъ, бо калимаи ҳақиқат; ҳодисаи рӯйдода: як воқеа ё натиҷа, ки ҳақиқист, яъне, хаёлӣ нест. Мо ҳоло дар мактаб (донишгоҳ) ҳастем, ин ҳақиқат аст. «Номи донишҷӯ» дар назди ман нишастааст - ин низ як далел аст. «Мо асосҳои саводнокии расонавиро меомӯзем, зеро ин метавонад дар оянда ба мо муфид бошад».

**Савол:** Ин ҳақиқат ё ақида аст?

Мо асосҳои саводнокии расонавиро меомӯзем, ин ҳақиқат аст ва изҳороте, ки метавонад ба мо дар оянда муфид бошад, ин факт нест, зеро ин ҳолат ҳанӯз анҷом наёфтааст, ин ақида аст.

**Фикр** ин ақидаронӣ, нуқтаи назар ё баёния дар мавзуи муайян мебошад. Масалан, Бахтиёр барои ихтисоси духтуриро соҳиб шудан, тайёрӣ дида истодааст, бинобар ин, ӯ фанҳои биология ва химияро амиқ омӯхта истодааст. Ин ҳақиқат аст. Ӯ дарсҳои омӯзишӣ гирифта истодааст, китобҳои дарсӣ мехонад, иловатан дар машғулиятҳои иловагӣ иштирок мекунад: «Ба назарам, аз ту духтури хубе мебарояд». Ин як фикр аст, зеро дар асл, ҳолати табиб шудани Бахтиёр ҳоло амалӣ нашудааст.

**Қадами 4.** Варақаҳои тайёрро ба ҳар як миз яктой тақсим кунед. Дар онҳо ду ҷумлаи тақрибан якхела навишта шудааст. Яке аз онҳо факт аст ва дигараш ақида.

**Вазифа:** муайян кардан, ки кадоме аз ин ду баён факт ва дигараш ақида аст.

**Қадами 5.** Кори инфиродӣ бо пурсиши пешакӣ.



| | | |
|---|---|---|
| 1. | а) Вазорати маориф ва илм муҳлати таътилро дароз кард, зеро зимистон хунук шуд. | б) Зимистон хунук шуд, бинобар ин, Вазорати маориф ва илм бояд муҳлати таътилро дароз кунад. |
| 2. | а) Шояд ӯ барои он табассум дорад, ки дар бораи дароз кардани муҳлати таътил эълон карданд. | б) Вақте ӯ шунид, ки муҳлати таътилро дароз мекунанд, табассум кард. |
| 3. | а) Шояд бо варзиш машғул шудан ба ту фоида биёрад. | б) Машғулият бо варзиш саломатии дӯсти маро беҳтар кард. |
| 4. | а) Миллионҳо сол аз ин пештар рӯи Замин динозаврҳо зиндагӣ мекарданд. | б) Шояд якбора паст рафтани иқлими Замин сабабгори мурдани динозаврҳо шуда бошад. |
| 5. | а) Соли 2016 дар Тоҷикистон аввалин маротиба бекурбшавӣ (дефолятсия) ба қайд гирифта шудааст. | б) Бекурбшавӣ (дефолятсия) метавонад ба паст шудани даромаднокии ташкилот оварда расонад. |
| 6. | а) Агар миррихнаворд CURIOSITY дар Миррих нишонаҳои ҳаётро дарёфт кунад, шикорчиёни сайёра пирӯзӣ мекунанд. | б) Миррихнаворд CURIOSITY нишонаҳои ҳаётро дар Миррих наёфт. |
| 7. | а) Баъди паст шудани сатҳи андозбандӣ дар давлат нишонаҳои иқтисодӣ баланд шуданд. | б) Дар назар аст, ки паст шудани сатҳи андозбандӣ ба беҳтар шудани нишондодҳои иқтисодии Ватан мадад кунад. |
| 8. | а) Барои соҳиб шудан ба кори хуб, ту бояд забони англисиро аз худ кунӣ. | б) Бародари ман забони англисиро омӯхт, баъд ба ӯ кори хуб пешниҳод намоданд. |
| 9. | а) Барои дар оянда духтур шудан, ӯ ба фикрам ба фанни химия кам эътибор додааст. | б) Ӯ химияро сахт ва пайваста меомӯхт, бинобар ин, имтиҳонро бо осонӣ супорид. |
| 10. | а) Пагоҳ мо вақтамонро дар кӯҳ мегузаронем. | б) Пагоҳ мо дар кӯҳ вақтамонро хуб мегузаронем. |

**Қадами 6.** Ҷавоби хонандагонро гӯш кардан.

**Ҷавобҳои дуруст:**

фактҳо: 1а, 2б, 3б, 4а, 5а, 6б, 7а, 8б, 9б, 10а.

ақидаҳо: 1б, 2а, 3а, 4б, 5б, 6а, 7б, 8а, 9а, 10б.

**Қадами 7.** Иловаи муаллим

Ин машқ нишон медиҳад фаҳмем, ки факт дар куҷост ва ақида дар куҷост. Дар хотир доред, ки фактҳо як чизи баамаломада ва ё қабулшуда ё чизе, ки эҳтимол меравад, ба наздикӣ рух хоҳад дод. Масалан, мо барои фардо сафар карданро ба нақша гирифтем. Ин факт аст, зеро мо дар ҳақиқат ба нақша даровардем. Аммо Аниса, масалан, мегӯяд, ки “мо фардо ба сайри табиат меравем, вале ин сафар шавқовар намешавад”. Ин ақида аст, зеро вақте мо ба он ҷо меравем, хурсандӣ ё баръакс ғамгин мешавем, ҳанӯз маълум нест.

**МАШҚИ 4. БОЗИИ «МО КАРИКАТУРИСТҲО»**

**Қадами 1.** Синфро ба ду гурӯҳ тақсим кунед.

**Қадами 2.** Ба онҳо вазъиятро нақл кунед.

**Вазъият:** Дар хонае, ки онро Акмал ба иҷора гирифта буд, сӯхтор сар зад. Хона ба пуррагӣ насӯхтааст, вале барои таъмир хеле маблағ лозим аст. Коршиносон сабабҳои сӯхторро муайян карда натавонистанд. Акмал бовар мекунонад, ки ӯ ҳангоми сар задани сӯхтор дар хонаи истиқоматӣ набуд. Бинобар ин, эҳтимолан сабабгори он расиши кӯтоҳи ноқилҳои барқ ва суст ба роҳ мондани чораҳои бехатарӣ аз сӯхтор дар ҷои истиқомат мебошад. Соҳибхона

мегӯяд, ки иҷоранишин аксар вақт дар хонаи истиқоматӣ сигор мекашид ва нимсӯхтаҳои сигорро ба сатили партов меандохт, ки шояд сабабгори сӯхтор шуданд. Зайнура боварӣ дорад, ки сӯхтор аз сабаби беаҳаммиятии иҷорагир, яъне, Акмал сар задааст.

**Қадами 3.** Ба гурӯҳҳо супориш диҳед. Гурӯҳи якум карикатураи иҷоранишинро ва дуюмаш иҷорадеҳро кашанд.

Гурӯҳи якум - гурӯҳи дастгирии Зайнура апа, ки манзилро иҷора медод.

Гурӯҳи дуюм - гурӯҳи дастгирии Акмал ҳаст, ки кӣ хонаро иҷора мегирифт.

Ҳамаи гурӯҳҳо бо дарназардошти мавқеи худ, ки дар ин ихтилоф ҷой гирифтаанд, вазъиятро тасвир кунанд. Ҳангоми пешниҳод даста метавонад, ихтиёрӣ аз рӯйи расми кашидааш нақш бозӣ кунад.

**Қадами 4.** Намоиши гурӯҳ

Шумо чӣ фикр доред, аз намунаҳо кадомашон факт ва кадомашон фикру ақидаанд? Ин машқ нишон медиҳад, ки фаҳмидани факт ё ақида будани ҷумла баъзан душвор аст. Дар хотир доред, ки факт чизи ба амал омада, ё қабулшуда ё чизе, ки эҳтимол меравад, ба наздикӣ рӯй хоҳад дод, мебошад.

**Ҷамъбасти дарс**

**Хулоса:** Иттилоъ на ҳамеша ба таври дуруст дастрас мешавад, аксар вақт шакли ниҳоии он аз пахши каналҳои иттилоотӣ вобаста аст.

- Ҳар кас метавонад ҳақиқати худро дошта бошад: дар мунокиша ҳамеша ду тараф вуҷуд дорад ва ҳар тараф боварӣ дорад, ки онҳо дуруст ҳастанд, яъне, ҳар як тараф ҳақиқати худро дорад.

- Ҳақиқат ҳаст ва он факт аст, он метавонад бисёрҷабҳа бошад, балки на танҳо он тарафе, ки манбаи иттилоъ ба мо нишон дод.

**Вазифаи хонагӣ:** Агар донишҷӯён ба интернет дастрасӣ дошта бошанд, онҳо бояд матни «Далел, ҳақиқат ва андеша»-ро ёбанд, агар не, дар он ҳолат муаллим худаш ин матнро барои хондан дар хона пешниҳод мекунад.

# ПАЁМИ ПЕШВО РАҲНАМОСТ

**Ҳар Паёми Пешво дорад таҷаллои баҳор,**
**Зиндагониро бубахшояд каломаш рангу бор.**
**Чун шуда обод Меҳан, халқ бояд, ки кунад**
**Ҳар каломе аз Паёми Пешвои худ шиор.**
**Бо каломи бо Паёми Пешво гардида чун,**
**Тоҷикистон номдору тоҷикон овозадор.**
**Халқро ҳурмат намояд, халқ ӯро эҳтиром,**
**Ӯ адолатпеша ҳасту сояи Парвардигор.**
**Лоиқи мадҳу ситоиш ҳаст бешакку гумон**
**Бо китоби "Мондагор"-у бо суботи пойдор.**
**Кори Ӯ сарҷамъсозии ҳамин миллат, ки ҳаст,**
**Сулҳу ваҳдат шуд шиораш, гашт соҳибэътибор.**
**Халқро дар ҳар Паёмаш бемуҳобо мекунад**
**Роғиби илму амал, то халқ бошад бахтиёр.**
**Ҳар Паёми Пешво панд аст, панди зиндагӣ,**
**Пешвои мо яке фарзонафарзанди диёр.**
**Ҳамватан, оғӯши Меҳан баҳри ту бикшодааст,**
**Ҷуз Ватан, охир, туро кӣ гарм мегирад канор?**
**Ҳамватан, ҳар ҷо, ки бошӣ, фахр аз Меҳан намо,**
**Аз барои домани Меҳан машав ҷангу ғубор.**
**Ҳар киро бошад Паёми Пешво сармашқи кор,**
**Ҳар куҷо бошад, бигардад бахтёру комгор.**
**Ҳамватан, боз о, канори Пешво саф мекашем,**
**Бо муҳаббат, бо садоқат, бо шарофат, бо виқор.**

**Умарҷони МИРЗОШАРИФ,**
**докторанти курси дуюми**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав**

**Дилором РУСТАМОВА,**
**омӯзгори мактаби №6-и ноҳияи Шаҳристон,**
**вилояти Суғд**

# МАТЕМАТИКА ВА ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТНӢ

Дар замони муосир омӯзиши фанҳои дақиқ, аз ҷумла, математика барои насли ҷавони мо хеле муҳим аст. Амалӣ сохтани ҳадафи чоруми мамлакат – саноатикунонии истеҳсолот, пеш аз ҳама, ба омӯзиш ва инкишофи фанҳои дақиқ, аз ҷумла, математика вобаста аст. Маҳз илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ метавонанд, пояҳои истеҳсолот ва саноати моро мустаҳкаму пойдор нигоҳ доранд. Бинобар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040-ро "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф " эълон кардаанд.

Дар мақолаи мазкур мо чанд намуди ҳалли масъалаҳои математикиро дида мебароем, ки ба кор дар иқтисодиёт, саноат ва ҳаёти воқеӣ дахл доранд.

**Масъалаи 1.**

Дар мавсими ниҳолшинонӣ 78 дона ниҳоли себро дар байни се бригада тавре тақсим карданд, ки ба бригадаи якум назар ба дуюм 2 маротиба камтар ниҳоли себ рост омаду ба бригадаи сеюм назар ба якум 14 ниҳол бештар расид. Муайян кунед, ки ба бригадаи якум чанд ниҳоли себ ҷудо карда шуд.

<u>**Ҳалли масъала**</u>

Бигузор барои бригадаи якум **x** ниҳоли себ ҷудо карда бошанд. Он гоҳ барои бригадаи дуюм бояд **2x** ниҳол ва барои бригадаи сеюм x+14 ниҳол ҷудо кардаанд. Шумораи умумии ниҳолҳои себ x+2x (x+14) баробар аст. Ҳамин тавр, мо дар асоси шарти масъала муодилаи хаттии зеринро ҳосил мекунем:

x+2x+ (x+14)=78

Онро ҳал мекунем: x+2x+x+14=78

4x=64. Аз инҳо x=64:4=16

**Ҷавоб:** Барои бригадаи якум 16 ниҳол ҷудо кардаанд.

**Масъалаи 2.**

Дар қафас харгӯш ва мурғ ҳастанд. Онҳоро аз пояшон шуморем 196-то ва агар аз сарашон шуморем 78-то мебароянд. Дар қафас чанд харгӯш ва чанд мурғ ҳаст?

<u>**Ҳалли масъала**</u>

Бигзор дар қафас **x-**адади харгӯш ва ***y-***адади мурғ бошад. Азбаски харгӯшҳо чортогӣ ва мурғҳо дутогӣ пой доранд, дар асоси шарти масъала мо системаи ду муодилаи хаттии дуномаълумаи зеринро ҳосил мекунем:

**Онро бо усули гузориш ҳал мекунем:**

$$\begin{cases} x + y = 78 \\ 4x + 2y = 196 \end{cases} \qquad x = 78 - y$$

Қимати x-ро ба ҷояш муодилаи дуюми система мегузорем.

4(78−y)+2y=196

312-4y+2y=196

-2y= -116

$y$ =116:2

$y$ =58

X=78-58=20

**Ҷавоб:** 20 то харгӯш ва 58-то мурғ

**Масъалаи 3.**

Аз 21 фоизи шир қаймоқ ва аз 25 фоизи қаймоқ равған гирифта мешавад.

Барои тайёр кардани 105 кг равған чӣ миқдор шир лозим аст?

**Ҳалли масъала**

Бо $y$ –миқдори шир ва бо х миқдори қаймоқро ишора мекунем. Он гоҳ:

105------25%

x---------100%

25x=10500

x=420

100%-----y

Ҳамин тавр, барои истеҳсол кардани 105 кг равған

$y$ = (420х100):21=42000:21=2000 литр шир лозим аст.

**Ҷавоб:** 2000 кг

**Масъалаи 4.**

Се дӯст ба шикори моҳӣ рафта, тӯрро ба об партофтанд ва тасмим гирифтанд, ки рӯзи дигар дар ҳамин соат бармегарданд, то онро аз об гиранд. Рӯзи дигар яке аз шикорчиён аз вақти муқаррааргардида пештар омада, тӯрро аз об берун овард. Моҳиҳои дар он афтидаро шуморида дид, ки агар моҳиҳоро ба се бахш тақсим кунад, як моҳӣ изофа мемонад, сипас, моҳии изофаро ба об партофт ва сеяки моҳиҳои боқимондаро бо худ бурд ва аз се ду ҳиссаи моҳиҳоро дар тӯр монд.

Шахси дуюм дар вақти муайяншуда омад ва аз омаду рафти шахси якум хабар надошт, моҳиҳои дар тӯр боқимондаро ба се ҳисса тақсим кард. Як моҳии изофамондаро ба об партофт ва сеяки моҳиҳоро бо худ бурд. Шахси сеюм ҳам бехабар аз омаду рафти ду шахси дигар, моҳии дар тӯр боқимондаро ба се ҳисса тақсим кард. Дар натиҷа, боз як моҳӣ изофа монд ва ӯ ҳам моҳии зиёдатиро ба об партофту ҳиссаи худро иборат аз 3 моҳиро гирифта рафт. Ҳангоми омадани шахси якум дар тӯр чандто моҳӣ вуҷуд дошт?

**Ҳалли масъала**

Онро бо тарзи “аз охир” ҳал мекунем. Шахси сеюм дар тӯр 3+3+3+1=10 моҳиро дида, 1 моҳиро ба об партофт. Ӯ 3 моҳии ҳиссаи худро гирифту 6 моҳиро барои дӯстонаш боқӣ гузошт. Ин 6 моҳӣ ба $\frac{2}{3}$ ҳиссаи моҳиҳои аз шикорчии дуюм боқимонда баробар аст. Пас, моҳигири дуюм дар тӯр 5+5+5+1=16 моҳиро дида, пас аз ба дарё сар додани 1 моҳӣ дар тӯр 15 моҳиро дид. Ӯ 5 моҳиро гирифту моҳиҳои дигарро боқӣ гузошт. Ҳамин тавр, моҳигири якум дар тӯр 8+8+8+1 моҳиро дида, яке аз онҳоро ба об сар дод ва ҳиссаи худро, ки аз 8 моҳӣ иборат буд, гирифт. Ҳамин тавр, дар аввал дар тӯр 8+8+8+1=25 моҳӣ буд.

**Ҷавоб: 25 моҳӣ.**

**Масъалаи 5.**

Ададҳои 2,4,6,8,10,12,14,16 ва 18-ро дар катакҳои расми квадрати овардашуда тавре ҷойгир намоед, ки суммаҳои онҳо аз рӯйи се сатри горизонталӣ, се сутуни вертикалӣ ва ду диагонали квадрат ба ҳамон як адад - 30 баробар шаванд.

**Ҳалли масъала**

**Дар расми 2 оварда шудааст:**

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

Расми 1

**Ҷавоб:**

| | | |
|---|---|---|
| 16 | 2 | 12 |
| 6 | 10 | 14 |
| 8 | 18 | 4 |

Расми 2

**Умеда ИШҚУЛОВА,**
**омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики**
**мактаби №116-и ноҳияи Сино, шаҳри Душанбе**

# АҲАММИЯТИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ВА БЕРУНАЗМАКТАБӢ ДАР ДАРСИ АДАБИЁТ

Кори таълиму тарбия дар мактаб танҳо бо гузаштани дарсҳои анъанавӣ маҳдуд намешавад. Муваффақияти корҳои таълиму тарбия аз бисёр ҷиҳат ба вусъат бахшидани корҳои тарбиявии берун аз синф ва берун аз мактаб вобастагӣ дорад.

Дуруст гузошта шудани корҳои таълиму тарбия дар мактаб аз омӯзгор ба таври васеъ ба роҳ мондани корҳои берунаэсинфӣ ва берунаэмактабиро талаб мекунад. Ин навъи машғулияти омӯзишӣ бо роҳбарии муаллими фаннӣ ё роҳбари синф берун аз маҳдудаи синфхона ё ин ки берун аз муҳити мактаб гузаронида мешавад.

Чорабиниҳои берунаэсинфӣ қисмати ҳатмии кори мактаб ва ҳар як муаллим мебошад, зеро мактаб ва муаллим бо гузаронидани кори берун аз синф ба хонандагон ҷавобгаранд. Кори таълиму тарбия замоне натиҷадор мешавад, ки агар муаллимон, роҳбари синф ва роҳбари созмони хонандагон бо ҳам алоқаи зич дошта, падару модарон ва аҳли ҷамоатро низ ба он ҷалб намоянд.

**Вазифаи ин бахши кор ду мақсади асосиро дар бар мегирад:**

**1. Хонандагон он ҳама дониш ва малакаҳоеро, ки аз дарсҳо гирифтаанд, бояд дар таҷриба мустақилона ба кор бурда тавонанд.**

**2. Ба воситаи додани маълумоти иловагӣ дониши хонандагонро вусъат диҳанд ва ҷаҳонбинии онҳоро васеъ гардонанд.**

Дар воқеъ, таҷрибаҳо собит намудааст, ки корҳои берунаэсинфӣ истеъдоди эҷодӣ ва ҷаҳонбинии хонандагонро тараққӣ медиҳад ва барои муайян кардани роҳи минбаъдаи ҳаёти онҳо ёрӣ мерасонад. Бинобар ин, корҳои берун аз синф ва берун аз мактаб корҳоеро, ки дар дарс гузаронида мешавад, такрор накарда, балки онҳоро комилтару васеътар мегардонад.

Корҳои берунаэсинфӣ ва берунаэмактабӣ намудҳои бисёр дошта, ба кор бурдани онҳо бо иси вусъати савияи маданӣ ва сиёсии талабагон мегардад. Ин навъи машғулиятҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. **Хониши мустақилона**
2. **Хониши берун аз синф**
3. **Кори маҳфилҳо**
4. **Нишастҳои адабӣ**
5. **Саёҳатҳои адабӣ**
6. **Намоишномаҳои адабӣ**
7. **Бозиҳои адабӣ**

Аз рӯйи барномаи таълимӣ бо мақсади такмили малакаи хонишу мустақиломӯзӣ ва баланд бардоштани савияи донишу завқи бадеии хонандагони синфҳои болоӣ (5-11), ба ғайр аз мавзуъҳои асосӣ, боз чанд намуд корҳои адабиро ба сифати хониши мустақилона ва хониши берунаэсинфӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

**1. Азбаски ба муҳокимаи хониши мустақилона соат ҷудо карда намешавад, таҳлили онҳоро на дар машғулиятҳои алоҳида, балки дар давраи аввали ҳар як дарс бо пурсиши мавзуъҳои асосӣ якҷоя гузарондан мумкин аст. Муаллим дониши хонандагонро ҳам аз мавзуи асосӣ ва ҳам хониши мустақилона санҷидаву ба ҳисоб гирифта метавонад.**

**2. Хониши берунаэсинфӣ яке аз намудҳои асосии корҳои берун аз синф ва берун аз мактаб мебошад. Муаллим бояд дар ҷараёни фаъолияти омӯзгории худ ба ин намуди кор бештар эътибор диҳад, зеро китобхонии мунтазам барои мустақилона омода намудани маводи барнома ва баланд бардоштани савияи дониш аҳаммияти бузург дорад. Он фикру ҷаҳонбинии хонандагонро сайқал дода, қобилиятҳошонро тез ва малакаи муҳокимаронияя-**

**шонро мустаҳкам мекунад.**

**3. Шакли дигари корҳои беруназсинфӣ ташкили маҳфилҳост.**

Маҳфилҳои фаннӣ хонандагонро ба корҳои амалӣ ва ҳаётии мактаб наздик карда, барои аз худ кардани дониш ба онҳо ёрӣ мерасонад. Маҳфилҳо, инчунин, малака ва дониши шогирдонро зиёд намуда, барои дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия кардани онҳо нақши муҳим мебозад.

Маҳфил бачаҳоро ба меҳнат одат кунонида, дар онҳо эҳсоси дӯстиву рафоқатро тарбия ва интизомашонро хуб менамояд. Хонандагон дар машғулиятҳои маҳфил иштирок карда, ба корҳои ҷамъиятӣ ёрӣ расондан ва сарҷамъона кор карданро меомӯзанд. Бинобар ин, дар мактаб ташкил кардани маҳфил яке аз масъалаҳои хеле муҳимми кори тарбия мебошад.

**Маҳфилҳо се намуд мешаванд: маҳфилҳои адабӣ-эҷодӣ, хониши ифоданок ва нақли бадеӣ - драмавӣ.**

**Онҳо якчанд хусусияти умумӣ доранд:**

**1. Пеш аз ҳама, ҳаминро бояд қайд кард, ки кори маҳфилҳо аз машғулиятҳое, ки дар синф мегузаранд, бояд фарқ кунанд ва он такрори дарсҳои муаллимон набуда, балки дониши дар ҷараёни дарс гирифташударо комил намояд, инчунин, ба хонандагон маълумоти иловагӣ дода тавонад.**

**2. Машғулиятҳои маҳфил дар асоси дониши шогирдон ва фаъолияти онҳо гузаронида мешавад.**

**3. Дар мактаб бо иштироки аҳли маҳфили адабӣ-эҷодӣ хониши ифоданок ва драмавӣ, нишасти адабӣ ташкил карда мешавад. Нишасти адабӣ мумкин аст, ба ҳаёту эҷодиёти адибон ё санаҳои таърихӣ бахшида шаванд.**

Доир ба мавзуи нишасти адабӣ маърӯзаҳо низ шунидаву муҳокима карда мешаванд. Ба сифати маърӯзачӣ муаллим ё ин ки хонандаи беҳтарин баромад мекунад. Маърӯза набояд дароз ва дилгиркунанда бошад, вай бояд мухтасару пурмазмун, ба факту далелҳои завқовар тартиб дода шуда бошад. Вале нишасти адабӣ боз намуди дигаре ҳам дорад. Масалан: маърӯзаҳо бо баромади алоҳидаи хонандагон, барномаҳои консертӣ ва баромадҳо мувофиқи матни маърӯза навбат ба навбат иҷро карда мешаванд.

Хулоса, нишасти адабӣ дар асоси барномаи пешакӣ тартиб додашуда гузаронида мешавад, то ки ҳамаи қисмҳои он: маърӯза, мусиқӣ, рақс, хониши порчаҳои адабӣ ва дигар намоишҳои саҳнавӣ ба як мақсади муайян хидмат карда тавонад.

Нишастҳои адабӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи корҳои беруназсинфӣ ва буруназмактабӣ буда, дар бобати вусъат додани дониши хонандагон ёрии калон мерасонад. Бинобар ин, дар мавридҳои зарурӣ бо иштироки узви маҳфилҳои адабиву драмавӣ ташкил кардани маҳфилҳои адабӣ низ муҳим аст.

Дар вақти ташкил намудани маҳфил бояд мувофиқи талаби мактаб ва хоҳиши худи хонандагон рафтор карда шавад. Маҳфили адабӣ бояд завқу ҳаваси бачаҳоро ба асарҳои бадеӣ ва эҷодиёти адибон зиёд намояд. Мавзуи маҳфилро бо маводҳои адабии дарс вобаста кардан низ мумкин аст.

Масалан, шавқу ҳаваси хонандагон ба асарҳои Мирзо Турсунзода бештар мушоҳида мегардад. Бо омӯзиши ҳаёту эҷодиёти ин шоир на танҳо узви маҳфилҳои адабӣ-эҷодӣ, инчунин, аксари мактаббачагон машғуланд. Завқу ҳаваси хонандагонро ба ҳисоб гирифта, мумкин аст, бахшида ба ҳаёт ва эҷодиёти шоир маҳфили адабӣ ташкил карда шавад. Ғайр аз ин, маҳфилҳоро бахшида ба ҳаёт ва эҷодиёти адибон, ҷашнҳои адабӣ, даҳа ва ҳафтаҳои адабиёт ташкил кардан низ имкон дорад.

Дар вақти тамошо бояд ташаббускорони намоиш дар назди рафҳои намоишӣ истода, ба тамошобинон доир ба ҳар як асбобу ашёи намоиш маълумоти равшан диҳанд. Ҳамчунин, дафтари махсуси қайдҳо низ гузошта мешавад, то ки тамошобинон дар он таассуроти худро аз намоиш ё намоишнома қайд кунанд.

**Бозиҳои адабӣ**

Дар синфҳои 5-7 доир ба адабиёт гузаронидани намудҳои завқовари бозӣ, аз ҷумла, саволу ҷавобҳо (викторина), байтбарак ва мушоира аҳаммияти калони тарбиявӣ дорад.

**Викторинаи адабиро** ба забони тоҷикӣ **чистонҳои адабӣ** номидан мумкин аст, зеро он бо баъзе аломатҳояш ба чистон хеле монанд аст. Ин намуди машғулият хеле шавқовар буда, фикри хонандагонро инкишоф медиҳад. Викторинаи адабӣ хонандагонро водор менамояд, ки бештар адабиёти бадеӣ хонанд, мундариҷа, таърихи навишташуда, номи қаҳрамонҳо ва эпизодҳои асосии онҳоро дар хотир нигоҳ доранд. Илова бар ин, викторина хонандагонро серҳаракат, ҷӯянда

ва ҳозирҷавоб менамояд.

**Байтбарак** низ яке аз намудҳои шавқовари бозии адабист. Ин намуди машғулиятро дар давоми соли хониш дар ҳамаи синфҳо якчанд маротиба гузаронидан мумкин аст. Бартарии ин бозӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки вай вақти бисёр намегирад, вале аз ёд донистани байтҳо, порчаҳо ва пурра аз ёд кардани асарҳои калонҳаҷми манзумро талаб менамояд. Байтбаракро, ҳатто, дар дохили дарс ҳам гузаронидан мумкин аст. Байтбарак ба хонандагон завқу хушҳолӣ мебахшад ва дар машғулият ҳамаи онҳо ба рағбати том иштирок менамоянд. Бинобар ин, байтбаракро дар дарс ва берун аз синф тез-тез гузаронидан лозим аст. Байтбарак аз иштирокдорони бозӣ талаб менамояд, ки аз ҳар як шоир байт, порчаҳо ва шеърҳоро пурра аз ёд донанд. Аз ин рӯ, ба муаллим лозим аст, ки аз синфҳои ибтидоӣ сар карда, ба хонандагон бештар шеър барои азёд кардан супориш диҳанд, зеро ин метавонад шавқи шеърдониву шеърхонии хонандаро зиёд намояд.

**Муошират** низ дар бобати тарбияи бадеӣ -эстетикӣ, инкишофи нутқу тафаккур ва малакаи шеърдонию шеърхонии хонандагон аҳаммияти калон дорад. Ин намуди бозӣ, одатан, берун аз дарс дар нишастҳо, конфронсҳо ва ҷашнҳои адабӣ баргузор мегардад. Хонандагон ба туфайли ин намуди машғулият қобилият ва маҳорати шеърдонию шеърхонии худро намоиш медиҳанд.

**Экскурсия** яке аз намудҳои машғулиятҳои беруназсинфӣ мебошад, ки барои мустаҳкам кардани маводи омӯхташудаи хонандагон дар вақти дарс ва дар бобати вусъат бахшидани корҳои берун аз мактаб нақши калон мебозад. Яке аз намудҳои асосии он саёҳат - тамошои осорхонаҳо мебошад. Агар дар шаҳр ё ноҳия осорхона ё намоиши адабии доир ба маводҳои гуногуни адабӣ (аксҳо, дастнависҳо, асарҳои шоиру нависандаҳо) мавҷуд бошад, дар ҳамон ҷо гузаронидани экскурсия натиҷаовар мебошад, чунки хонандагон ба адабиёт ва санъати бадеии гузаштагон аз наздик шинос шуда, дониши худро боз ҳам мустаҳкамтар мекунанд.

Барои хуб гузаштани экскурсия омӯзгор вазифадор аст, ки ба он пешакӣ тайёрии ҳамаҷониба бинад. Вай бояд вобаста ба саёҳат нақша тартиб диҳад ва мавзуъро васеътар омӯзад, то ки онро равшан инъикос карда тавонад.

**Мундариҷаи нақша бояд чунин масъалаҳоро дар бар гирад:**

**1. Суҳбати роҳбари осорхона ё роҳбалади он бо хонандагон бо мақсади ҷалб намудани диққати онҳо ба мавзуи саёҳат.**

**2. Суҳбати муқаддимавии роҳбари осорхона ва маълумоти умумӣ доир ба мақсаду вазифа, ҷойгиршавии мавод ва нигораҳои осорхона.**

**3. Мувофиқи супориши роҳбари осорхона як ё якчанд шуъбаи осорхонаро омӯхтани ҳар гурӯҳи хонандагон.**

**4. Баёноти мухтасари хонандагон доир ба шуъбаҳои омӯхташуда. Дар ин баёнот ҳамаи хонандагоне, ки ба экскурсия рафтаанд, иштирок мекунанд. Роҳбар (омӯзгор) баъзе лаҳзаҳои кори онҳоро шарҳ дода, бо роҳи суҳбат онро пурра мекунад.**

**5. Сухани хотимавии роҳбари осорхона ва ё роҳбалади он. Роҳбар баъди баёноти хонандагон кори ҳар як гурӯҳи хонандагон ва натиҷаҳои мушоҳидаро ҷамъбаст менамояд ва аз экскурсия хулосаҳои даркориро мебарорад.**

**Экскурсияи адабиро дар чунин мавридҳо гузаронидан мумкин аст:**

**1. Пеш аз омӯзиши асари адабӣ.**

**2. Пас аз омӯхтани асари адабӣ.**

Агар муаллим пеш аз омӯзиши асар экскурсия гузаронидан хоҳад, он гоҳ ба воситаи сухани муқаддимавии худ дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти нависанда ё шоир маълумоти умумӣ дода, хонандагонро ба омӯхтани асарҳои ӯ ҳавасманд кунад. Агар саёҳат дар рафти таълими адабиёт, пас аз хониш ва таҳлили асар гузаронида шавад, он гоҳ омӯзгор дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти адабии нависанда ва ё шоир маълумоти пурра медиҳад ва баъд бо мақсади васеъ намудани он маълумоти хонандагонро ба он объекте, ки бо мавзуи дарсаш алоқаманд аст, ба саёҳат мебарад. Ин гуна экскурсия баъзан фикр ва маълумоти дар дарс баёнкардаи муаллимро ҷамъбаст карда, барои аз дарс хулоса баровардани хонандагон ёрӣ мерасонад. Ин гуна саёҳат характери ҷамъбастӣ дорад.

Яке аз чунин ҷойҳои таърихӣ ва тамошобоб осорхонаҳои адабии устодони адабиёти муосири тоҷик - Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Абулқосим Лоҳутӣ ва дигар осорхонаҳои адабӣ дар шаҳру навоҳии кишвар мебошанд, ки баъд аз ҷамъбасти соати дарсӣ бурдани хонандагон ба ин ҷойҳои таърихӣ айни муддаост.

**Ҳасан АЗИЗӢ,**
**"Маърифати омӯзгор"**



# ФИЛМҲОИ БАЧАГОНА: ВАЗЪ, МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

Бо фарзандон, ҳар вақте имкон даст диҳад, тариқи шабакаи “Баҳористон” филмҳои бачагонаи хориҷиро, ки дар онҳо, маъмулан, кӯдакону наврасон нақшҳои асосиро мебозанд, бо тарҷумаи тоҷикӣ тамошо мекунем. Боре духтарчаам Бибиоиша, ки 9 сол дорад, аз ман пурсид: “Дадаҷон, чаро дар телевизионҳои худамон филмҳои тоҷикиро, ки махсус барои кӯдакону наврасон бошанд, кам нишон медиҳанд? Магар дар кишварамон ин гуна филмҳо сохта намешаванд?”

Баъди шунидани ин суол ҳайрон шуда, надонистам чӣ ҷавоб гардонам, зеро худам ҳам дар ин маврид тасаввуроту иттилои зиёде надоштам. Аз ин рӯ, гуфтам, ки «духтарҷон, мумкин ту телевизионро кам тамошо мекунӣ, барои ҳамин намедонӣ, ки филмҳои бачагонаи истеҳсоли Тоҷикистонро намоиш медиҳанд ё не?».

- Не, дадаҷон, ман телевизиони “Баҳористон”-ро зиёд тамошо мекунам, чунки тамошои ин шабакаро дӯст медорам, барномаҳои хуби рангоранг дорад. Агар филми тоҷикиеро барои мо наврасон намоиш медоданд, ҳатман онро медидам. Дар ин шабака бештар филмҳоеро намоиш медиҳанд, ки хориҷианд, - бо боварӣ ҷавоб дод Бибиоиша.

Дар ҳақиқат, чаро чунин аст? Чаро таваҷҷуҳи филмноманависон, коргардонҳо ва дигар масъулини соҳаи кино ба офаридани филмҳои кӯдакона хеле кам аст? Ин мулзамият дар ростои саволи фарзанд боис шуд, ки масъаларо таҳқиқ намоям ва рӯй биоварам ба масъулин ва мутахассисони соҳа.

Сиёвуш Хидирзода, муовини аввали директори Муассисаи давлатии “Телевизиони кӯдакону наврасон - Баҳористон” дар ин бора мегӯяд, ки тарҷума ва дубляжи филмҳои ҳунарӣ, илмӣ-оммавӣ ва аниматсионӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти ин ниҳод ба шумор меравад. Имрӯз дар «Баҳористон» барои бештар намудани мавод бо забони тоҷикӣ ду студияи сабти овоз фаъолият менамояд, ки бо таҷҳизоти соҳавӣ таъмин мебошанд. Ҳангоми интихоби филмҳо барои тарҷумаву дубляж дар баробари мазмуну муҳтаво, инчунин, талаботи техникии он ба инобат гирифта мешавад. Ҳамзамон, «Телевизиони кӯдакону наврасон-Баҳористон» ба муносибати эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» силсилафилмҳои илмӣ-оммавиро низ аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ тарҷума ва дубляж намуд. Маводи пешниҳодгардида доир ба кайҳон, олами ситораҳо, сайёраҳо, растаниҳо, табиат ва падидаҳои он, қонунҳои физикӣ, баҳру уқёнусҳо, ихтироот, ҳаёти ҷонварон, қитъаҳои олам ва монанди инҳоро дар бар мегирад. Бо мақсади пур кардани фазои барномаҳои телевизионӣ бо филмҳои тоҷикӣ шабака филмҳои бачагонаи бадеиро мунтазам таҳия ва пешниҳоди тамошобинон мегардонад. Силсилафилмҳои «Боварӣ ба худ», «Феъли бад», «Осуда будан мехоҳам», «Духтари боғбон», «Асири дуд», «Рӯйхати сиёҳ», «Гунаҳкор» аз ҷумлаи онҳоянд. Филмҳо пеш аз пахш бо дастури аъзои Шурои маъмурият ба мутахассисони шуъбаи танзими барномаҳо барои тамошо ва баррасӣ пешниҳод мегарданд. Мавод дар ҳолате барои пахш иҷозат дода мешавад, ки он дорои хусусияти маърифативу омӯзишӣ, тарбиявӣ, талқинкунандаи дӯстиву якдилӣ, ватанпарастӣ, меҳнатдӯстӣ бошанд.

Кам будани филмҳо барои кӯдакону наврасон мавзуест, ки мутахассисони соҳаи кино дар мавриди он назарҳои гуногун доранд. Муҳиддини Музаффар, коргардони ҷавон масъаларо ба сабт нашудани филмҳо ва ҷиддиву пайгирона сари он кор накардан рабт медиҳад. Мавсуф таъкид месозад, ки мушкилоти имрӯзаи мо, пеш аз ҳама, кам ба навор гирифтани филмҳои телевизионӣ, ҳам барои бузургсолон ва ҳам барои кӯдакону наврасон мебошад. Агар мо тавонем филми хубу тамошобоби телевизионӣ бисозему ба омма пешниҳод кунем, ҳатман он харидори худро пайдо мекунад.

Назар Назаров, сармуҳаррири Муассисаи

давлатии “Тоҷикфилм” доир ба сабти филмҳои гуногуншакли “Гунҷишки сафед”, “Бачаи обӣ”, “Додараки фариштаҳо” ва филми тасвирии “Алифбо” дар даврони истиқлол ном мебарад, вале барои ҳар як соҳибандеша маълум аст, ки ин миқдор филми бачагона барои Тоҷикистон, ки беш аз 10 миллион аҳолӣ дорад, кам аст. Мавсуф мегӯяд, ки дар аксари филмҳои истеҳсоли "Тоҷикфилм" кӯдакону наврасон ва ҷавонони диёр нақш бозӣ мекунанд. Ин барои ҷалби насли ҷавони кишвар ба соҳаи синамо муфид мебошад. Бояд гуфт, ки “Тоҷикфилм” ниҳоди эҷодиву истеҳсолӣ буда, яке аз вазифаҳои асосии он истеҳсоли филмҳои гуногунжанр аст. Агар мо гӯем, ки масъули асосии сохтани филмҳои бачагона танҳо “Тоҷикфилм” аст, нодуруст мебошад. Имрӯз дар ҷумҳурӣ барои фароғату болидарӯҳии кӯдакону наврасон телевизиони “Баҳористон” фаъолият мекунад ва ба ин нукта аҳли кормандони он низ бояд таваҷҷуҳ дошта бошанд. Мо бояд дар ҳамкорӣ бо "Баҳористон” барои бачаҳо филмҳои хуб истеҳсол кунему дар телевизионҳо ба намоиш гузорем.

- Имрӯз барои офаридани филмҳои бачагона, тасвирӣ, достониву таърихӣ маблағи кофӣ ҷудо мешавад, танҳо идеяи бузург ё филмномаи хуб лозим аст. Вақти он расидааст, ки филмноманависон, адибон, шоирон, нависандагон ва дигар шахсони эҷодкор ҳунарашонро нишон диҳанд ва сенарияҳои хуб пешниҳод кунанд. "Тоҷикфилм" дар самти филмбардорӣ ҳамеша омодаи ҳамкорӣ аст. Ман ҳамчун сармуҳаррири “Тоҷикфилм” бо эътимоди комил мегӯям, ки имрӯз муассиса ягон мушкилии техникиву молиявӣ надорад. Пас, суоле пеш меояд, ки чаро то имрӯз дар самти филмбардорӣ барои кӯдакон ва наврасон иқдоми шоистае анҷом нашудаву филми мондагоре сохта нашудааст. Аксари соҳибназарон ба мушкилоти кадрӣ ва пешниҳод накардани филмномаҳои арзишманд ишора мекунанд. Пас, чӣ тавр дар замони собиқ Шуравӣ филмҳои бачагонаи хубе ба навор мегирифтанд? Коргардони номвар, равоншод Борис Кимёгаров филмноманависони ботаҷрибаро аз дигар ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ даъват намуда, бо онҳо ҳамкорӣ мекард. Мо низ бояд доираи ҳамкориҳоямонро вусъат бахшем, зеро гуфтаанд: “Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад, Машварат идроку хушёрӣ диҳад”, - илова менамояд Назар Назаров.

Воқеан, солҳои охир истеҳсоли кино барои бачаҳо хеле кам дида мешавад. Чаро таваҷҷуҳ ба истеҳсоли филми бачагона аз тарафи масъулини соҳа кам аст? Оид ба ин масъала коргардони ҷавон Муҳиддини Музаффар изҳор дошт: “Айни замон фазои филмсозӣ барои бачаҳо тақрибан холист, ки ин ҳол боиси нигаронист. Агар ба назари таҳлил ба он бингарем, ин мавзуъ паҳлуҳои гуногун дорад. Ба назари ман, имрӯз замоне расидааст, ки ҳар як соҳа қаҳрамонҳои худро бояд соҳиб шавад. Ҳамасола аз ҷониби кормандону афсарони сохторҳои қудратию низомӣ даҳҳо қаҳрамониву корномаҳо ба вуқуъ мепайвандад. Ҳамин оромиву осоиштагии Тоҷикистон аз ҷоннисориву қаҳрамониҳои кормандони сохторҳои қудратӣ мебошад. Пас, чаро дар бораи онҳо ва қаҳрамониҳояшон мо филми диданӣ наофарем? Моҳи сентябри соли 2023 дар яке аз кинобозорҳои шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон иштирок доштам. Он ҷо киностудияҳои кишварҳои ҷаҳон филмҳояшонро ба намоиш мегузоранд ва мефурӯшанд. Ҳангоми намоиш омори давлатҳоро мушоҳида карда, дар ҳайрат мондам. Синамогарони Ҷумҳурии Ёқутистони Федератсияи Россия, ки аҳолияш 10 баробар аз аҳолии кишвари мо камтар аст, дар як сол 12 филми ҳунарии пурра, 3 филм дар бораи варзишгарон, 2 филми таърихӣ, 54 филми кӯтоҳи ҳунарӣ ва 44 филми ҳуҷҷатӣ ба навор гирифтаанд. Офаридани филмҳо дар бораи чеҳраҳои шинохтаи ҷумҳурӣ, аз ҷумла, варзишгарон чанд паҳлуи муҳимму тарбиявӣ дорад. Вақте кӯдак ё наврасе онро тамошо мекунад, ба ӯ тақлид карда, мекӯшад мисли ин варзишгар шавад... Хуб мешуд, ки намояндагони вазорату идораҳо ҳамкории худро ба масъулини соҳа, филмнависону коргардонҳои касбӣ зич намоянд, то ки дар ҳамбастагӣ филмҳои хубӣ бачагона, бадеӣ, таърихиву ҳуҷҷатӣ бисозему ба мардум пешниҳод кунем”.

Ҳамзамон, коршиноси соҳаи кино Тиллои Неккадам доир ба мушкилоти мазкур чунин изҳори назар намуд: “Дар солҳои охир дар мавзуи бачаҳо кам филм ба навор гирифта шудааст, ки чанде аз онҳоро метавон ном бурд: “Овора”-и Далер Раҳматов ва Гуландом Муҳаббатов (соли 2005), “Муҷассамаи ишқ”-и Умед Мирзоширинов (соли 2003) ва “Баррачаи хаёлӣ”-и Абдулҳай Зокиров (соли 2010). Ҳарчанд дар ин солҳо пешниҳоди бисёре барои офаридани филми кӯдакона аз рӯйи асарҳои устод Садриддин Айнӣ: “Мактаби кӯҳна”, “Ятим” ё асарҳои Сотим Улуғзода “Субҳи ҷавонии мо” буд, вале афсӯс, дар ин самт коре анҷом нашуд. Ба мавзуи офаридани филмҳои бачагона филмноманависону коргардонҳо рӯ намеоранд. Шояд аз он рӯ таваҷҷуҳ намекунанд, ки кори бениҳоят мушкил ва хеле нозуку заҳматталаб аст.

## МАВЗУИ РӮЗ

Барои навиштани сенария ва офаридани филмҳои бачагона филмноманависи коргардон, пеш аз ҳама, бояд психологияи бачаҳоро хуб омӯзанд, аз дунёи онҳо огоҳ бошанд. Ботур Арабов ё Елизавета Кимёгарова ҳикоя мекарданд, ки вақте мо филмро дар мавзуи кӯдакону наврасон ба навор гирифтанӣ мешудем, ба мактабҳо рафта, соатҳо, рӯзҳо, ҳафтаҳо дар синф нишаста, ҳар як ҳаракату рафтори хонандаро назорат мекардем. Баъди назорату мушоҳидаҳои зиёд, наворбардории филмро оғоз мекардем. Дар ҳақиқат, офаридани филм барои бачаҳо ва дар мавзуи онҳо хеле мушкил аст".

Номбурда изҳор дошт, ки дар давраи Шуравӣ киностудияи "Тоҷикфилм" мувофиқи нақша соле як ё ду филми бачагона ҳатман ба навор мегирифт. Маълум аст, ки филмҳои тарбиявӣ ба руҳияи бача бисёр таъсири ҷиддӣ дорад, аз ин рӯ, киноро ҳамчун воситаи тарбия истифода мебурданд. Дар филми машҳури "Темур ва командаи ӯ" қаҳрамони асосӣ Темур даҳ ҳамсафи худро, ки дар синфи поёнӣ таҳсил мекунанд, ҷамъ карда, як даста ташкил медиҳад. Онҳо ба аҳолии деҳаи худ, ба пирону дармондагон кумак мекарданд. Аз дастони шахсони солхӯрда кӯзаи об ё дигар борҳои вазнинашонро гирифта, то манзилашон мерасонданд. Мо айёми наврасӣ ин филмро тамошо мекардему дар зеҳнамон амалҳои хайрашон нақш мебаст ва кӯшиш мекардем, мисли онҳо ба касе кумак расонем...

Тавре аз андешаронихои мутахассисону коршиносон бармеояд, вақтҳои охир ба истеҳсоли филмҳои бачагона, ки мазмуну мундариҷаи баланд дошта, ғояҳои миллиро таблиғ бикунанд, таваҷҷуҳ кам шудаву аз тариқи шабакаҳои телевизионӣ филмҳои каммазмуне, ки дар он зӯроварӣ бештар дида мешавад, ё мелодрамаҳое, ки дар шакли сериалҳои беохир пайдо шуданд, намоиш дода мешаванд. Филмҳои кӯдакона низ аксаран истеҳсоли хориҷа ҳастанд. Бархе соҳибназарону коршиносони соҳа бар он ақидаанд, ки имрӯз барои фарзандони мо филми бачагона тақрибан сохта нашудааст.

Файзулло Файзов, коргардони ҷавони кишвар оид ба набудани филмҳои бачагона изҳори таассуф намуда, қайд менамояд, ки он чанд филме, ки дорем ва дар он кӯдакон ё наврасон нақш бозида бошанд ҳам, сужаи филмнома, мавзуву муҳтавои он барои синни кӯдакону наврасон мутобиқ нест. Дар филми "Бачаи обӣ" (коргардон Файзулло Файзов) писарбачае дар нақши асосист, вале мавзуи меҳварии филм, мавзуи глобалӣ буда, бинандаҳояш ашхоси синну соли болотар мебошанд, чунки мазмуну муҳтаво ва пешниҳодҳое, ки дар филм аст, онҳоро танҳо бузургон дарк мекунанд. Ман андеша намекунам, ки бачаҳои хурдсол мазмуни филми мазкурро ба пуррагӣ бифаҳманд ва он ҳадафу мақсадҳоеро, ки мо-аҳли эҷод гузоштем, ба тамоми вуҷудаш дарк карда бошад. Филми "Муҷассамаи ишқ" хеле хуб сохта шудааст, аммо барои насли наврас нест. Шояд як бахши он, лаҳзаҳое, ки писарбача ошиқи духтар-қаҳрамони филм шудааст, каме мутобиқ бошад, аммо қаҳрамонҳои асосии филм калонсолон ҳастанд ва баҳсу талоши аз ҳама бештари қаҳрамони асосӣ расидан ба бонуе ба номи Санам аст. Мо бояд тавре кино бисозем, ки мавзуъ ва муҳтавои филм танҳо ба бачаҳо бахшида шуда бошад. Эҳсос мекунам, ки шояд аҳли ҷомеа, махсусан, мо-филмсозон зарурати сохтани филмҳои бачагонаро хуб дарк накардаем. Ҳамеша таъсири тасвир, тасвири ҳолат ё филм барои як бача болотар аз гапи хушку холист. Кино қудратҳои зиёде дорад, ки ҳамаи онҳоро тасвир кардан хеле мушкил аст.

- Ҷойи таассуф аст, ки фарзандони мо филм-ҳои бачагона, аниматсионӣ ва ё тасвириро аз шабакаҳои телевизионии хориҷӣ, аз тариқи моҳвора тамошо мекунанд. Бача ҳангоми тамошои филм, чунон ба раванди намоиши он дода мешавад, ки тамоми вуҷуди худро ба он мебахшад ва бо тамоми ҳастияш филмро тамошо мекунад. Вақте дар ин ҳолат аз ӯ чизе пурсӣ, ҷавоб намегардонад. Агар телевизорро хомӯш бикунӣ, мегиряд, яъне, нороҳат мешавад. Аз ин бармеояд, ки бача нозукиҳои киноро дар зеҳни худаш ҷой дода, ба тамоми вуҷудаш бо қаҳрамони филм ҳамзотпиндорӣ мекунад. Набояд фаромӯш бикунем, ки кӯдакону наврасон зеҳни қавӣ дошта, ин тасвиру наворҳо мисли нақше бар санг дар зеҳни онҳо доимӣ мемонад. Мисол, ман, як ҷавони 34-35-сола ҳар гоҳе мусиқие ё гуфтореро ба забони ҳиндӣ мешунавам, ба гӯшам форам садо медиҳад, зеро дар бачагӣ филмҳои ҳиндиро бисёр тамошо мекардем. Солҳои пеш аз шабакаи телевизионӣ ҳар ҳафта шаби ҷумъа як филми ҳиндӣ намоиш медоданд ва мо онро бесаброна интизор мешудем. Ин аз чӣ далолат мекунад? Қудрати синамо ва таъсири он бениҳоят бузург аст ва мо масъулини соҳа ва тамоми аҳли ҷомеа бояд онро нодида нагирем. Барои баъзе ҳунарҳо ва дигар арзишҳое, ки барои инсон ва миллату давлат муқаддас аст, барои муаррифӣ ва муқаддас нигоҳ доштани он, мо бояд ҳеҷ чизро дареғ надорем. Агар "Тоҷикфилм" дар ҳамбастагӣ бо Вазорати маориф ва илм ҷиҳати офаридани филмҳои синнусолии бачагона тасмим

бигиранд, кори мондагоре мешавад, чунки дар замони рушди илму техника, хусусан, интернет омода сохтани филмҳои бачагона масъалаи муҳим аст. Соҳибкорони саховатпеша низ метавонанд дар пешрафти ин бахши муҳим саҳм гузоранд, - зикр намуд дар идома Ф. Файзов.

Бояд гуфт, ки кинои бачагона баъд аз соли 1917 ташаккул ёфтааст. Филмҳои "Сигнал" (соли 1918 коргардон А. Аркатов) ва "Шайтончаҳои сурх" (1923 коргардон Перетиани) аз осори нахустини кинои бачагонаи даврони собиқ Шуравӣ ба шумор меравад. Истеҳсоли мунтазами филмҳо барои бачаҳо ва наврасон соли 1924 огоз ёфтааст. Таъсиси киностудияҳои "Союздетфилм" (1936-1948), "Союзмултфилм" (1936) ва Киностудияи маркази филмҳои бачагону наврасон ба номи М. Горкий (1963) ба инкишофи кинои бачагонаи давлати Шуравӣ, ки он вақт Ҷумҳурии Тоҷикистон низ узви он буд, баланд шудани сифати бадеӣ ва эстетикии филмҳои бачагона кумаки зиёд расонд. Соли 1958 бошад, дар назди ЮНЕСКО Маркази байналхалқии филмҳои кӯдакону наврасон (Брюссел) таъсис ёфт.

Доираи мавзуъ ва мундариҷаи кинои бачагона хеле васеъ буда, қаҳрамонӣ, диловарӣ, ватандӯстӣ, поквиҷдонӣ, меҳнатдӯстӣ ва ғайраро тарғиб мекунад. Филмҳои "Адреси Ленин" (соли 1929), "Фринц Бауэр" (соли 1930), "Гулливери нав" (соли 1935), "Бачаи маршал" (соли 1938), "Сафари бахр хуш бод" (соли 1949), "Писархонди полк" (соли 1946), "Васёк Трубачёв ва рафиқони ӯ", "Бачаҳо", "Сад рӯзи баъди бачагӣ" ва дигарҳо, ки дар асоси асарҳои А. Гайдар, А. Толстой, В Катаев, К. Чуковский, В. Осеева, қиссаву афсонаҳои халқӣ офарида шудаанд, дар инкишофи кинои бачагона нақши муҳим бозидаанд.

Кинои бачагонаи тоҷик, асосан, аз филми "Ҳикояҳои хурд дар бораи бачаҳое, ки..." - коргардонҳо М. Маҳмудов ва А. Ҳамроев (соли 1961) ҳусни оғоз ёфтааст. Филмҳои бадеии зерин аз рушди кинои бачагонаи тоҷик гувоҳӣ медиҳанд: "Бачагони Помир"- коргардон В. Мотил (соли 1962), "Тобистони 1943"- коргардон М. Қосимова (соли 1968), "Паланг лозим"- коргардон Б. Арабов (соли 1974), "Ҷинояткор ва муҳофиз"- коргардон Ю. Юсуфов (соли 1981), филмҳои бадеӣ-телевизионии "Ба пеш, гвардиячиён"- коргардон А. Аҳадов (соли 1971), "Ҳабиб-ҳокими морҳо"- коргардон А. Тӯраев (соли 1972), "Шераки далер"- коргардон М. Маҳмудов, (соли 1976) ва ғайра.

Сафар Ҳақдодов, раиси Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон мегӯяд, ки офаридани филм барои кӯдакону наврасон хеле мушкил аст. Барои ҳамин на ҳар кас ҷуръат мекунад, ки ба ин кор даст занад. Кӯдак дурӯғро, сохтакориро қабул надорад. Барои ҳамин як сабк ва ё як мактаби хос доштан даркор аст, ки дунёи кӯдакиро фаро бигирӣ ва ба воситаи филм, достон, шеър ва тасвиру расми худат ворид шавӣ ва як муколамае дар сатҳи онҳо дошта бошӣ. Филмҳои офаридаи Умед Мирзоширинов - "Муҷассамаи ишқ" ва "Додараки фариштаҳо", ки аз рӯйи ҳикояи ҳамноми равоншод Сайф Раҳимзоди Афардӣ рӯйи навор омадааст, дунёи бачагиро хуб тасвир кардааст. Филми Муҳиддин Музаффар - "Тангно" сирф ҳунарӣ буда, барои доираи бачаҳо офарида шудааст. Дар умум, тайи солҳои охир барои кӯдакону наврасон ҳудуди 5-6 филм офарида шудааст, ки ин қонеъкунанда нест. Дар соҳаи филмсозӣ барои филмҳои бачагона бояд бахши алоҳида таъсис дода, мутахассисони соҳибкасб ба кор ҷалб шаванд. Вақте фазо холӣ монд, ҳатман ҷойи онро дигар чиз пур мекунад. Солҳои пеш, Вазорати маориф ва илм як бахши алоҳида - филмхона (филмотека) дошт, ки ҳар сол ба "Тоҷикфилм" филмҳо оид ба фанҳои дақиқ, гуманитарӣ ва ғайра, ки хусусияти таълимию тарбиявӣ доштанд, фармоиш медод. Ба ин восита, филмҳои мувофиқ ба синну соли бачаҳо ба навор гирифта шуда, ба тамоми мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар дастрас мегардид. Яке аз рисолатҳои ниҳодҳои масъул ин аст, ки барои офаридани филмҳои бачагона мисли солҳои пеш буҷаи махсус муайян кунанд ва бояд ҳамкории зичи худро бо "Тоҷикфилм" ва дигар студияҳои филмофарӣ ва филмсозон хуб ба роҳ монанд".

Коргардон Файзулло Файзов, вобаста ба рушди кинои бачагона ва дар умум, филми тоҷик бар он назар аст, ки агар мудирияти дуруст бошад ва як тарҳи нави синамои миллӣ, як барномарезии панҷ ё даҳсолаи аниқу дақиқ пешниҳод шаваду он тасдиқи худро ёбад ва маблағи мушаххас ҷудо шавад, ҳатман натиҷаҳои назарраси худро медиҳад. Масалан, кишварҳои туркзабон Созмони байналмилалии "Турксой" таъсис додаанд. Дар он ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Туркия шомил ҳастанд. Ин давлатҳо бо ҳамдигар барномарезии аниқу дақиқ кардаанд, ки барои сокинони Осиёи Марказӣ бояд филмҳои зиёди таърихӣ, аниматсионӣ ва мустанад бисозанд. Чӣ гунае ки имрӯз мебинем, мардуми мо зери таъсири филму силсилафилмҳои хориҷӣ мондаанд. Мо ҳам бояд барои ояндаи дурахшони миллату халқи

худамон филмҳои хубу мондагор бисозем. Бо ин роҳ метавонем урфу одат ва фарҳангӣ имрӯзаамонро баъди солҳо ба насли оянда ба ёдгор бигузорему намоиш бидиҳем.

Дар ҳақиқат, кино як ҷаҳони маънавии бузургест, ки инсон ҳаёти худро бе он тасаввур карда наметавонад. Бисёре аз мамлакатҳои ҷаҳон таъсири онро ба инсон дарк карда, ба соҳаи филмофарӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунанд. Ҳунарманди театру синамо, коргардони машҳур Армен Ҷигархонян дар яке аз мусоҳибаҳои худ таъкид карда буд: «Ҳангоми сохтани филмҳо барои кӯдакон, мо ба онҳо як чизи бениҳоят муҳимми иттилоотӣ ва генетикиро мегузорем, ки метавонад дар оянда, баъд аз 20-30 сол зоҳир шавад».

Хуршед Ховарӣ, муовини сармуҳаррири ҳафтаномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" вобаста ба мушкилоти мазкур изҳор дошт, ки барои насли наврас кори қобили мулоҳизае анҷом дода нашудааст. Мавсуф аз ду барномаи давлатӣ дар самти рушди кинои тоҷик барои солҳои 2018-2022 ва 2023-2027 ёдовар шуда, мегӯяд, ки дар ин барномаҳо ба филмҳои кӯдакона ҳеҷ ишорае нест, ба истиснои филмҳои тасвирӣ. Дар ин миён мебояд синамогарони мо ба масъалаи кӯдакону наврасон низ таваҷҷуҳ намоянд.

- Ҳар як филме, ки аз ҷониби филмсозон таҳия мегардад, ҳадафи хос ва паёми вижае дорад, ки ба мардум расонида мешавад. Барои офаридани филмҳое, ки дар он қаҳрамониву тавонмандӣ тарғиб шавад, мо чандон мушкил нахоҳем кашид. Ҳар як қаҳрамони "Шоҳнома" худ як филму як нақши барҷаста аст. Ҳамзамон, метавонем аз ҳаёти паҳлавонону варзишгароне мисли Расул Боқиев, Беҳрӯз Хоҷазода, Дилшод Назаров ва Мавзуна Чориева ва дигар чеҳраҳои намоён филмҳои диданиро ба навор гирем. Ин аз ҳар нигоҳ ба манфиати кор хоҳад буд, дар замона гумномтарин халқҳоро дар арсаи ҷаҳон бо филмҳояшон мешиносанд, - афзуд Х. Ховарӣ.

**Мутаассифона, ба ғайр аз филмҳои камарзиш, ба мафкураи наврасону ҷавонон, ҳамчунин, шабакаҳои иҷтимоӣ, ба монанди "Тик-ток", "Инстаграмм", "Одноклассники", "Телеграмм" ва "Фейсбук" таъсири манфӣ расонида истодааст. Онҳо бештари вақти худро ба ин сомонаҳои иҷтимоӣ сарф мекунанд, на ба китобхониву омӯхтани илм.**

Илова бар ин, бо сабаби кам будани филмҳои хуби тоҷикӣ насли наврас рӯ ба кинохои хориҷӣ, хусусан, туркиву амрикоиву куриёӣ овардаанд, ки ба равони бачаҳо таъсири манфӣ мерасонад. Дар аксар филмҳои хориҷӣ мо танҳо зӯровариву ҷангу хушунатро мушоҳида менамоему халос.

Равоншиносон ба он назаранд, ки имрӯз филмҳо ва сериалҳои хориҷӣ воситаи асосии тарғиби фарҳангу оини онҳо ба ҳисоб мераванд. Тамошои филмҳое, ки ба синну соли кӯдакон номувофиқанд, таъсири манфӣ дорад. Онҳо хурд ҳастанду аз арзишҳои миллӣ ва ҷомеаи худ ҳанӯз огаҳии дуруст надоранд, бинобар ин, зуд тахти таъсири ин филмҳо қарор гирифта, ба фарҳанги кишварҳои созандаи филм тақлиди кӯр-кӯрона мекунанд. Ҳолатҳои дар филм буда, дар зершуури кӯдакон нақш мебандаду наврасон ба қаҳрамонҳои филмҳо пайравӣ намуда, хислатҳои гуногуни онҳоро такрор мекунанд.

- Мутаассифона, қисме аз модарон дар тамошои филмҳои хориҷиву ба синну соли кӯдак номувофиқ, бевосита фарзандони худро ҷалб месозанду фикр намекунанд, ки он филмҳо аз ҷиҳати равонӣ ба кӯдакон таъсири бад мерасонанд. Вақте кӯдак филми бегонаро тамошо мекунад, дар вай оҳиста-оҳиста ба ҷойи арзишҳои миллӣ ва меъёрҳои рафтори ичтимоие, ки дар ҷомеаи воқеии худ қабул шудааст, меъёрҳое таҳмил мешаванд, ки хоси миллати дигаранд. Чунин филмҳо ба кӯдакон зудтар таъсир мерасонад, чун онҳо он амалҳоеро иҷро мекунанд, ки дар филм онро мушоҳида мекунанд. Барои дуруст тарбия намудан ва дар ҳолати хуб нигоҳ доштани ҳолати равонии кӯдакон яке аз омилҳои таъсиррасон телевизион ва синамост. Бояд гуфт, ки филмҳои ғарбӣ ба мафкураи мардум, хосатан, наврасон аз чанд ҷиҳат таъсири манфӣ расонда, боиси коста шудани ахлоқи наврасон, тақлиди ноогоҳонаи наврасон бар қаҳрамонони филмҳо, бедор намудани ҳисси нобоварӣ дар масъалаи муҳаббат ба оилаву оиладорӣ, ҷанбаҳои равонӣ ва нобоварӣ ба худ мегардад.

Дар ин хусус, чанде пеш дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворе паҳн гардид, ки зумрае аз наврасони пойтахт ба авбошӣ ва азият додани ҳамсолони худу раҳгузарон машғул буданд. Маълум мегардад, ки ин амали онҳо, ба қавли мардум, аз рӯи тамошои чунин филмҳо, хусусан, филми коргардони рус Жорой Крижовников бо номи "Слова пацаны", ки чанд вақт боз дар интернет давр мезанад, сарчашма гирифтааст. Силсилафилм моҳи ноябри соли 2023 намоиш дода шуд ва дар ҷаҳони интернет фавран ба рӯйхати филмҳои пурбинандатарини Россия дохил шуд. Сериал аз рӯйи романи ҳуҷҷатии рӯзноманигор аз Тотористон Роберт Гараев "Слово пацана" сохта

шуда, доир ба гурӯҳҳои ҷиноятии наврасону ҷавонон, ки дар охири солҳои 1980-ум дар шаҳри Қазон вуҷуд доштанду тартиботи ҷамъиятии шаҳрро халалдор мекарданд, ҳикоят мекунад.

Равоншиноси шинохта Нафиса Юнусова иброз дошт:

- Наврасону ҷавонони мо, ба ғайр аз дигар жанрҳо, ба тамошои жанри драма, хусусан, силсилафилмҳои кореягӣ низ рӯ овардаанд. Дар драмаҳо ҳунармандон, хусусан, мардҳо ба симо, чеҳра, сару либос, ороиши мӯй, абрӯву мижгон ва ғайра бештар таваҷҷуҳ мекунанд. Ин образи онҳо барои наврасону ҷавонони мо намунаи ибрат шудааст, ки хеле бад аст, зеро онҳоро аз хислатҳои мардона кам-кам дур месозад. Қаблан дар филмҳо образи мард ҷасорату далерӣ, нотарсиву қаҳрамонӣ, бузургҷусса будан, меҳнатдӯст будан ва амсоли инҳоро инъикос мекард. Мутаассифона, имрӯз миёни наврасону ҷавонон намоиши чеҳраи мард дигар шудааст, чунки солҳои охир зебоиписандӣ дар ҷойи аввал меистад. Модаре писари наврасашро барои машваратӣ психологӣ овард. Писарак дар синфи даҳ таҳсил мекардааст ва аз он нигаронӣ дошт, ки дар рӯяш ду-се доначаи сиёҳ пайдо шудааст. Аз ин сабаб, мехост даст ба худкушӣ бизанад. Ҳолати равонии ӯро модараш дида, назди чанд духтур бурдааст, то ки ин доначаҳоро нест кунанд, аммо бенатиҷа. Баъд аз он маҷбур назди ман барои машварати психологӣ овард. Ҳангоми суҳбат аз вай пурсидам, ки писарҷон, барои чӣ мехоҳӣ, доначаҳоро аз рӯят нест кунӣ? Вай бо чашмони маҳзун чунин ҷавоб дод:

- Ин доначаҳо чеҳраи маро доғдор кардаанд. Дар синфи мо як духтарак мехонад, рӯяш сафеду хеле зебост, мехоҳам рӯи ман ҳам мисли ӯ шавад.

Фаҳмондам, ки ту мард ҳастӣ, каме бузург шавӣ, ин доначаҳо дигар халал намерасонанд. Ҳамсинфи ту малҳамҳои гуногунро, ки барои ороиши бонувон аст, истифода мебарад. Аммо писарак ҳеҷ қабул кардан намехост. Аз тамоми волидон ва калонсолон хоҳиш мекунам, ки фарзандон, наберагон ва дигар хешовандони худро аз тамошои филмҳои ба фарҳанги миллии мо бегона дур созанд.

Имрӯз кам будани филмҳои бачагона на танҳо коршиносон, балки омӯзгоронро низ бетараф нагузоштааст. Асадулло Шарифзода, омӯзгори собиқадор мегӯяд, ки филмҳо дар ҳаёти наврасон нақши муҳим мебозанд ва дар наврас некукорӣ, ҳисси масъулият, ҳақиқатшиносӣ, барои ба ҳаёти воқеӣ омода шуданро талқин мекунад. Кино замина мегузорад, наврасон ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷамъият ба воя расанд. Вай ба бача хоҳиши ба даст овардани мустақилият, истиқлол ва озодиро ҳидоят мекунад. Аз ҳама муҳим, филм ба таври аёнӣ нишон медиҳад, ки ба ҳар лаҳзаи пурқимати ҳаёт арҷ бояд гузошт...

Вақти суҳбатҳо бо мутахассисон, баъзеҳо ишора ба кам будани маблағ карданд, аммо рӯзноманигор Борис Калонов дар яке аз мақолаҳои худ дар нашрияи “Садои мардум” бисёр хуб дарҷ кардааст: “Даврони мо замони тиҷорат аст. Дар ин дунё ҳама чизро мехаранду мефурӯшанд, аммо виҷдон, имон, таърих, суннат, фарҳанг, дарахти тановари шуури миллиамонро ҳаққи фурӯхтан, ба он зиён расонидан надорем. Инҳо муқаддасоте ҳастанд, ки дар ҳастии миллат шакл мегиранд ва моро зиндаву ҷовид нигоҳ медоранд”.

В. Г. Белинский навишта буд: «...Китобҳои кӯдакон барои таълим навишта мешаванд ва таълим кори бузург аст, ки тақдири инсонро ҳал мекунад». Ин гуфтаҳо ба филмҳои бачагона низ дахл дорад. Хуб мешавад, ки соҳибкорону масъулон ҳам дар ҳамбастагӣ барои ин кори наку саҳм бигузоранд, то ки ин соҳаи муҳим пешрафт кунад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳояшон пайваста таъкид мекунанд, ки насли ояндаро хуб тарбия кардан лозим аст. Роҳбари давлат бо таваҷҷуҳ ба вазъи имрӯзаи ҷаҳони зудтағйирёбанда аз масъулини соҳа талаб мекунанд, ки ба тарбияи насли наврас ҷиддӣ машғул шаванд. Сарвари кишвар ҳамеша таъкид мекунанд, ки: «Ободу зебо нигоҳ доштани кишвар ва ба наслҳои баъдӣ ба мерос гузоштани мулки мутамаддину пешрафта масъулияти бузург дошта, ҳар фарди бедордил, бахусус, ҷавонони баору номусро водор менамояд, ки ба хотири таҳкими Истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва густариши худшиносиву худогоҳӣ ҳамеша кӯшишу талош намоянд». Пас, кино ҳам мондагор аст ва барои таълиму тарбия намудани насли наврас нақши калидиро мебозад. Барои ҳамин моро зарур аст, ки ба ин соҳаи ниҳоят бузургу таъсиррасон бетаваҷҷуҳӣ зоҳир накунему ҷиҳати рушди он саҳми худро бигузорем ва ба насли оянда филмҳои хубу диданиро ба мерос гузорем.

**Адабиёт:**

1. Энсиклопедияи "Адабиёт ва санъат", ҷилди 2, саҳ. 31
2. Сомонаи расмии “Садои мардум”, №16 (3653) 16.02.2017
3. Сомонаи расмии “Ҷавонони Тоҷикистон”, 18.12.2023

**Муҳаббат ЭМОМНАЗАРОВА,**
**омӯзгори кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**



# ТАКМИЛИ РАВАНДҲОИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ

Илми психология дар қатори илмҳои дунявии замони муосир, беш аз ҳар вақти дигар, рӯ ба инкишоф аст. Дар адабиёти илмӣ омадааст, ки психология ҳаёти руҳии инсонро меомӯзад ва имрӯз ба илми равоншиносӣ ниёз бештар гардидааст.

Омӯзишҳо собит намудаанд, ки ҳаёти инсонро бе донистани руҳу равони ӯ тасаввур кардан номумкин аст. Инсонҳо ҳамарӯза ва ҳар соат бо якдигар вохӯрда, бо ҳам муносибат менамоянд. Ҳамаи ин тавассути психика идора мегардад. Дар замони ҳозира психология дар омӯзиш ва тарбияи руҳии одам муҳимтарин соҳаи илм ба шумор рафта, сохту таркиби мураккаб дорад ва соҳаҳои мухталифро ба ҳам мепайвандад.

Ҳоло ба ҳар кадом соҳаи ҳаёти иҷтимоии ҷомеа назар бикунем, он соҳа психологияи хоси худро дорад. Донишҳои психологӣ барои баркарор намудани муносибатҳои байниҳамдигарии одамон, ба касе таъсири мусбати психологӣ расонида тавонистан, дар фаъолияти гуногун одамонро руҳбаланд намудан низ истифода мегардад.

Новобаста аз он ки дар тамоми ҳуҷҷатҳои асоситарини соҳаи маориф дар бораи инкишоф додани донишҳои психологӣ ва дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ҷорӣ намудани воҳиди кории психологи мактабӣ таъкид шудааст, аммо то ҳанӯз ин дастур ба таври ҷиддӣ дар мактабҳо иҷро намешавад. Аз ҷумла, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст: «Дар сис- темаи маориф имкон дорад, хадамоти давлатии психологӣ, тиббию омӯзгорӣ амал кунад».

Ба вуҷуд омадани маҷмуи арзишҳои нави ҷамъиятӣ дар назди соҳаи маориф ва илм талаботи ҷиддӣ мегузорад, ки дар мазмун ва раванди таълиму тарбияи насли наврас усулҳои наверо ба миён биоварад.

Консепсияи мактаби миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати баланд бардоштани дараҷаи психологию педагогии омӯзгоронро таъкид менамояд. Чунин талабот аҳаммияти азхудкунии донишҳои психологиро дар тайёрии касбии омӯзгорон беш аз пеш меафзояд.

Имрӯзҳо яке аз комёбиҳои асосии олимони тоҷик дар Ҷумҳурии Тоҷикистон он аст, ки соҳаи «Психологияи амалӣ»-ро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Дар натиҷа, вобаста ба мавзуи мазкур аз тарафи олимон С. Алиев, Н. Юнусова, М. Давлатова ва дигарон китоби «Психологияи амалӣ» ба табъ расид. Дар китоби болозикр роҳу усулҳои дар амал татбиқ намудани донишҳои психологӣ дарҷ гардидааст. Шиносоӣ бо муҳтавои ин асари илмӣ кори омӯзгоронро ба маротиб осон хоҳад кард.

Хулоса, ҳоло мақсад аз омӯзиши илми психология он аст, ки қонуниятҳои психологии ҷомеаро дар шуури ҳар фарди ҷомеа шарҳ диҳад ва тарзҳои истифодабарии онҳоро дар ҷараёни муносибатҳои байниҳамдигарии одамон, дар коллективҳои педагогӣ ва инчунин, дар байни хонандагон ҳамаҷониба дида барояд.

**Аз ин хотир, пешниҳодхое вобаста ба рушди илми психологӣ ба шахрвандон, пеш аз ҳама, ба омӯзгорону донишомӯзони муассисаҳои таълимӣ дар мавриди расонидани кумаки руҳиву равонӣ дорем, ки ба чунин шакл аст:**

**1. Таҳия ва омӯзиши бештари адабиёти илмӣ-психологӣ.**

**2. Таъсиси озмоишгоҳҳои психологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.**

**3. Кушодани марказҳои психологӣ дар назди кафедраҳои психологияи донишгоҳҳо барои расонидани ёрии психологӣ ба шахрвандон.**

**4. Боло бурдани нақш ва ҷойгоҳи қонуниятҳои психологияи муколама ҳамчун илм дар нақшаҳои таълимӣ.**

Табиист, ки ин пешниҳодҳоро якбора иҷро кардан ғайриимкон аст, аммо дар пайи ба нақша гирифтану давра ба давра амалӣ намудан, ин чораҳо барои пешрафти омӯзишу такмили ин соҳа ва боло рафтани нақшу самаранокии он дар рушди ҷомеа мусоидат хоҳад кард.

ТАҲҚИҚ

**А. ЁРМУҲАММАДОВ,**
**дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ИНЪИКОСИ СУННАТҲОИ НИЁГОН ДАР "ЁДДОШТҲО"-И САДРИДДИН АЙНӢ




Бо соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистони азиз аҳаммияти асарҳои сардафтари адабиёти муосири тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ аҳаммияти нав пайдо карданд. Дар байни асарҳои гуногунжанри адиби маъруф «Ёддоштҳо» мақоми хосса дорад, зеро асари мазкур бо вежагиҳои худ: тасвири воқеаву рӯзгори гузашта метавонад дар худшиносии миллии халқамон хизмати арзанда кунад. Мо акнун «Ёддоштҳо»-ро бояд вобаста ба шароити Истиқлоли давлатии ҷумҳуриямон таҳқиқ намоем. Бояд ин асари машҳурро аз диди нав омӯзем, зеро дар он тамоми паҳлуҳои фаъолияти мардумамон, аз кишоварзӣ сар карда, то ҳунармандию мактабу мадрасаю маориф ва ғайра, мукаммал шарҳу эзоҳ ёфтааст ва бо мурури солҳои зиёд қиммати илмӣ-амалӣ ва сарчашмавии «Ёддоштҳо» кам нашуда, баръакс хеле боло рафтааст.

Инчунин, дар асар симоҳои маълуми сиёсӣ ва фарҳангии халқамон хеле дақиқ ва мушоҳидакорона тасвир ёфтааст. Бо аксари онҳо шахсан устод Айнӣ шинос буд, аз ин рӯ, симои онҳоро дар «Ёддоштҳо» хеле воқеӣ офаридааст, аз ҷумла, асосгузори равияи маорифпарварии халқамон Аҳмади Дониш ва шогирдону пайравони ӯ Садри Зиё ва дигаронро. Бо таваҷҷуҳ ба ин нукта Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик соли 2009 «Ёддоштҳо»-и Садриддини Айниро (дар чаҳор қисм) иборат аз як китоб нашр кард. Ноширон дуруст «Ёддоштҳо»-ро як навъ феҳристи тасвирии дигар асарҳои устод С. Айнӣ номидаанд.

Ҷиҳатҳои серсоҳаи фаъолияти сиёсӣ, илмӣ-адабии Садриддин Айниро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба назар гирифта, адиби маҳбубро дар қатори аввалинҳо ба унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» сазовор донистанд. Бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахустин муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ номгузорӣ шуд. Боғи устод Садриддин Айнӣ, ки дар минтақаи зебоманзари пойтахтамон - шаҳри Душанбе воқеъ аст, пурра азнавсозӣ шуда, ба як мавзеи дилрабое табдил ёфт. Дар мобайни боғи мазкур оромгоҳи Садриддин Айнӣ ҷойгир шуда, ҳамчунин, муҷассамааш ба боғ ҳашамати бузурге медиҳад. Мо дар ин мақола кӯшидем, ки ҷашнгирии Иди Наврӯзро дар Бухорои охири асри XIX аз дид ва мушоҳидаҳои устод С. Айнӣ ба қалам бидиҳем, зеро таҷлили Иди Наврӯз дар «Ёддоштҳо» як қисми муҳимми онро ташкил мекунад.

Ба гуфтаи устод Садриддин Айнӣ ибтидои Иди Наврӯз аз арки амири Бухоро оғоз мегардид. Дар Арк маросими Наврӯзро ташкил карда, зиёфат меоростанд, пул медоданд ва хилъат мепӯшонданд. Сипас, чанд рӯз ба шарафи соли нав сайрҳои расмии ҳукуматӣ ташкил мекарданд, аммо халқ бо ташаббуси худ 22 март (солҳои кабиса, соле, ки феврал 29 мешавад, 21 март медарояд) сайрҳо ташкил намуда, барои пешвозгирии Наврӯз тайёрӣ медиданд.

Калонтарин сайри халқӣ, ба гуфтаи С. Айнӣ, дар маҳаллаи Файзобод ташкил меёфт. Файзобод деҳае буд, дар шимолу шарқии шаҳри Бухоро, ки боғоти зиёд ва киштзори васеи хуб, табиати зебои афсонавӣ дошт. Дар сайри идона, ки моҳи ҳут (аз 20 феврал то 22 март) барпо мешуд, мардум ҳар рӯзи ҷумъа ба Файзобод рафта, сайр мекарданд. (С. Айнӣ. "Ёддоштҳо". Душанбе, 2009. Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик. Саҳ.161 (минбаъд "Ёддоштҳо").

Аз нақли С. Айнӣ бармеояд, ки гурӯҳи онҳо дар ҷумъаи дуюми иди Наврӯз ба сайри Файзобод баромадаанд. Гурӯҳ он қадар калон набуд. Дар вай Махдуми Гав ва додараш Пирак, Мулло Ҳомиди савтӣ, Зайниддинхоҷа, С. Айнӣ, бародараш Муҳиддин - ҳамагӣ шаш нафар буданд. ("Ёддоштҳо", саҳ. 161.)

Ҳамсафон бо роҳи пиёдагард ба сайргоҳи Файзобод мерасанд. Сайргоҳ манзараҳои хеле зебо ва рангин дошт. Барои истироҳаткунандагон сӯфачаҳо омода шуда буд. Ҳар гурӯх дар сӯфаи дилхоҳаш нишаста чой менӯшид, истироҳат мекард. Баъд аз каме истироҳат ва чойнӯшӣ онҳо роҳи маркази сайргоҳро пеш мегиранд.

С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» ба табиати маҳаллаи Наврӯзгоҳи Бухоро - Файзобод таваққуф кардааст, ки хеле диққатҷалбкунанда будааст. Сабзаҳои худрӯи лаби ҷӯйчаҳо ва рӯйи рошҳо замини пурнами сиёҳтоби баҳориро пӯшонда буданд. Майсаву сабзаҳо гӯё бахмали сабзе буданд, ки ба рӯйи саҳро, ба пешвози Наврӯзи дилафрӯз густурда шуда буданд. Ҳавои форами баҳорӣ ба бӯйи хуши сабзаҳои навхези атромез ба кас руҳи тоза ва шодмонии беандоза медод. ("Ёддоштҳо". саҳ. 165.).

Баъд аз ҷаҳ-ҷаҳакбозӣ, дав-давакбозӣ гӯштингирӣ сар мешавад... Аввал дар маърака аз ҳарду тараф ҷавонони хурдсол баромада, зӯрозмоӣ мекунанд - ғалтиданд ва ғалтонданд. Баъди он, ба гуфтаи устод, паҳлавонони миёнхел баромаданд. Дар охир навбат ба паҳлавонони номдор мерасад. Дар гӯштингирӣ мазориҳо ғолиб омаданд ва шаҳриҳо ба ёрии галаосиёгиҳо ба майдон медароянд. Баъди ин ҳам мазориҳо ғалаба мекунанд. Дар байни онҳо панҷ нафар паҳлавон буд, ки ҳеҷ кас онҳоро мағлуб карда наметавонад. Дар ин лаҳза ҳамсафи гурӯҳи С. Айнӣ Махдуми Гав ба майдон баромада, он панҷ паҳлавонро як-як мағлуб мекунад. Табассумкунон майдонро як даври ғолибият зада, омада дар ҷои худ менишинад. Дар ин вақт Рустамча - як ҷавони 20-сола ба гӯштин гирифтан бо Махдуми Гав талабгор мешавад, ки ин талабро вай дар аввал рад мекунад. Бо як ҷавони 20-сола гӯштин гирифтанро ба худ ор медонад. Аммо дар охир (шояд аз мағлубияти муфт тарсида бошад,) «хайр майлаш, гӯетон бароянд ва як зӯрозмоӣ карда бинад» мегӯяд. ("Ёддоштҳо". саҳ.168.)

Махдуми Гав намехост, ки Рустамчаро шарманда кунад. Вай гӯштинро то мусовӣ мерасонад. Бо ҳамин гӯштингирӣ ба итмом мерасад. Рӯз низ бегоҳ мешавад. Ҳама сайркунандаҳо, аз ҷумла, гурӯҳи С. Айнӣ низ чизу чораҳояшонро ҷамъ карда, ба тарафи шаҳр раҳсипор мегарданд. Рустамча дар ин лаҳза ба назди Махдуми Гав омада, аз вай узр мепурсад, ки ӯро шарманда накард. «Ман аз Шумо то зиндаам, миннатдорам» мегӯяд. Дар ҷавоб Махдуми Гав: «Бисёртар машқ кун, ба қувваи худ ғарра нашав. Паҳлавони номдор хоҳӣ шуд» -гуфта Махдум ба ӯ ва мо роҳи худ давом додем». ("Ёддоштҳо". саҳ.168.).

Аз «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ бармеояд, Наврӯз дар Бухоро, ки аз рӯйи шуҳраташ номи шарифро дошт, хеле боҳашамат ва пурдабдаба ҷашн гирифта мешудааст. Дар Наврӯзгоҳи Файзободи Бухоро вай як моҳ идома мекардааст. Тамоми намудҳои бозиҳои қадимӣ дар он ҷой дошт. Бо мурури вақт баъзеи онҳоро мо фаромӯш кардаем. Дар асоси «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ онро метавонем аз нав эҳё намоем. Инчунин, таомҳои миллии мухталиф тайёр карда мешуд. Мардум ба сару либоси идона дар ҳавои тозаи баҳорӣ ба сайругашт мебаромаданд.

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва фазои мусоиди фарҳангӣ касб намудани Ватани азизамон иди миллию аҷдодии мо - Наврӯз бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хусусияти ҷаҳонӣ гирифта, мазмун ва мундариҷаи нав пайдо кард. Зеро дар зиёда аз ҳафтод соли Ҳукумати собиқ Шуравӣ ин ҷашни табиӣ амалан мамнуъ эълон шуда буд. Ҳарчанд ки мардум, новобаста ба манъ кардани Иди Наврӯз, онро бо таври худ қайд мекарданд, акнун дар рӯзҳои мо Наврӯз ҳамчун иди баҳор ва ибтидои соли нави аҷдодӣ бо шукӯҳу шаҳомати бузург на танҳо дар доираи мамлакатҳои ҳамзабон, балки дар аксар кишварҳои ҷаҳон қайд карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати Наврӯзи ориёӣ мардуми мо 4-5 рӯз истироҳат мекунад. Барои он Наврӯзгоҳи шаҳрӣ бунёд гардидааст, ки дар он ҳама навъи бозиҳои аҷдодиямон, аз қабили аспдавонӣ ва дигар навъҳои бозиҳои шавқовар баргузор карда мешавад. Аз ҷумла, он бозиҳое, ки дар охири асри XIX дар мулки Бухоро қобили таваҷҷуҳи мардум буд. Зеботарин қасри пойтахтамон - Душанбе номи Қасри Наврӯзро дорад, ки дар он Сарони давлатҳои дунё пазируфта мешаванд. Аз ин рӯ, ҳар вақте ки мо ба таърихи иди миллиамон назар меафканем, бори дигар асари безаволи устод Садриддин Айнӣ «Ёддоштҳо»-ро ба хотир меорем, зеро ӯ аз мушоҳидаи худ як рӯзи ин идро барои мо тасвир карда буд, ки аз ҳар ҷиҳат ҷолиб ва ибратомӯз мебошад.

Бисёр хуб аст, ки мо ин ҷашни ниёгонро ҳамасола бо тамоми назокати фарҳангӣ ва шавқу завқи зиёд истиқбол менамоем ва барои густариши хусусиятҳои он саҳмгузорем, зеро миллат бо фарҳангаш зинда аст ва Наврӯз як бахши аъзами фарҳанги миллии тоҷикон мебошад.

**Ҳ. ТАЛАБШОҲ,**
**“Маърифати омӯзгор”**

# ИЛМ ДАР РУШДИ КИШВАР НАҚШИ КАЛИДӢ ДОРАД



Илм маҷмуи донишҳои мукаммали инсонӣ буда, маҳсули тафаккур ва коркардҳое мебошад, ки барои баланд бардоштани сатҳи маънавиёт ва дар умум, ояндаи дурахшони инсоният равона шудааст. Илми муосир аз рӯйи хусусиятҳояш ба тамоми самтҳои ҳаёти инсонӣ: технология ва саноат, иқтисодиёт, кишоварзӣ, сиёсат, фарҳанг ва ҷаҳонбинӣ таъсири худро мерасонад. Бузургии илм аст, ки имрӯз кашфиёту дастовардҳои олимон ба ҳаёти мо ва умуман, ба тақдири тамаддуни инсонӣ дигаргуниҳои амиқ гузоштаанд. Илм василаест, ки давлату миллатҳо бо дастовардҳои илмӣ зиндагияшонро тағйир дода, саодати инсониро соҳиб мешаванд.

Бештари мутахассисону коршиносон ба он назаранд, ки имрӯз мақом ва моҳияти илм дар даврони мо дар қиёс бо замонҳои пешин ба куллӣ тағйир ёфта, дар тамоми давлатҳои олам мавқеи беш аз пеш шоиста пайдо намудааст. Илми ҷаҳонӣ дар қарни 20 таҳаввулоти ҷиддиро сипарӣ намуда, ба тамоми бахшҳои зиндагии инсон ворид шуд. Имрӯз манзараи илмии олам дар тафовут аз қарнҳои пешин дигар шуда, ҷаҳони зудтағйирёбанда ба илм низ ҳамин хосиятро бахшидааст. Аз ин рӯ, дарки ашёву зуҳурот дар илмҳо ба куллӣ дигаргун шуда, фаҳмишҳои анъанавӣ метавонанд дигар ба марҳалаи кунунии рушди илму техника созгор набошанд. Дар ин замина идеалҳои илмӣ низ тағйир пазируфта, онҳо бештар ба шароити иҷтимоию фарҳангӣ вобастагӣ пайдо кардаанд. Дар илми муосир таҳқиқоти байнифаннӣ тавсеа ёфта, ҳамгироӣ ва ё баръакс, таҷзияи илмҳо бештар ба назар мерасад. Аз ҳама муҳим он аст, ки тамоми равандҳои зикршуда, инчунин, истифодаи ҳамагонии технологияҳои иттилоотӣ дар тамоми самтҳои илм ва дигаргуниҳои илмӣ нақши илмро дар ҳаёти инсон ва нақши инсонро дар рушди илм хеле муҳим гардонида, онро ба ҳаёту мамоти инсоният ва бақои тамаддуни инсонӣ дар рӯи Замин мубаддал сохтаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар даврони Истиқлоли давлатӣ илм дар сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакат ҷойгоҳи хосса касб намуда, махсусан, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи илм ва кормандони илмӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Бузургон гуфтаанд, ки ниҳоли илм дар замини фарҳанги моддӣ ва маънавӣ мерӯяд. Имрӯз илму дониш ва технологияҳои инноватсионӣ ба муҳаррики рушди ҷомеа табдил ёфта, ба ихтиёри одамон қувваи бузургеро гузоштанд, ки барои якбора зиёд кардани миқёси фаъолияти дигаргунсозиҳои онҳо имконоти васеъро фароҳам кардааст.

Ҳаётро бе илм ва дастовардҳои он тасаввур кардан душвор аст. Ин нуктаро Роҳбари давлат барҳақ таъкид кардаанд, ки “Илм дар рушди кишвар нақши калидӣ дорад. Рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва

омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад... Халқи мо дар баробари ҳифзи асолати милливу динии худ бояд дорои ҷаҳонбинии илмии замони муосир бошад".

Маҳз ҳамин омилро ба назар гирифта, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040-ро "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон намуданд, зеро танҳо ҷаҳонбинии илмӣ ва ҷомеаи бо донишҳо ва тафаккури техникӣ мусаллаҳ метавонад алайҳи ҳама гуна бухронҳо рақобатпазир, тобовар ва муваффақ бошад. Рушди илму маънавиёт аз таълими густурдаву низоми мукаммал вобастагӣ дорад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатияшон ба ин нукта таъкид намуданд: "Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар баробари чунин дастгириҳои давлат ва афроди ватандӯст сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд. Инчунин, назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд".

Яке аз олимони бузурги бахши табиатшиносӣ В. И. Вернадский хеле хуб гуфтааст: "Тавассути илм ва техника инсон ба қувваи махсуси геологӣ табдил ёфт, чаро ки инсон тамоми сатҳи Заминро дигаргун сохт ва ҳатто, ба биосфера таъсири амиқ гузошт. Илова бар ин, инсон дар сурате инсони ҳақиқӣ мегардад, ки аз тариқи эҷодкорона азхуд кардани мерос бо наслҳои гузаштаи одамон дар радифи ҳамбастагии таърихию фарҳангӣ қарор дошта бошад".

Амалӣ намудани ин иқдоми созандаву бунёдкорона ва таҳкимбахши рушди воқеии иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар ва ҷаҳонбинии илмӣ вазифаи ҳар як фарди худогоҳу худшинос, мақомоти давлатӣ ва аҳли зиёи мамлакат мебошад. Барои боз ҳам тақвият бахшидани илм дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, дарёфти истеъдодҳои нав дар ин самт, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ байни аҳолӣ, ривоҷ додани ихтироъкорӣ ва навоварӣ ва амалисозии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" Озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» эълон карда шуд, ки он ҳамасола ба як шукуҳу шаҳомати хосса доир мегардад.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар яке аз суханрониҳои худ вобаста ба рушди илм ва таваҷҷуҳ ба он соҳа чунин иброз намуда буд: "Бо ташаббус ва ҳидоятҳои маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишварамон ҳамасола озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм-фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикистон-Ватани азизи ман» баргузор мегарданд, ки дар онҳо теъдоди зиёди хонандагону донишҷӯён, магистрантону докторантон, омӯзгорон ва намояндагони дигар касбу кор ширкат меварзанд. Имрӯз дар Тоҷикистони соҳибистиқлол татбиқи амалии сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм ва инноватсия тибқи талаботи ҷаҳони муосир ва иқтисодиёти миллии кишвар ба роҳ монда шуда, таъмини соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ бо кадрҳои илмӣ, пайванди натиҷаҳои илм бо истеҳсолот, ҳамоҳангсозии корҳои навовариву ихтироъкорӣ дар ҷумҳурӣ, дастгирии неруи илмии муҳаққиқон самти афзалиятнок дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ дониста шудааст...".

Бояд таъкид намуд, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм тайи чанд соли охир озмунҳои «Грантҳои хурд ҷиҳати ҷалби донишҷӯён ба таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва кашфиёту ихтироъкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,

## БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ИЛМИ ТОҶИК

«Нававари беҳтарин» ва «Донишҷӯ ва пешрафти илму техника» бо иштироки теъдоди зиёди донишҷӯён баргузор мешавад.

Шоистаи зикр аст, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама мулоқоту суханрониҳояшон ба самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ - маориф ва илм таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд, зарурати пешрафту рушди ин соҳаҳои муҳимро таъкид мекунанд ва бо ташаббусҳои наҷибу беназирашон, ба монанди эълони озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва ба таври бесобиқа боло бурдани андозаи маоши кормандони соҳаи илму маориф дар рушду нумуи бештари илми тоҷик саҳми мондагор гузоштаанд. Дар ҷавоб ба ин ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат олимони заҳматпешаи ҷумҳурии мо кӯшиш доранд, ки дар рушди илми тоҷик саҳми бештар гузоранд. Бо ин мақсад, аз нигоҳи мо на танҳо фаъолсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ, балки самарабахш гардонидани идоракунии илм ва муассисаҳои илмӣ, хосатан оммависозии илм ва дастовардҳои он низ тақозо карда мешавад.

Ҳамасола якшанбеи сеюми моҳи апрел дар ҷумҳурӣ ҳамчун Рӯзи илми тоҷик гиромӣ дошта мешавад. Дар ин рӯз конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, мизи мудаввару нишастҳои илмӣ ва озмуну ташаббусҳои тарғиботиву ташвиқотӣ гузаронида мешавад. Ҳадаф аз ташкили ин иқдомҳо бештар оммавӣ гардонидани илм дар ҷомеа мебошад.

Мутахассисону коршиносони соҳа ба он назаранд, ки дар шароити муосир оммависозии илм аҳаммияти худро гум накарда, ҳоло ҳам метавонад дар мубориза бо ҷаҳолат ва тафаккури ғайриилмӣ нақши муҳимро иҷро кунад. Аз ҷониби дигар, ба шарофати оммависозии донишҳои илмӣ робитаҳои ҷомеа бо илм густариш ёфта, ин амал таваҷҷуҳи доираи васеи аҳли ҷомеаро ба ҷаҳонбинии илмӣ ҷалб месозад... Аз ин рӯ, корҳои олимон ва муассисаҳои илмӣ дар самти оммависозии илм ва дастовардҳои илмӣ бояд бо назардошти қоидаҳои муайян сурат гирад. Бояд гуфт, ки оммависозии илм ва дастовардҳои илмӣ ҳам ба илмҳои табиатшиносию техникӣ ва ҳам ба илмҳои гуманитарӣ дахл дорад. Аз ин рӯ, масъулияти роҳбарони илмҳои гуманитарӣ дар ин кор имрӯз бештар аз пештар аст. Бо ҳамин сабаб, дар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бояд ба тарғибу ташвиқи сиёсати давлатӣ, дастовардҳои даврони истиқлол, ҳувият ва арзишҳои миллӣ, ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии илмию дунявӣ, муқовимат ба паҳншавии таассубу хурофот ва афкори ифротии динӣ, фаҳмонидани таърихи миллат, моҳият ва манфиатҳои давлатдории миллӣ ва масъалаҳои дигари амсоли онҳо таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад.

Илм яке аз самтҳои фаъолияти эҷодии инсон вазифаи коркард ва мураттаб гардонидани донишҳои объективӣ оид ба воқеиятро иҷро намуда, онро ҳамчун тарзи махсуси дарёфти донишҳо, низоми ягона, ҳамбаста ва рушдкунанда оид ба олами атроф ва қонунҳои инкишофи он ба вуҷуд меоварад. Илм дастоварди бузурги фарҳанги инсонӣ буда, на танҳо ба ҳайси унсури муҳимтарини фарҳанг ва шакли олии донишҳои инсонӣ, балки ба сифати нишондиҳандаи асосии фарҳанг ва кафолати рушди муваффақонаи он низ баромад мекунад.

Донишмандон қалби инсонро раиси ҷумлаи узвҳо хондаанд ва ин раёсатро на барои қуввату бузургии қалб, балки ба хотири илму маърифат гиромӣ донистаанд. Бузурге чунин фармудааст: «Қалби инсон раиси аъзои ӯст. Раёсати қалб ба хотири қувваташ нест, зеро устухон аз қалб дида қавитару маҳкамтар аст. Раёсати қалб ба хотири бузургии он нест, чунки рони пой аз қалб дида бузургтар аст. Раёсати қалб барои тезию нозукии он нест, чунки нохун аз қалб дида бориктару тезтар аст. Пас, бидон, ки раёсати қалб дар бадани инсон танҳо ба хотири илму маърифат аст».

Воқеан, илм ба мисли чашмаест ширину зулол, ҳар кӣ аз он нӯшид, лаззату ҳаловати онро дарёфт ва ҳеҷ чизи дигарро аз он ширинтару лазизтар наёфт. Машғулияти инсон дар талаби илм лаззату ҳаловате дорад дар айни ҳол ва саодате дорад дар оянда.

## САЙҚАЛИ ЗЕҲН

**Мураттиб Ҳотами ҲОМИД**

## МУАММОИ «ИРФОН»

1. Воситаи алоқаи байни одамон. 2. Мухаммаси Сайидои Насафӣ. 3. Асбоби мусиқӣ. 4. Навъи харбуза. 5. Нашриёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 6. Муродифи вожаи «мактуб». 7. Қитъаи олам. 8. Асари драмавии Ж. Ануй. 9. Исми мардонаи тоҷикӣ. 10. Кишвар дар Федератсияи Россия. 11. Ҳаммаънои «дардманд». 12. Қаҳрамони достонҳои «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ. 13. Ҳарфи алифбои ниёгон. 14. Исми умумии ҳар гуна техникаву технология. 15. Қаҳрамони филми «Бандии Қафқоз». 16. Мафҳуми хешутаборӣ. 17. Дору (ҳаб) барои таскини дард. 18. Дарё дар Санкт - Петербург. 19. Исми Қаҳрамони Тоҷикистон. 20. Дараҷаи маълумот. 21. Песаи Ҷумъа Қуддус. 22. Романи Раҳим Ҷалил. 23. Тоза, нав. 24. Персонажи достонҳои «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ. 25. Барномаҳои иттилоотии ВАО. 26. « *** ва Людмила», достони А. С. Пушкин. 27. *** Қарабоев, нахустин Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ аз Осиёи Миёна. 28. Донаи шоҳмот. 29. Кабир, бузург. 30. Исми собиқи шаҳри Турсунзода. 31. Басаҳнагузори филми «Зумрад» («Тоҷикфилм»). 32. Романи Фотеҳ Ниёзӣ. 33. Укёнус. 34. Махзани дониш. 35. «Он лаб, ки сухансанҷ набошад лаби *** аст» (Бедил). 36. Шахси ба дил наздик. 37. Пасоянди забони тоҷикӣ. 38. Исми мардона. 39. Шахси сеюми шумораи ҷамъ. 40. Донишмандро гӯянд. 41. «*** сифати мардуми озода набошад» (Соиб). 42. *** Назриев, Ҳофизи халқии Тоҷикистон. 43. Гул. 44. Ҳунарпеша. 45. Асари Бобоҷон Ғафуров. 46. «***иву пас аз марги Сухроб омадӣ» (Шаҳриёр). 47. *** Шарифзода, шоири тоҷик. 48. Яке аз муқаддасоти миллӣ. 49. Муродифи ҷуфтистеъмоли вожаи «ишва».



## ҶАВОБҲОИ ЧАЙНВОРДИ "РӮЗИ МОДАР

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Модар | 13. | Сада | 25. | Ҳамал | 37. | Туркманистон |
| 2. | Радио | 14. | Ақиқа | 26. | Лайлӣ | 38. | Наъно |
| 3. | Озод | 15. | Андеша | 27. | Истиқлол | 39. | Ошкоро |
| 4. | Дандон | 16. | Асал | 28. | Лолазор | 40. | Ошкаду |
| 5. | Навид | 17. | Лағмон | 29. | Рӯймол | 41. | Укёнус |
| 6. | Доира | 18. | Нотариус | 30. | Лейтенант | 42. | Синтаксис |
| 7. | Андалеб | 19. | Садо | 31. | Тоҷикобод | 43. | Ситор |
| 8. | Бадминтон | 20. | Офтоб | 32. | Домодедово | 44. | Рух |
| 9. | Наргис | 21. | Бедона | 33. | Олуча | 45. | Хурофот |
| 10. | Сино | 22. | Андалеб | 34. | Август | 46. | Тут |
| 11. | Ошхона | 23. | Бобо | 35. | Телевизор | 47. | Тағо |
| 12. | Атлас | 24. | Обонмоҳ | 36. | Рашт | | |

# МУНДАРИҶА


ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

А. АБДУЛҲАЕВ. Нақши арзандаи Истиқлоли давлатӣ дар ташаккули маорифи миллӣ……………………………………………………………………….................1

МЕҲРНОМА БА УСТОД

С. ЯТИМОВ. Муаллими ман………………………………..……………....4

ИДЕОЛОГИЯ

Р. МУКАРРАМ. Хонавода, мактаб ва ҷомеа – се муҳити тарбиягари инсон.….9

СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

Д. САНГИНЗОД. Ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълимоти ҳуқуқӣ…..12

12-УМИ АПРЕЛ - РӮЗИ КАЙҲОННАВАРДОН

А. ШАРИФЗОДА. Қонунҳои Кеплер ва ҷозибаи ҷаҳонӣ..................................17

ЗАБОНШИНОСӢ

А. НАБАВӢ. Устод Айнӣ ва масъалаи табдили алифбо........................................21

ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Т. НЕГМАТОВА. Саёҳат ба кишвари Рангистон...............................................25

ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ

Ф. НАЗАРОВА. Нақши адабиёти бадеӣ дар инкишофи нутқи хонандагони хурдсол............................................................................................................28

МАТЕМАТИКА

М. ҶУМЪАЕВА. Усулҳои таълими муодилаҳои дуамала дар синфҳои 4..........31

ХИМИЯ

Ш.С. ШАМСУТДИНОВА, И.Ю. ҲАСАНОВА. Аз таърихи пайдоиши қонуни Авогадро...........................................................................................................34

ТАЪЛИМ

А. ИСМОИЛОВ. Истифодаи технологияи бозӣ дар дарси таърих...................37

МЕТОДИКА

Ш. ЗАРИПОВА. Тафаккури интиқодӣ ва раванди таълими он.........................40

ФАНҲОИ ДАҚИҚ

Д. РУСТАМОВА. Математика ва ҳалли масъалаҳои матнӣ.............................45

ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

У. ИШҚУЛОВА. Аҳаммияти корҳои берунасинфӣ ва берунамактабӣ дар дарси адабиёт.............................................................................................................47

МАВЗУИ РӮЗ

Ҳ. АЗИЗӢ. Филмҳои бачагона: вазъ, мушкилот ва дурнамо.............................50

ПСИХОЛОГИЯ

М. ЭМОМНАЗАРОВА. Такмили равандҳои муосири таълим..........................56

ТАҲҚИҚ

А. ЁРМУҲАММАДОВ. Инъикоси суннатҳои ниёгон дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ..............................................................................................57

БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ИЛМИ ТОҶИК

Ҳ. ТАЛАБШОҲ. Илм дар рушди кишвар нақши калидӣ дорад.......................59

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

Ҳ. ҲОМИД. Муаммои «Ирфон»........................................................................62

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»**

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи ДДБ ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**МУАССИС**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Шодӣ САФАРОВ,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика.

**Ҳасан АЗИЗОВ,** муовини сармуҳаррир.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**МОРО ДАР ҶАҲОНИ ИНТЕРНЕТ ҲАМРОҲӢ НАМОЕД**

СОМОНАИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

ГУРӮҲИ ФЕЙСБУКИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

**Индекси обуна: 77570.**
**Андозаи 60x841/8.**
**Адади нашр 7150 нусха.**
**Дар матбааи «Табъу нашр» чоп шудааст.**
**Нархаш шартномавӣ.**

**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**